ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ
ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ
TAJIK STATE UNIVERSITY OF FINANCE AND ECONOMICS

ПАЁМИ
МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД
№2
(маҷаллаи илмӣ-амалӣ)

ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ
ВЕСТНИК
№2
(научно-практический журнал)

THE FINANCE AND ECONOMIC
BULLETIN
№2
(science-practical journal)

Душанбе, 2025

САРМУҲАРРИР

Сатторзода Б.А. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

МУОВИНОНИ САРМУҲАРРИР

Саидмуродзода Л.Ҳ. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Раҳимзода Шариф – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Фақеров Ҳ.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

КОТИБИ МАСЪУЛ

Қодиров Ф.А.– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

ШУРОИ ТАҲРИРИЯ

Маҷидӣ Ю.Х. - номзади илмҳои иқтисодӣ, Муовини якуми Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Жанета Симанавичене – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи Миколас Рёмирес (Ҷумҳурии Литва), профессори фахрии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Эргашев Р.Х. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи муҳандисию иқтисодии Қаршии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Назирӣ Г.Н. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон

Солеҳзода А.А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини якуми Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шарифзода М.М. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шарифӣ Дилшод - номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори Сарраёсати қарзи давлатӣ ва ҷалби сармоягузории давлатӣ

Умед Давлатзод - номзади илмҳои иқтисодӣ, директори пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии “Молия”-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷураев Х. - номзади илмҳои иқтисодӣ, директори маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти молияи назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

АЪЗОИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

08.00.01 – НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ

Саидмуродзода Л.Ҳ. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қандиёрова Д.О. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҷонмамадов Ш.Б. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сафаров Б.Г. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Убайдуллоев Ф.К. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

08.00.03 – ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ ВА ҲУДУДӢ

Раҳматзода Р.Р. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аминов И. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Мирсаидов С.А - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Содиқов М.С. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Буриева М.Ч. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

08.00.04 – ИҚТИСОДИЁТИ СОҲАВӢ

Фақеров Ҳ.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Кошонова М.Р. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қодиров Ф.А.– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Фарайдунов О.Қ. - номзади илмҳои физика-математика, Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

08.00.07 – МОЛИЯ, МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА ҚАРЗ

Раҳимзода Шариф – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Хайрзода Ш.Қ. - доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара

Шарипов Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Нурализода Э.Н. - доктори илмҳои иқтисод, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Саидов Р.Н. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №417/МҶ– 97 аз 16.05.2025 сабти ном шудааст.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
Паёми молия ва иқтисод
Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии Шохиси иқтибосоварии илмии Россия (ШИИР) шудааст.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР

Сатторзода Б.А. – кандидат педагогических наук, доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета

ЗАМЕСТИТЕЛИ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Саидмуродзода Л.Х. – член-корр. НАНТ, доктор экономических наук, профессор кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

Рахимзода Шариф – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета

Факеров Х.Н. – доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предприятия и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета

ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ

Кодиров Ф.А– кандидат экономических наук, доцент, проректор по науке Таджикского государственного финансово-экономического университета

РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ

Жанета Симанавичене – доктор экономических наук, профессор Университета Миколаса Ремиреса (Литовская Республика), почетный профессор Таджикского государственного финансово-экономического университета

Маджиди Ю.Х. - кандидат экономических наук, Первый заместитель Министра финансов Республики Таджикистан

Эргашев Р.Х. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономики Каршинского инженерно-экономического института Республики Узбекистан

Назири Г.Н. - доктор экономических наук, профессор, заместитель Председателя Национального банка Таджикистана

Солехзода А.А. - кандидат экономических наук, первый заместитель Министра экономического развития и торговли Республики Таджикистан

Шарифзода М.М. - доктор экономических наук, профессор, заместитель председателя Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

Шарифи Дилшод - кандидат экономических наук, начальник Главного управления государственного долга и привлечения государственных инвестиций

Умед Давлатзод - кандидат экономических наук, Директор научно-исследовательского института «Финансы» при Министерстве финансов Республики Таджикистан

Джураев Х. - кандидат экономических наук, директор Центра повышения квалификации работников финансовой сферы Министерства финансов Республики Таджикистан

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ

08.00.01 – ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ТЕОРИЯ

Саидмуродзода Л.Х. – член-корр. НАНТ, доктор экономических наук, профессор кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кандиёрова Д.О. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Джонмамадов Ш.Б. - доктор экономических наук, профессор кафедры мировой экономики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Сафаров Б.Г. – доктор экономических наук, доцент, проректор по международным связям Таджикского государственного финансово-экономического университета

Убайдуллоев Ф.К. - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

08.00.03 – РЕГИОНАЛЬНАЯ И ТЕРРИТОРИАЛЬНАЯ ЭКОНОМИКА

Рахматзода Р.Р. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета

Аминов И. - доктор экономических наук, профессор кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета

Мирсаидов С.А. - доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой биржевого дела Таджикского государственного финансово-экономического университета

Содиков М.С. - доктор экономических наук, доцент кафедры мировой экономики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Буриева М.Ч. - кандидат экономических наук, доцент, проректор по воспитательной работе Таджикского государственного финансово-экономического университета

08.00.04 – ОТРАСЛЕВАЯ ЭКОНОМИКА

Факеров Х.Н. – доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предприятия и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кошонова М.Р. - доктор экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кодиров Ф.А– кандидат экономических наук, доцент, проректор по науке Таджикского государственного финансово-экономического университета

Фарайдунов О.К. - кандидат физико-математических наук, Начальник управления по науке и инновации Таджикского государственного финансово-экономического университета

08.00.07 – ФИНАНСЫ, ДЕНЕЖНОЕ ОБРАЩЕНИЕ И КРЕДИТ

Рахимзода Шариф – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета

Хайрзода Ш.К. - доктор экономических наук, ректор Дангаринского государственного университета

Шарипов Б.М. – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета

Нурализода Э.Н. - доктор экономических наук, профессор кафедры финансы Таджикского государственного финансово-экономического университета

Саидов Р.Н. - кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.
Журнал регистрирован в Министерстве культуры Республики
Таджикистан под №417/ЖР - 97 с 16.05.2025г.
Таджикский государственный финансово-экономический университет,
Финансово-экономический Вестник
Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

CHIEF EDITOR

Sattorzoda B.A. – candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Rector of the Tajik State University of Finance and Economics

DEPUTY CHIEF EDITORS

Saidmurodzoda L. Kh. – Corresponding Member of National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of International Finance and Credit Relations of Tajik State University of Finance and Economics

Rahimzoda Sharif – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Banking of the Tajik State University of Finance and Economics

Faqerov H.N. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic of enterprise and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics

AMENABE'S SECRETARY

Qodirov F.A.– candidate of Economic sciences, Associate Professor, Vise-Rector for Science of the Tajik State University of Finance and Economics

EDITORIAL COUNCIL

Janeta Simanaviciene - Doctor of Economics, Professor of Mikolas Remires University (Republic of Lithuania), Honorary Professor of Tajik State University of Finance and Economics

Majidi Y.Kh. – Candidate of Economic Sciences, First Deputy Minister of Finance of the Republic of Tajikistan

Ergashev R.Kh. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economics, Karshi Engineering and Economic Institute of the Republic of Uzbekistan

Naziri G.N. - Doctor of Economic Sciences, Professor, Deputy Chairman of the National Bank of Tajikistan

Solehzoda A.A. - Candidate of Economic Sciences, First Deputy Minister of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan

Sharifzoda M.M. - Doctor of Economic Sciences, Professor, Deputy Chairman of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan

Sharifi Dilshod – Candidate of Economic Sciences, Head of the Main Department of Public Debt and Public Investment Attraction

Umed Davlatzod - Candidate of Economic Sciences, Director of the Financial Research Institute of the Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan

Juraev Kh. – Candidate of Economic Sciences, Director of the Center for Advanced Training of Financial Authorities of the Republic of Tajikistan

EDITORIAL BOARD

08.00.01 – ECONOMIC THEORY

Saidmurodzoda L. Kh. – Corresponding Member of National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of International Finance and Credit Relations of Tajik State University of Finance and Economics

Kandiyorova D.O. - Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Jonmamadov Sh.B. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of World Economy of the Tajik State University of Finance and Economics

Safarov B.G. – Doctor of Economic Sciences, associate professor, Vise-Rector on International Relations of the Tajik State University of Finance and Economics

Ubaydulloev F.K. – candidate of Economic sciences, associate professor, the Head of Department of the International finance and Credit Relations of the Tajik State University of Finance and Economics

08.00.03 – REGIONAL AND TERRITORIAL ECONOMICS

Rakhmatzoda R. R. - Professor of the Department of Economic Analysis of the Tajik State University of Finance and Economics

Aminov I. - Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department Management of the Tajik State University of Finance and Economics

Mirsaidov S.A.– Doctor of Economic Sciences, Professor, the Head of Department of the Exchange Business of the Tajik State University of Finance and Economics

Sodiqov M.S. – Doctor of Economic Sciences, associate professor of the World economy ofthe Tajik State University of Finance and Economics

Burieva M.Ch. - Candidate of Economics, Associate Professor, Vice-Rector for Educational Work of the Tajik State University of Finance and Economics

08.00.04 – SECTORAL ECONOMICS

Faqerov H.N. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic of enterprise and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics

Koshonova M.R. - Doctor of Economics, Professor of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economics

Qodirov F.A.– candidate of Economic sciences, Associate Professor, Vise-Rector for Science of the Tajik State University of Finance and Economics

Faraidunov O.Q. - candidate of Physical and Mathematical Sciences, Head of the Department of Science and Innovation of the Tajik State University of Finance and Economics

08.00.07 – FINANCE, MONETARY CIRCULATION AND CREDIT

Rahimzoda Sharif – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Banking of the Tajik State University of Finance and Economics

Khayrzoda Sh.Q. - Doctor of Economic Sciences, Rector of the Danghara State University

Sharipov B.M. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Banking of Tajik State University of Finance and Economics

Nuralizoda E.N. - Doctor of Economics, Professor of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economics

Saidov R.N. - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Audit and Revision of the Tajik State University of Finance and Economics

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.
The journal is registed in the Ministry of Culture of the Republic
of Tajikistan №417/ЖР – 97 from 16.05.2025
The Tajik State University of Finance and Economics,
The Finance and Economic Bulletin
The journal is included in the Russian Science Citation Index (RSCI).

МУНДАРИҶА

Аминов И. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: гузариш ба “кишвари “сабз”....10-19

Муқадасзода Ф.М., Тоиров М.И. Баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва омилҳои асосии таъсиррасон.....20-26

Сафаров Б.Г., Ҳамроев М.И. Ҷалби сармоя ва технология хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири ҳамгиироии минтақавии иқтисодӣ.....27-40

Невмержицкий А.Л., Разумовская Е.А. Цифровая трансформация строительной отрасли россии: опыт и перспективы BIM-технологий.....41-48

Кодиров Ф.А. Циркулярная экономика в системе факторов повышения конкурентоспособности промышленности Республики Таджикистан.....49-56

Бобозода К.О. Асосҳои илмӣ, моҳият ва хусусиятҳои эмпирикии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ.....57-66

Усмонов М.Р., Равшанов Ш.А., Фозилов Х.Х., Мирзоев А. Использование национальных парков в целях экотуризма (на примере Узбекистана) 67-75

Усманов М.Р., Акдодова Н. Географические особенности использования трансграничных территории центральной азии в туризме.....76-84

Колбина А.Д. Анализ влияния цифровизации на управление качеством услуг.....85-91

Рауфи Ф.А. Подготовка управленческого персонала транспорта в экономически развитых странах (США и Япония) 92-103

Ғафуров П.Ҷ. Арзёбии сохтор ва устувории молиявии буҷети давлатии Тоҷикистон: зарурати ислоҳоти методологӣ ва ҳамоҳангсозӣ бо стандартҳои байналмилалӣ.....104-112

Шералиев А.А. Состояние и перспективы развития транспортной инфраструктуры Таджикистана в контексте перехода на «зеленые» принципы развития.....113-121

Тоҷидинова З.С. Тартиби гузаронидани санҷиш ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ.....122-129

Ли Чжэкай, Разумовская Е.А. Влияние демографических изменений и уровня образования на систему социального страхования Китая.....130-141

Го Шоуинь, Разумовская Е.А. DEFI и пенсионная система китая: между технологическим потенциалом и нормативными ограничениями.....142-150

Хаирова Э.А. Цифровизация и применение искусственного интеллекта в финансово-кредитных отношениях.....151-162

Антонов И.В., Зайцева О.С. Актуальные вопросы оценки квот на вылов камчатского краба при кредитовании рыбопромышленного бизнеса в России….....163-171

Юнусзода Х.Қ. Пешгӯии динамикаи содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон: модел ва сохтори он.....172-178

Zhanabay A.A., Shokhan R. Hospitality without borders: creating an inclusive environment for guests.....179-185

Мирзоева Дж.П. Влияние естественно-монопольных структур авиаперевозок на эффективность экономического развития Таджикистана.....186-196

Бобомуродов П.Х. Мукаммалгардонии шаклҳои ташкилӣ - ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ).....197-204

Рачабов С.Р. Хусусиятҳои баҳисобгирии масрафҳо дар корхонаҳои истеҳсолӣ.....205-212

Ахмедова А.М. Развитие и размещение электрического транспорта Таджикистана на этапе перехода к индустриально-аграрной модели развития экономики….....213-221

Шарофуддинзода Д.Ш. Механизми дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ.....222-229

DOI: 10.24412/2663-0389-2025-245-10-19
УДК: 330.32(575.3) + 333.7(575.3)

ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ГУЗАРИШ БА “КИШВАРИ “САБЗ”

Аминов И.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Мақола дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ таҳия ва ба таҳлили асосҳои назариявӣ ва амалии гузариш ба кишвари «сабз» дар кишвар бахшида шудааст. Дар он моҳият, хусусиятҳо ва принсипҳои асосии «иқтисоди сабз» баррасӣ гардидаанд. Вазифаҳои сатҳҳои гуногуни идоракунӣ: ҳукумат, иқтисодиёти воқеӣ, ҷомеа ва аҳолӣ дар амалӣ намудани гузариш ба кишвари «сабз» нишон дода шудаанд. Самтҳои афзалиятноки рушди «иқтисоди сабз» ва марҳалаҳои гузариш ба кишвари «сабз» пешниҳод карда шудаанд.

Калидвожаҳо: иқтисоди «сабз», кишвари «сабз», хусусиятҳо, принсипҳо, ҳукумат, субъектҳои хоҷагидор, аҳолӣ, самтҳои афзалиятнок, марҳалаҳои гузариш.
Таърихи мақола: мақола ба муҳаррир 8 апрели соли 2025 ворид шудааст; пас аз баррасии коршиносон 15 апрели соли 2025 такмил дода шудааст; барои нашр 29 апрели соли 2025 қабул шудааст.
Барои иқтибос: Аминов, И. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: гузариш ба “кишвари “сабз” / И. Аминов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. –No. 2(45). – С. 10-19.

ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ПЕРЕХОД В «ЗЕЛЕНУЮ СТРАНУ»

Аминов И.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. Статья, основанная на Послании Президента Республики Таджикистан от 28 декабря 2024 года “Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики”, посвящена теоретическим и практическим основам перехода в «зеленую страну». В ней обсуждается сущность, особенности и основные принципы «зеленой экономики». Показаны задачи различных уровней управления: правительство, реальная экономика, общество и население в осуществлении перехода к “зеленой” стране. Предложены приоритетные направления развития «зеленой экономики» и этапы перехода “зеленой” страны.

Ключевые слова: зеленая экономика, зеленая страна, особенности, принципы, правительство, хозяйствующие субъекты, население, приоритетные направления, переходные этапы.
История статьи: статья поступила в редакцию 8 апреля 2025 года; доработана после рецензирования 15 апреля 2025 года; принята к публикации 29 апреля 2025 года.

MESSAGE FROM THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: TRANSITION TO A "GREEN COUNTRY”

Aminov I.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. The article, based on the Message of the President of the Republic of Tajikistan dated December 28, 2024 "On the main directions of the Republic's domestic and foreign policy", is devoted to the theoretical and practical foundations of the transition to a "green country". It discusses the essence, features and basic principles of the "green economy". The tasks of various levels of government are shown: the government, the real economy, society and the population in making the transition to a “green” country. The priority directions of the development of the "green economy" and the stages of transition of a "green" country are proposed.

Keywords: green economy, green country, features, principles, government, business entities, population, priority areas, transitional stages.
Article History: the article was submitted to the editor on April 8, 2025; revised after peer review on April 15, 2025; accepted for publication on April 29, 2025.

Гузориши масъала. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва берунии ҷумҳурӣ” аз 28 декабри соли 2024 қайд намуданд, ки “дар соли 2025-ум доир ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тадбирҳои мушаххас андешида шаванд” [1].

Дар мамлакат “Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037” қабул карда шудааст, ки тибқи он **то соли 2037 Тоҷикистон ба кишвари “сабз”** табдил дода мешавад [2]. Аз ин лиҳоз, омузиши асосҳои назариявии иқтисоди “сабз” ва роҳҳои таъмини гузариш ба кишвари “сабз” аҳамияти аввалиндараҷа пайдо менамоянд.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои охир дар адабиёти иқтисодӣ асарҳои зиёд доир ба масъалаҳои рушди “иқтисоди сабз” интишор шудаанд (3, 4, 5, 6, 7, 8, 9). Дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ “Институти рушди устувор ва иқтисоди сабз” таъсис дода шудааст ва мунтазам корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар ин самт пеш бурда истодааст. Бо ташаббуси ин институт дар солҳои 2024-2025 якчанд чорабиниҳои илмии сатҳи ҷаҳонӣ доир ба мавзуи мазкур гузаронида шуданд. Дар баробари ин таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни назариявию амалии рушди “иқтисоди сабз” ба таҳқиқотҳои махсус ниёз дорад.

Мақсади мақола таҳлили моҳият, мафҳум, принсипҳо, ҷанбаҳо, мундариҷаи иқтисоди “сабз” ва баррасии самтҳои яфзалиятнок ва марҳилаҳои гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба **кишвари “сабз”** мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Ташаккули “иқтисоди сабз” аз зарурияти таъмини рушди устувори иқтисодиёт, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист барои насли имрӯзаву оянда, сарфакорона ва самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ, таъмини саломатии мардум бармеояд.

Истифодабарии захираҳои табиӣ дар ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммоҳои зиёд вуҷуд доранд. Захираҳои табиат ба монанди об, маъданҳо ва хоку замин бемаҳдуд нестанд ва истифодабарии нодурусти онҳо, ба нобудшавӣ ва камшавии онҳо оварда истодааст, ки афзоиши истеъмол онҳоро дер ё зуд ба тамомшавӣ оварда мерасонад. Низоми истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла истифодаи ғайриратсионалӣ ва зиёдатии онҳо ба анъана даромадааст. Баъд аз коркарди саноатии онҳо партовҳои зиёд ба вуҷуд меоянд, ки аз истеҳсолот берун мемонанд. Дар гирду атрофи шаҳру ноҳияҳо дар ҷойҳои махсус барои партовҳо ҷудокардашуда миқдори зиёди партовҳо ҷамъ гардидааст, ки ба ифлосшавии табиат мерасонад. Таъсири манфии тағйиротҳои иқлимӣ ба захираҳои табиӣ, аз ҷумла об, заминҳои кишт, ҷангалзорҳо аён ба назар мерасад. Афзоиши аҳолӣ талаботро ба об, маҳсулоти кишоварзӣ ва чорводорӣ зиёд менамояд. Қисми ҳосили руёнидашуда, то ба бурда расонидан ба истеъмолкунандагони дохилӣ ва хориҷӣ талаф меёбад. Ифлосшавии табиат, аз ҷумла замин, об ва ҳаво ба муҳити зисти одамон ва саломатии аҳолӣ зарари калон мерасонад.

Агар инсоният ҳозир ба ин равандҳо дахолат накунад, пас офати глобалии экологӣ сар мезанад. Имрузҳо замин ва табиатро солим истифода бурдан ва ба насли оянда солим мерос гузоштан ба яке аз муаммоҳои муҳимтарини ҳалталаб табдил ёфтааст. Ташаккули иқтисоди сабз ба ҳалли ҳамаи муаммоҳои номбаршуда вобастагии зич дорад.

Ҳамин тавр, зарурияти гузариш ба “иқтисоди сабз”-ро омилҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ба миён меоваранд. Маҳз ташаккули иқтисоди сабз имконият медиҳад, ки масъалаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ дар пайвастагӣ бо ҳам ҳалли худро ёбанд.

Дар соҳаи экология “иқтисоди сабз” ба муҳофизати муҳити зист ва сарфаю нигоҳдории захираҳои табиӣ равона шуда, ба кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ, партови истеҳсолӣ ва истеъмолӣ мерасонад ва ҳамаи онҳо пурра ва гаштаю баргашта ба иқтисодиёт ҷалб карда мешаванд, бехатарии обу ҳаво, ифлосшавии онҳо таъмин карда мешавад, солимии замин, табиат барои наслҳои ояндаи инсоният нигоҳ дошта мешавад.

Дар соҳаи иқтисодиёт ташаккули иқтисоди сабз имконият фароҳам меоварад, ки рушди устувори иқтисодӣ таъмин гашта, соҳаҳои нави иқтисодӣ, ба монанди энергияи барқароршаванда, технологияҳои сабз, кишоварзии сабз, сайёҳиии сабз ва монанди инҳо рушд намоянд, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ таъмин карда шуда, давра ба давра ҷалб намудани партовҳо ба истеҳсолот таъмин гардад ва барои гузариш ба иқтисодиёти бепартов заминаҳои воқеӣ фароҳам оварда шавад. Ҳамчунин, ба паст намудани харочотҳои истеҳсолӣ, нақлиёту алоқа, сохтмон, муомилот ва дигар соҳаҳо равона гашта, афзоиши ҷойҳои корӣ нав мусоидат мекунад. Истеҳсоли маҳсулоту молҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ба роҳ монда шуда, онҳо дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир мегарданд. Иқтисоди сабз ба ҷалби сармоягузориҳои сабз, аз ҷумла сармоягузориҳои хориҷӣ бештар мусоидат менамояд.

Дар соҳаи иҷтимоӣ рушди “иқтисоди сабз” ба таъсиси ҷойҳои корӣ нав, зиёд намудани даромадҳои аҳолӣ меоварад, баланд шудани некуаҳволии халқ ва коҳиш додани камбизоатии аҳолӣ мусоидат менамояд, амнияти озуқаворӣ ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз ҷиҳати сифат таъмин

мегардад. Ҳамзамон, молҳои ғайриозуқа (либосҳо, пойафзол, молҳои парфюмерию косметикӣ, қолинҳо, техникаҳои хона ва ғайра) низ сабз (ба саломатии инсон безар) гардида, зиндагии мардум беҳтар мегардад ва ба солимии аҳолӣ бештар мусоидат мекунад.

Иқтисоди сабз модели рушди устувори иқтисодӣ мебошад, ки ба истифодаи масъулиятноки захираҳои табиӣ ва ҷустуҷӯи тавозун байни рушди иқтисодиёт, афзоиши некуаҳволии мардум ва ҳифзи муҳити зист равона шудааст. Ғояи асосии иқтисоди сабз ин талош барои рушди мутавозин аст, ки дар он рушди иқтисодиёт ва ҳарчӣ бештар қонеъ кардани ниезҳои кунунии аҳолӣ ба кам шудани захираҳои табиӣ ва вайрон шудани устувории экологӣ барои наслҳои оянда намеоварад.

Иқтисодиёти сабз чунин модели рушди иқтисодӣ мебошад, ки муносибати масъулиятноки инсонро ба захираҳои таббиию истеҳсолии замин тағйир медиҳад. Ҳадафи асосии он ҳифз ва оқилона истифода бурдани сарватҳои табиӣ мебошад. Масъала оз он иборат аст, ки дар ҷаҳони муосир дар солҳои охир, агар аз як тараф, рушди босуръати истеҳсолот ба баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат намояд аз тарафи дигар бошад, ба экология ва захираҳои табиӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамасола ҳазорон гектар заминҳои корам аз гардиш боздошта мешаванд, ҷангалҳо нобуд мегарданд, миллионҳо тонна гази карбон ба атмосфера партофта мешавад, миқдори зиёди партовҳои пластикӣ истеҳсол карда мешаванд, ки коркарди саноатии партовҳоро ба таври бояду шояд тақозо менамояд.

Ҳамин тавр, консепсияи “иқтисоди сабз” маҳз ба рафъи ихтилофоти байни рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани некуаҳволии халқ ва ҳифзи захираҳои табиӣ равона шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло, *иқтисоди сабз ҳамчун фаъолияти хоҷагидорӣ модели ҳамбастагии рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологие мебошад, ки тараққиёти устувори иқтисодиёт ва таъмини некуаҳволии аҳолиро дар асоси ҳифзи пурраи муҳити зист ва адолати иҷтимоӣ таъмин менамояд.*

Иқтисодиёти "сабз" ба ҳалли масъалаҳои зерин мусоидат менамояд:

- ҳифз, самаранок ва сарфакорона истифода намудани сарватҳои табиӣ, пешгирии талафшавӣ ва афзун намудани онҳо;
- паст ва нест кардани партовҳои гази карбон, пешгирии ифлосшавии табиат ва атмосфера,;
- гаштаю баргашта ҷалб намудани партовҳои истеҳсолӣ, ташкилоту муассисаҳо ва хонаводаҳо барои коркардҳои дуюмбораю сеюмбора ва бо таври максималӣ кам намудан ва тамоман нест кардани онҳо;
- барҳам додани ифлосшавии муҳити зист, гузариш ба иқтисодиёти тоза;
- нест намудани пешгирии талафотҳои гуногунии биологӣ;
- кам кардани омилҳои зараррасон ба муҳити атроф;
- ворид намудани технологияҳои сабз ба истеҳсолот;
- истеҳсоли молу маҳсулот, воридот ва содирот, савдои молҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза;
- хизматрасониҳо ва сайёҳии сабз;
- таъмини ҷойҳои корӣ ба саломатии кормандон безарар;
- рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, афзоиши даромад, шуғлнокӣ ва некуаҳволии аҳолӣ;

- ҳамбастагии иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва экология.

Дар соли 2012 тибқи барномаи экологии СММ чор принсипҳои асосии иқтисоди сабз таҳия карда шудаанд [6]:

- принсипи сайёраи солим. Барои наслҳои имруза ва оянда барқарорсозии экосистемаҳо ва ҳифзи гуногунии биологиро таъмин намудан зарур аст. Давлат ва сохторҳои хоҷагидор барои солим нигоҳ доштани табиат бояд сармоягузорӣ кунанд.

- принсипи некӯаҳволӣ. Иқтисоди сабз беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолиро таъмин менамояд. Бинобар нишондиҳандаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла маҷмуӣ маҳсулоти дохилӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ҳаҷми хизматрасонӣ, боркашонӣ, хизматҳои алоқа ва ғайра бояд дар асоси таъмини вазъи экологӣ ташаккул ёбанд ва барои таъмини некуаҳволии халқ равона карда шаванд.

- принсипи идоракунии дуруст. Идоракунӣ бояд шаффоф ва ҳисоботдиҳанда бошад. Масъулият барои зарари экологӣ мутаносибан ба саҳми зараррасонандагон (давлатҳо ва сохторҳои хоҷагидор) гузошта мешавад.

- принсипи самаранокӣ ва кофӣ. Истифодаи захираҳои табиӣ самаранок ба роҳ монда шавад, истеъмоли онҳоро то ба ҳадде маҳдуд намудан зарур аст, ки ба барқароршавӣ мусоидат намояд. Дастгирии технологияҳои камкарбон, истеҳсоли устувор ва оқилона бояд дар сатҳи ҳар як кишвар нигоҳ дошта шаванд.

Аз давраи қабули ин принсипҳо сенздаҳ сол сипарӣ гаштааст. Назарияи иқтисоди сабз мукаммал гардид. Бинобар ин ба андешаи мо онҳоро такомул додан ва принсипҳои зеринро илова намудан мувофиқи мақсад мебошад.

- пайравӣ кардани ҷараёнҳои табиӣ. Иқтисодиёт бояд равандҳои табииро тавассути интиқоли энергияи барқароршаванда, ҳифзи растаниҳои минтақавӣ ва занҷири ғизоӣ аз манбаъҳои маҳаллӣ пайгирӣ намояд. Ҷамъият торафт сабзтар мешавад ва аз ин рӯ сарҳадҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бо сарҳадҳои экосистема мувофиқат мекунанд. Ҳамин тариқ, иқтисодиёт биоминтақавӣ хоҳад буд.

- партовҳо бояд ба истеъмол баробар бошанд. Дар табиат партовҳо бояд набошанд ва анҷоми як раванд оғози баъзе раванди дигар аст. Ин принсип на танҳо дараҷаи баланди ҳамгироии ташкилиро дар назар дорад, балки имконияти истифодаи минбаъдаи маҳсулоти иловагии истеҳсолотро ба назар мегирад.

- афзалияти арзиши истеъмолӣ ва сифат. Ин принсипи бунёдии иқтисоди "сабз" аст, ки ба муҳити зист нигаронида шудааст. Маҳсулот бояд воситаи қонеъ кардани ниёзҳои воқеӣ аз рӯи миқдор ва сифат бошад.

- эҷодкорӣ ва рушди инсон. Рушди технологияҳои нави истеҳсолӣ аз ҷомеа ва ҳар як шахс эҷодиёти зиёдро талаб мекунад. Дар иқтисоди сабз манфиатҳои шахсӣ ва сиёсӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ба ҳам меоянд. Иқтидорҳои иҷтимоӣ, эстетикӣ ва маънавӣ дар ноил шудан ба самаранокии иқтисодӣ асосӣ шуда, барои инсон ҳадафҳои муҳим мегарданд.

Тавре ки дида мешавад, консепсияи иқтисоди "сабз" дигаргуниҳои куллиро дар бар мегирад, дар айни замон онҳо бояд тадриҷан ва органикӣ бошанд. Пешравиҳои иқтисоди сабз бояд аввал дар корхонаҳо ё соҳаҳо пайдо гарданд, ки барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти пешрафта ва некуаҳволии халқ замина фароҳам оранд.

Татбиқи асосҳои иқтисоди сабз раванди мураккабест, ки амалҳои заруриро

дар сиёсат ва танзими давлатӣ, фаъолияти сохторҳои хоҷагидор, муассисаву ташкилотҳо, ҷамъияту аҳолӣ дарбар мегирад.

Ба мундариҷа ва вазифаҳои иқтисоди сабз дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ дохил мешаванд:

а. дар сатҳи ҳукумати кишвар:

- таҳияи стратегияи рушди иқтисоди сабз;
- коркарди заминаҳои зарурии меъёрию ҳуқуқӣ;
- дастгирии инноватсия ва тадқиқот;
- сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтори зарурӣ барои рушди иқтисоди сабз;
- маблағгузории тайёр кардани мутахассисон ва тадқиқоти илмӣ дар соҳаи иқтисоди сабз;
- истифодаи воситаҳои иқтисодӣ барои ҳавасмандгардонии иқтисоди сабз (андозҳои ифлосшавӣ, субсидияҳо барои технологияҳои сабз, тарифҳои барқ аз манбаъҳои барқароршаванда ва ғайра);
- мутобиққунии хариди давлатӣ ва додани афзалият ба молҳо ва хидматҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза;
- маблағгузории тадқиқот ва рушди илм дар соҳаи иқтисоди сабз ва ғайра.

б. дар сатҳи иқтисодиёти воқеӣ (сохторҳои хоҷагидор):

- таҳия ва татбиқи технологияҳо ва маводҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза дар истеҳсолот;
- сохтмони иншооти энергетикии барқароршаванда, ба монанди нерӯгоҳҳои барқи обӣ, нерӯгоҳҳои офтобӣ ва ғайра;
- ташкили системаҳои ҷамъоварӣ ва коркарди партовҳо, аз ҷумла кам кардани истеҳсоли партовҳо, коркард ва истифодаи такрории онҳо;
- рушди нақлиети сабз (мошинҳои барқӣ, автобусҳои барқӣ, трамвайҳо ва ғайра) ва ташкили инфрасохтор барои онҳо, аз ҷумла истгоҳҳои пуркунӣ;
- рушди сайеҳии экологӣ;
- напартофтани гази карбон ва дигар моддаҳои зараровар аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор (ширкатҳо ва соҳибкорони инфиродӣ) ба табиат;
- ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳо ва бизнеси сабз;
- сохтмони биноҳои каммасраф бо истифода аз маводи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ғайра.

в. дар сатҳи ҷомеа ва аҳолӣ:

- баланд бардоштани маърифати экологии ҷомеа дар бораи асосҳои иқтисоди сабз ва аҳамияти рафтори устувори экологӣ;
-ташаккули рафтори масъулиятнок дар байни шаҳрвандон дар соҳаи экология, ифлосшавии табиат ва ғайра.

Гузариш ба иқтисоди сабз ин вазифаи ҳамаи сохторҳои хоҷагидор (шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфродӣ) мебошад. Барои баҳо додани фаъолияти хоҷагидориву молиявии онҳо дар баробари он нишондидиҳандаҳое, ки истифода бурда мешаванд (ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши молу маҳсулот, хизмарасониҳо, иҷрои корҳо, арзиши аслии маҳсулот, хароҷотҳои истеҳсолот, муомилот, фоида ва ғайра) боз чунин нишондиҳандаҳо ворид карда шаванд, ки онҳо риоя шудани талаботҳои иқтисоди сабзро нишон диҳанд. Ин нишондиҳандаи нав вобаста ба намуди фаъолияти ин ё он субъекти хоҷагидор (истеҳсоли молу маҳсулот, фурӯши молҳо, боркашонӣ ва ё мусофиркашонӣ, хизматрасониҳои пулакӣ ва ғайра) муайян карда мешаванд.

Яке аз омилҳои дигари "сабз кардани иқтисодиёт" ин имконияти аз байн бурдани камбизоатӣ мебошад. Идоракунии оқилонаи захираҳои табиӣ ва экосистемаҳо ба кам шудани шумораи табақаҳои камбизоати

аҳолӣ ва баланд шудани сатҳи зиндагии мардум равона мешавад. Идоракунии самараноки ин системаҳо барои кишварҳои камдаромад аҳамияти махсус дорад, ки дар онҳо молҳо ва хидматҳои экосистема манбаи муҳими воситаҳои зиндагии ҷамоатҳои камбизоати деҳот ва суғуртаи онҳо барои офатҳои табиӣ ва нооромиҳои иқтисодӣ мебошанд.

Ташаккули иқтисоди сабз ва кишвари сабз дар кишвари мо бо чунин самтҳои афзалиятноки он вобастагии зич дорад:

1. **Энергияи барқароршаванда**

- рушди истеҳсоли энергияи обӣ, офтобӣ, биоэнергетикӣ. Омухтан лозим меояд, ки дар мамлакати мо оё истифодаи энергияи шамолӣ мақсаднок мебошад?

- беҳтар намудани инфрасохтори интиқоли энергия ва нигоҳдории он;

- ташвиқ ва дастгирии сармоягузории хусусӣ дар соҳаи энергияи барқароршаванда.

2. **Истифодаи самараноки захираҳо ва идоракунии партовҳо:**

- сарфа кардани истифодаи энергия ва мавод дар истеҳсолот;

- таҳия ва ҷорӣ намудани технологияҳои такрорӣ ва коркарди партовҳо;

- Ба роҳ мондани системаҳои ҷамъоварӣ партовҳо.

3. **Захираҳои об ва кишоварзии устувор:**

- истифодаи самараноки об дар кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо;

- рушди усулҳои кишоварзии мутобиқ ба иқлим ва экология;

- ҳимояи захираҳои обӣ ва пешгирии ифлосшавии онҳо.

4. **Нақлиёти сабз ва шаҳрсозии устувор:**

- рушди нақлиёти баркӣ ва дигар намудҳои нақлиёти каммасрафи аз ҷиҳати экологӣ безарар;

- тавсеаи нақлиёти ҷамъиятӣ ва инфрасохтори велосипедронӣ;

- баланд бардоштани сатҳи сабзгардонии шаҳрҳо ва коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ;

- самаранокии энергия дар хоҷагии манзилию коммуналӣ.

5. **Ҳифзи табиат ва гуногунии биологӣ:**

- ҳифзи ҷангалҳо, сабзазорҳо, кӯҳҳо ва дигар экосистемаҳои муҳим;

- ташвиқ ва дастгирии туризми экологӣ;

- ҳимояи намудҳои ҳайвонот ва растаниҳо.

6. **Таъмини маблағ ва дастгирии молиявӣ:**

- коркарди механизмҳои дастгирии молиявии лоиҳаҳои “сабз”;

- ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар соҳаи иқтисодиёти сабз;

- ташвиқи ва пиёда намудани системаҳои андози сабз.

7. Таъмини шуғли “сабз”:

- муҳайё сохтани шароити корӣ ба саломатии инсон безарар дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидор, муассисаҳо, ташкилотҳо ва дигар коргоҳҳо;

- мунтазам амалӣ намудани роботсозӣ дар коргоҳҳое, ки таъмини муҳити сабзи корӣ дар онҳо мушкилот дорад ва ғайра.

Бояд қайд намоем, ки самтҳои овардашудаи афзалиятноки гузариш ба кишвари сабзро такоммул додан мумкин аст. Ин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омузишҳои иловагиро талаб менамояд.

Гузариш ба иқтисоди сабз як раванди дарозмуддат ва бисёрҷанба мебошад.

Иштироки фаъоли давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаро талаб мекунад.

Даврањои мушаххаси гузариш ба "кишвари сабз" аз бисёр омилҳо вобаста аст, аз ҷумла вазъи кунунӣ, ҳадафҳои гузошташуда, захираҳои мавҷуда ва стратегияи интихобшуда. Дар баробари ин якчанд марҳилаҳои умумиро ҷудо кардан мумкин аст. Барои мамлакати мо даврањои мушаххаси гузариш ба кишвари “сабз”-ро чунин пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Марҳилаи омодагӣ. Пеш аз ҳама таҳлили вазъи кунунӣ ва банақшагирӣ, ки арзёбии вазъи кунунии муҳити зист, иқтисод, инфрасохтор, партовҳои газҳои гулхонаӣ, истеъмоли захираҳо ва ғайраро дар назар дорад. Баъд аз ин муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳо: ба таври возеҳ баён кардани ҳадафҳои дарозмуддати "кишвари сабз" (масалан, бартарафсозии карбон, афзоиш додани ҳиссаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, коҳиши партовҳо ва ғайра). Дар ин марҳила таҳияи стратегия ва нақшаи амал муҳим аст: муайян кардани чорабиниҳои мушаххас, сиесатҳо, қоидаҳо, нақшаҳои сармоягузорӣ, харитаҳои роҳ ва ғайра, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда заруранд. Муҳим аст, ки хатарҳо ва имкониятҳо муайян карда шаванд: таҳлили мушкилоти эҳтимолӣ, монеаҳо ва омилҳои мусоиди марбут ба гузариш ва сафарбаркунии захираҳо: ҷалби захираҳои молиявӣ, инсонӣ ва технологӣ. Таҳияи заминаи меъерӣ (қабули қонунҳо, дастурамалҳо, ва стандартҳои зарурӣ) барои дастгирӣ ва таъмини гузариш ба кишвари “сабз” сари вақт бояд анҷом дода шаванд.

2. Марҳилаи ибтидоии татбиқ: омода намудан ва татбиқи лоиҳаҳои озмоишӣ, лоиҳаҳои хурд, миёна ва калон дар сохторҳои хоҷагидор, соҳаҳои иқтисодиёт, минтақаҳои алоҳида барои озмоиши технологияҳо, сиёсатҳо ва равишҳои нав. Ташкили механизмҳои институтсионалӣ: ташаккули сохторҳо ва ташкилотҳое, ки барои ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи ташаббусҳои "сабз" масъуланд. Баланд бардоштани огоҳӣ ва омӯзиш: Огоҳ кардани ҷомеа, омӯзиши мутахассисон ва эҷоди фарҳанги рушди устувор.

3. Марҳилаи асосӣ, дар ин даврa лоиҳаҳои гузариш тартиб дода шуда, амалӣ гардонида мешаванд. Ин ҷо ҷалби сармоягузориҳо барои татбиқи лоиҳаҳои гузариш муҳим мебошанд, аз ҷумла сармоягузориҳо ба энергияи барқароршаванда, самаранокии энергия, нақлиёти сабз, коркарди партовҳо ва дигар бахшҳои иқтисодиёт. Дар қабули қарорҳо пурра ва ҳаматарафа ба назар гирифтани омилҳои экологӣ, ҳавасмандгардонии истеҳсолот ва тиҷорати" сабз", таъсиси ҷойҳои нави корӣ муҳим мебошад. Назорати мунтазами ҷараёни татбиқи нақшаҳо, чен кардани пешрафт, таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва сари вақт бартараф намудани монеъаҳои ба вуҷуд омада муҳим арзёбӣ мегарданд.

4. Марҳилаи ниҳоии рушди устувор ва ноил гаштан ба кишвари “сабз”. Ин ҷо масъалаҳои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мақсаднок аз рӯи параметрҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муҳим мебошанд. Бояд системае таъсис дода шавад, ки рушди устувори дарозмуддатро дар асоси принсипҳои иқтисодиёти "сабз" таъмин менамояд. Дар баробари ин бояд ҷустуҷӯи доимии имкониятҳои нав барои такмил, мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда ва дастгирии навоварӣ идома дода шаванд. Қайд кардан муҳим аст: Ҳангоми ворид шудани маълумоти нав, тағйирёбии технология ва вазъи иқтисодӣ бояд нақшаҳо мутобиқ карда шаванд.

Гузариш ба" кишвари сабз " як раванди тӯлонӣ аст, ки амалҳои пайваста ва мувофиқашударо талаб мекунад. Иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор: ҳукумат, сохторҳои хоҷагидор, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ муҳим мебошад. Гузариш ба кишвари “сабз” кори дастаҷамъона арзёбӣ мегардад.

Умуман, гузариш ба иқтисоди сабз, талаби замони муосир мебошад. Ин равияи нави рушди иқтисодиёт дар ҷаҳон буда, аз ҳамаи роҳбарону мутахассисон, шаҳрвандон талаб менамояд, ки ба он муносибати ҷиддӣ намоянд.

Рӯйхати дабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз саънаи 28 декабри соли 2024. URL: https://khovar.tj/2024/12/payomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-mu-taram-emomal-ra-mon-dar-borai-samt-oi-asosii-siyosati-dohil-va-hori-ii-um-ur-2/ (Санаи мурочиат 29.12.2024.)

2. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037. Душанбе 2022 – 190 с.

3. Аминов И., Хусаинов М. К. Формирование регионального рынка продовольственных товаров на основе товарно-торгового бизнеса в целях обеспечения экономической безопасности. Монография. // Аминов И., Хусаинов М.К. // Федеральное государственное бюджетное учреждение науки Институт проблем рынка Российской академии наук (РАН). – Москва-2019 (25,2 п. л.). – 402 с.

4. Аминов И. Природно-экономические зоны Республики Таджикистан: состояние и перспективы // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. Выпуск 1 (53). Худжанд: Ношир, 2013. – С. 57-66.

5. Аминов И. Таъсири рушди соҳибкорӣ дар бахши хусусии иқтисодиёт ба шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Аминов И., Аминов Ф. И.// Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – Душанбе: 2024, №1(40), С. 5-1

6. Егорова М. С. Экономические механизмы и условия перехода к зеленой экономике // Фундаментальные исследования. – 2014. – № 6-6. – С. 1262–1266.

7. Иванова Н. И., Левченко И. В. «Зеленая» экономика: сущность, принципы и перспективы. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/zelenaya-ekonomika-suschnost-printsipy-i-perspektivy/viewer. (Дата обращения: 29.12.2024).

8. Кучеров А. В. Концепция «зеленой» экономики: основные положения и перспективы развития / А. В. Кучеров, О. В. Шибилева. Молодой ученый. — 2014. — № 4 (63). — С. 561-563. — URL: https://moluch.ru/archive/63/9731/. (Дата обращения: 29.12.2024).

9. Маҷмӯаи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Иқтисоди сабз – заминаи бунёдии рушди устовор». Хоруғ, 27 апрели соли 2024 – 215 с.

Маълумот дар бораи муаллиф

Аминов Иномҷон – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи

Сведения об авторе

Аминов Иномжон – доктор экономических наук, профессор кафедры

About the author

Aminov Inomjon – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of

менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734055. Тел. (+992) 92 7709825, E-mail: i_aminov@mail.ru

менеджмента, Таджикский государственный финансово-экономический университет, 734055. Тел. (+992) 92 7709825, E-mail: i_aminov@mail.ru

Management, Tajikistan State University of Finance and Economics, 734055. Tel. (+992) 92 7709825, E-mail: i_aminov@mail.ru

DOI: 10.24412/2663-0389-2025-245-20-26
УДК: 336

БАЛАНД БАРДОШТАНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ОМИЛҲОИ АСОСИИ ТАЪСИРРАСОН

Муқадасзода Ф.М.
Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тоиров М.И.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Аннотатсия. Рақобатпазирии иқтисодиётро омилҳои зиёд муайян мекунанд, бинобар ин, барои таъмини он таъсири ҳар як омил ва таъсири мутақобилаи онҳоро ба назар гирифтан лозим аст. Рақобатпазирии иқтисодиёт метавон ба омилҳои беруна ва дохилӣ таъсир расонад. Мушкилоти рақобатпазирии иқтисодиёт, соҳаҳо ва кишварҳо яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, зеро ба таҳлили он омилҳои зиёд, пеш аз ҳама, тағйирёбии суръати рушди иқтисодии кишварҳо, сатҳи бекорӣ, мавқеи ин ё он кишвар дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва ғайра таъсир мерасонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рақобатпазирии молу хидматҳои худ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад Дар шароити муосир ишғол намудани мақоми сазовор дар иқтисоди ҷаҳонӣ барои таъмини рушди устувори кишвар, болоравии некӯаҳволии шаҳрвандон ва тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар ҷаҳон зарур аст.

Калимаҳои калидӣ: деҳқон-соҳибкор, фаъолияти соҳибкорӣ, муҳосибот, баҳисобгирӣ, кишоварзӣ, тиҷоратӣ, амалиётҳои хоҷагӣ, тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, кооперативӣ, меъёр.

Изҳороти набудани манфиатҳои мухолиф. Муаллифон изҳор медоранд, ки манфиати мухолиф надоранд.

Таърихи мақола: мақола ба муҳаррир 2 апрели соли 2025 ворид шудааст; пас аз баррасии коршиносон 9 апрели соли 2025 такмил дода шудааст; барои нашр 29 апрели соли 2025 қабул шудааст.

Барои иқтибос: Муқадасзода, Ф.М. Баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва омилҳои асосии таъсиррасон / Ф.М. Муқадасзода, М.И. Тоиров // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. –No. 2(45). – С. 20-26.

ПОВЫШЕНИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ЭКОНОМИКИ И ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ ВЛИЯНИЯ

Мукадасзода Ф.М.
Исполнительный аппарат Президента Республики Таджикистан
Тоиров М.И.
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

Аннотация. Конкурентоспособность экономики определяется многими факторами, поэтому для ее обеспечения необходимо учитывать влияние каждого фактора и их взаимодействие. На конкурентоспособность экономики могут влиять внешние и

внутренние факторы. Проблема конкурентоспособности экономик, отраслей и стран является одной из актуальных глобальных экономических проблем, поскольку на ее анализ влияет множество факторов, в первую очередь изменение темпов экономического развития стран, уровня безработицы, положения той или иной страны в мировой экономике и др. Республика Таджикистан придает первостепенное значение конкурентоспособности своих товаров и услуг в современных условиях занятие достойного статуса в мировой экономике необходимо для обеспечения устойчивого развития страны, повышения благосостояния граждан и расширения взаимовыгодного сотрудничества в мире.

Ключевые слова: фермер-предприниматель, предпринимательская деятельность, бухгалтерский учет, делопроизводство, сельское хозяйство, коммерческие, хозяйственные операции, составление финансовой отчетности, кооператив, норматив.

Заявление о конфликте интересов. Авторы заявляют об отсутствии конфликта интересов

История статьи: статья поступила в редакцию 2 апреля 2025 года; доработана после рецензирования 9 апреля 2025 года; принята к публикации 29 апреля 2025 года.

INCREASING THE COMPETITIVENESS OF THE ECONOMY AND THE MAIN FACTORS OF INFLUENCE

Muqadaszoda F.M.
Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan
Toirov M.I.
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

Annotation. The competitiveness of the economy is determined by many factors, therefore, in order to ensure it, it is necessary to take into account the influence of each factor and their interaction. The competitiveness of the economy can be influenced by external and internal factors. The problem of competitiveness of economies, industries and countries is one of the urgent global economic problems, since its analysis is influenced by many factors, primarily changes in the pace of economic development of countries, unemployment rates, the position of a country in the global economy, etc. The Republic of Tajikistan attaches paramount importance to the competitiveness of its goods and services in modern conditions, gaining a worthy status in the global economy is necessary to ensure the sustainable development of the country, improve the well-being of citizens and expand mutually beneficial cooperation in the world.

Key words: farmer-entrepreneur, entrepreneurial activity, accounting, office work, agriculture, commercial, business operations, preparation of financial statements, cooperative, standard.

Conflicts of interest. The authors declare that they have no conflict of interests.

Article History: the article was submitted to the editor on April 2, 2025; revised after peer review on April 9, 2025; accepted for publication on April 29, 2025.

Гузориши масъала. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти муосир нишон медиҳад, ки имрӯз проблемаи рақобатпазирии соҳаҳо ва корхонаҳо ба мадди аввал гузошта шудааст. Иқтисодшиноси маъруф М.Портер нишон дод, ки мафҳуми «кишвари рақобатпазир» барои шукуфоии давлат маънои мустақили ҳалкунанда надорад, зеро ҳадафи охирин дар иқтисодиёт таъмини шаҳрвандон бо сатҳи баланд зиндагии мардум мебошад [5]. Рақобатпазирии иқтисоди миллӣ тавассути

корхонаҳои мушаххаси истеҳсолкунандаи мол ва хизматрасонӣ таъмин карда мешавад ва корхона бояд пеш аз ҳама ба афзалиятҳои асосии рақобатӣ - кам кардани арзиш ва тафриқаи маҳсулот ноил шавад.

Аз сӯи дигар, дар шароити рақобати шадид дар бозори ҷаҳонӣ муваффақияти як корхонаи алоҳида барои таъмини рақобатпазирии кишвар кофӣ нест. Ҳатто бо технологияи беназир, барои як ширкати алоҳида нигоҳ доштани бартарии рақобат душвор аст, зеро он аз таъминкунандагони боэътимоди миллӣ ва рақибони қавӣ вобаста аст [1;2]. Дар айни замон, кластерҳои соҳаҳои ба ҳам алоқаманд дар бозори ҷаҳонӣ рақобат мекунанд. Аз ин рӯ, рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон аслан аз рақобатпазирии бахшҳои асосии иқтисодиёти он вобаста аст.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Мушкилоти рақобатпазирӣ аз ҷониби муаллифони гуногун дар доираи равишҳои гуногуни назариявӣ баррасӣ шудаанд. Сарфи назар аз тафовутҳои методологӣ, эътироф гардид, ки рақобатпазирии миллӣ яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки дар доираи таваҷҷуҳи давлат қарор дорад. Назарияҳои мувофиқтарин барои дарк ва тавзеҳи моҳияти омилҳои ҷаҳонии рақобатпазирии кишварҳо назарияҳои тиҷорати байналмилалӣ ва сармоягузории М.Портер ва В.Смит, инчунин назарияҳои К. Киндербергер ва Ҷ.Тобин мебошанд, ки ҳаракати сармояро бо фарқиятҳои бевоситаи ҳаракати сармоя дар кишварҳои гуногун дар шароити ҳаракати байнидавлатӣ ва вобастагии байни онҳо шарҳ медиҳанд. Ин равиш ба тамоюлҳои муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ (афзоиши савдои ҷаҳонӣ аз афзоиши истеҳсолоти ҷаҳонӣ, афзоиши сармоягузориҳои ҷаҳонӣ аз афзоиши савдои ҷаҳонӣ, афзоиши сармоягузориҳои портфелии ҷаҳонӣ аз афзоиши сармоягузориҳои мустақим) комилан мувофиқ аст.

Мақсади мақола аз муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасон ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт маҳсуб меёбад.

Муҳтавои асосии мавод. Бояд зикр намуд, ки аҳамияти ин назарияҳо ҷанбаи асосии рақобати ҷаҳонӣ, яъне рақобати байни кишварҳост, ки омилҳои иҷтимоии рушдро дар мадди аввал мегузоранд, аз доираи назари муаллифони онҳо берун мемонад. Шакли олии бартарияти рақобатӣ ба ақидаи М. Портер «ҳаракати инноватсияҳо» мебошад, ки имкон медиҳад аз ҳама гуна захираҳои ҷаҳонӣ самараноктар истифода шавад. Аммо дар паси «харакати инноватсионӣ» (тадқиқот, корнамоиҳои маркетинг, такмили кадрҳо ва ташкили фирмаҳо) аксар вақт соҳаи иҷтимоии мамлакат меистад, ки захираҳои мамлакат мебошанд, ин захираҳо берун аз дохили ширкатҳо дубора тавлид мешаванд, аммо иқтидори рушди охиринро муайян мекунанд. Инҳо захираҳои мушаххаси кишварии рақобати байналмилалӣ мебошанд, ки захираҳои асосии рақобати ҷаҳониро ифода мекунанд. Барои донистани омилҳои рақобатпазирии соҳаи иқтисодиёти кишвар назарияҳои зиёде мавҷуданд.

Тибқи модели марҳилаҳои рушди иқтисодӣ иқтисодиёт дар марҳилаи якуми рушд ба омилҳои истеҳсолие, ки бартарии хароҷотро таъмин мекунанд, дар марҳилаи дуюм – ба сармоягузорие, ки самаранокии истеҳсолотро таъмин мекунанд ва дар марҳилаи сеюм – ба навоварӣ, ки арзиши беназир эҷод мекунанд, такя мекунад. Ҳамин тариқ, аҳамияти инноватсия барои рақобатпазирӣ муддати нисбатан тӯлонӣ муқаррар карда шудааст, аммо то ба наздикӣ

он танҳо яке аз сарчашмаҳои рақобатпазирӣ ҳисобида мешуд.

Муҳаққиқони Скандинавия мегӯянд, ки инноватсия манбаи рушди иқтисодӣ ва тиҷорати муваффақ аст. Ҷ.Фагерберг [6] таҳқиқ кард, ки маблағгузорӣ дар соҳаи таҳқиқот ва конструкторӣ чӣ тавр ба рақобатпазирӣ таъсир мерасонад ва Б.Верспаген [7] кори худро бо таҳқиқи натиҷаҳои чунин сармоягузориҳо, ки бо шумораи патентҳо ифода ёфтааст, мукаммал намуд. Натиҷаи умумии тадқиқотҳо ин буд, ки инноватсия рақобатпазириро ба таври назаррас афзоиш медиҳад ва ба тахассуси соҳа таъсир мерасонад. Э.Вулф [8] робитаи байни нишондиҳандаи маҳсулнокии умумии омил ва махсусгардонии соҳаро омӯхта, робитаи муҳимро кашф намуд. Вай исбот кард, ки афзоиши ба инкишофи омилҳои хоси истеҳсолот, ки афзоиши афзалияти муқоисавии ин соҳаро таъмин менамояд, ҳавасманд мегардонад. Таҳқиқот омилҳоеро муайян кард, ки сатҳи баланди омодагии ҷисмониро таъмин мекунанд. Агар ширкат (ё якчанд фирма) дорои дороиҳои марбут ба технология бошад, сармоягузорӣ ба тадқиқот ва конструкторӣ, инчунин барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ҷузъҳои муҳими таъмини рушди босуръат ва дар натиҷа, баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа мебошанд.


Тадқиқоти Ҷ.Фаҷерберг муайян кард, ки кадом омилҳо ба рақобатпазирӣ бештар таъсир мерасонанд. омилҳои зеринро ба назар гирифт:

-Сармоягузории мустақим ба тадқиқот;

-Сармоягузории ғайримустақим ба тадқиқот тавассути хариди воситаҳои асосӣ аз таъминкунандагони маҳаллӣ ва хориҷӣ;

-Сармоягузории ғайримустақим ба тадқиқот тавассути хариди молҳо аз таъминкунандагони хориҷӣ;

-Сармоягузорӣ ба сармояи ҷисмонӣ ва ҳаҷми талабот дар бозори дохилӣ.



Тадқиқот дар 22 соҳаи саноат дар 10 кишвар нишон дод, ки бар хилофи интизориҳо, ҳаҷми бозори дохилӣ ба рақобатпазирӣ ва сатҳи музди меҳнат таъсир намерасонад. Дараҷаи таъсири омилҳои боқимонда вобаста ба андозаи

кишвар ва технологияҳои баланд ё паст будани соҳаҳо фарқ мекард.

Ҳамин тариқ, сармоягузориҳои мустақим ба тадқиқот дар соҳаҳои баландтехнологӣ ду маротиба самараноктар буданд, дар ҳоле ки дар соҳаҳои пасттехнологӣ сармоягузориҳои ғайримустақим ба тадқиқот муҳимтар буданд ва чунин сармоягузорӣ ба сармояи ҷисмонӣ. Дар баробари ин, рақобатпазирии соҳаҳо дар мамолики калон асосан аз пажӯҳишҳои дохили кишвар вобаста бошад, дар мамолики хурд аз навовариҳои аз хориҷ гирифташуда вобаста аст. Бо вуҷуди ин, сармоягузориҳо ба тадқиқот ва коркардҳо назар ба сармоягузорӣ ба сармояи ҷисмонӣ, сарфи назар аз андозаи кишвар ва барои тамоми соҳаҳо, на танҳо барои технологияҳои баланд, самараноктар буданд. Ғайр аз ин, тахассусгардонӣ ба соҳаҳои аз ҷиҳати технологӣ қафомонда метавонад боиси паст шудани суръати рушди иқтисодӣ дар кишвар гардад.

Бо назардошти ин бозёфтҳо, натиҷаҳои таҳлиле, ки аз ҷониби коршиносони Донишкадаи хусусигардонӣ ва идораи Тоҷикистон гузаронида шудааст, ҷолиб аст. Онҳо нишон медиҳанд, ки дар гурӯҳи 203 молҳои миёна ва баландтехнологӣ, ки чун анъана аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир мешавад, дар вақтҳои охир коҳиши рақобатпазирии 112 мол ба мушоҳида мерасад. Дар баробари ин 12 мол дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир буда, воридоти сармоягузорӣ дурнамои афзоишро нигоҳ медорад, вале коҳишро идома медиҳад. Дар кишвари мо тамоми шароит барои татбиқи сармоягузорӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мавҷуд аст, ки яке аз омилҳои механизми воқеан муассири баланд бардоштани рақобатпазирии бахшҳои иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор “Барнома, Стратегияҳо” бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт амал мекунанд. Барнома ва стратегияҳо маҷмӯи тадбирҳои мақсаднокро ифода мекунад, ки барои таъмини саривақтии сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воқеияти нави берунӣ ва дохилӣ пешбинӣ шудаанд. Барномаву стратегияҳо бо истифодаи самараноки омилҳое, ки афзоиши рақобатпазирии иқтисодиётро, пеш аз ҳама дар сатҳи макро таъмин мекунанд, нигаронида шудааст. Мақсади барнома ва стратегияҳо таҳияи самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои дигаргуниҳои сохтории иқтисодиёт, системаи чораҳо ва механизмҳои навсозии истеҳсолот, таъмини эҷод ва истифодаи самараноки афзалиятҳои рақобатпазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии он мебошад [3;4].

Ин ҳадаф тавассути анҷом додани равандҳои рушди институтҳои давраи гузариш ба институтҳое ба даст меояд, ки ба талаботи иқтисоди бозаргонии муосир ва тамоюлҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошанд. Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи таҷдиди сохторӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт дар самти баррасишаванда кам кардани харочоти муомилотии фаъолияти корхонаҳо тавассути ташаккули инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ мебошад.

Самтҳои оқилона дар соҳаи баланд бардоштани рақобатпазирӣ таҳия ва интихоб карда шуданд. Аз ҷумла, вусъат додани чунин бартарии ракобатӣ, ба монанди нерӯи тараққикардаи илмию техникӣ аз ҳисоби ташкили марказҳои комплексии илмию истеҳсолӣ оид ба таҳия ва азхудкунии технологияҳои пеш-кадам ва ба вучуд овардани маҳсулоти нави рақобатпазир пешбинӣ карда мешавад. Ин

бахш дастгирии буҷетии илм ва инноватсия, дастгирии соҳибкории хурди инноватсиониро дар бар мегирад. Бо дарназардошти ин бартарият афзалиятҳои бозсозии сохторӣ ба рушди истеҳсолот дар асоси технология ва техника, таъмини дастрасӣ ба бозори ҷаҳонӣ ва афзоиши ҳиссаи арзиши иловашуда дода мешавад.

Афзалиятҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди сохтор ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иқтисоди хориҷӣ муайян карда мешаванд:

- самти равшани минтақавӣ ва кишварҳо ва манфиатҳои иқтисодӣ аз тиҷорати хориҷӣ;

-ворид шудан ба бозорҳои нави байналмилалӣ ва диверсификатсияи сохтори содирот дар бозорҳои анъанавӣ;

-интиқоли усулҳои танзими давлатии савдои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба системаи принсипҳо ва механизмҳои СУС бо истифода аз чорабиниҳои протексионистӣ мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ;

-ҳимояи манфиатҳо ва таъмини шароити баробар барои фаъолият дар бозори ҷаҳонӣ;

-зиёд кардани арзиши иловагии маҳсулоти истеҳсолшаванда бо роҳи кам кардани захираҳо, энергия ва серталабии моддӣ ва ивазкунии оқилонаи воридот;

-такмили шароитҳои ҳуқуқӣ, механизмҳои ҷалб ва истифодаи самараноки сармояи хориҷӣ ва дохилӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии иқтидори содиротӣ.

Ҳамин тариқ, беҳтар шудани шароити макроиқтисодӣ барои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста аст.

Мушкилоти рақобатпазирии кишвар дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дорад. Ҳамин тариқ, рақобатпазирии кишвар, нишондиҳандаи ҳолат ва пешомадҳои тараққиёт системаи иқтисодӣ, характери онро муайян мекунад иштирок дар тақсимоти байналхалкии меҳнат, ҳамчун кафили амнияти иктисодӣ баромад мекунад ва ба таври умум қобилиятро ифода мекунад мамлакатҳо дар шароити рақобати озод барои истеҳсол намудани молу хизматҳое, ки онҳоро қонеъ мегардонанд талаботи бозори ҷаҳонӣ, ки татбиқи онҳо дараҷаи некуаҳволии аҳолиро баланд мебардорад. Дар амалияи байналхалқӣ ҳисобкунии нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ ва рейтингҳо таҳия шудаанд ва усулҳои гуногун мунтазам такмил дода мешаванд. Се маркази асосӣ барои омӯзиши рақобатпазирии ҷаҳонӣ вуҷуд дорад: Институти стратегия ва рақобатпазирии Донишгоҳи Ҳарвард (ИМА), Институти байналмилалии рушди менеҷмент (MIRM) ва Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ (VEF). Агар институти аввал рақобатпазириро дар сатҳи корпоративӣ омӯзад, бар асоси онҳо дутои дигар рейтинги рақобатпазирии кишварҳо ва минтақаҳоро тибқи методологияи махсуси тадқиқотии худ тартиб медиҳанд.

Хулоса. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки омилҳои муҳимтарини афзоиши рақобатпазирии иқтисодиёти мамлакат афзоиши ҳиссаи бахши хусусӣ дар ММД ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошанд. Ҳамзамон, татбиқи инноватсияҳо; таҳияи сиёсатҳое, ки ба ҳимояи истеъмолкунандагон ва дастгирии рақобат дар бозор нигаронида шудаанд; рушди низоми институтсионалӣ (институтҳои қонунгузорӣ ва иҷтимоӣ) дар самти бозор; такмил додани ташкил ва идоракунии корхонаҳо; афзоиши ҳосилнокии меҳнат, махсусан дар соҳаи

истеҳсолот; воридшавии сармоя ба корхонаҳо, аз ҷумла сармоягузории мустақими хориҷӣ ва дохилӣ; васеъ намудани бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошанд.

Дар шароити муосир рақобатпазирӣ на танҳо омилҳои макроиқтисодӣ, балки сифати қувваи корӣ ва қобилияти амалии навовариҳоро низ ба назар мегирад. Сатҳи баланди таҳсилот омили муҳими иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки онро (дар қатори дигар омилҳо) бояд дар раванди ба роҳи инноватсионӣ ба роҳ мондани иқтисодиёти мамлакат ва баланд бардоштани рақобатпазирии он васеъ истифода бурд.

Рӯйхати адабиёт

1. Дупак В.Я. «Производственный потенциал и продовольственные ресурсы АПК Подмосковья» // Экономика с.-х. и перераб. предприятий. – 2000. – № 6. – С. 9–11; № 7. – С. 26–27.
2. Киселев В.В. «О порядке ведения бухгалтерского учета в крестьянском (фермерском) хозяйстве (юридическом лице)» // Бухгалтерский учет: приложение. – 2000. – № 4. – С. 55–56.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 19 майи соли 2009, № 526.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011, № 702.
5. Porter M. Competitive Strategy: Techniques for Analyzing Industries and Competitors. – Free Press, 1980.
6. Fagerberg J. Innovation, Growth and Competitiveness: Selected Essays. – Edward Elgar Publishing, 1996.
7. Verspagen B. Technology and Innovation Studies: Theoretical and Empirical Approaches. – Edward Elgar Publishing, 2000.
8. Wolff E. Factor Productivity and Sector Specialization. – Cambridge University Press, 1998.

Маълумот дар бораи муаллифон	Сведения об авторах	About the authors
Муқадасзода Фирдавс Муқадас - Муовини сардари раёсати дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон	**Муқадасзода Фирдавс Муқадас -** Исполнительный аппарат Президента Республики Таджикистан	**Mukadaszoda Firdavs Mukadas -** Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan
Тоиров Маҳмасидиқ Идибекович - устоди калони кафедраи молия Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. *Mahmadsidiq.toirov.83@mail.re тел:987036053*	**Тоиров Маҳмасидиқ Идибекович** - старший преподаватель кафедры финансы, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана *Mahmadsidiq.toirov.83@mail.re тел:987036053*	**Toirov Mahmasidiq Idibekovich -** Senior Lecturer at the Finance Department, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan Mahmadsidiq.toirov.83@mail.re phone:987036053

DOI: 10.24412/2663-0389-2025-245-27-40
УДК: 339

ҶАЛБИ САРМОЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ХОРИҶӢ БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВИИ ИҚТИСОДӢ

Сафаров Б.Г.
Ҳамроев М.И.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Сармоя ва технологияи хориҷӣ омилҳои муҳими рушди устувори иқтисодӣ ва навсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Интегратсияи бомуваффақият ба равандҳои иқтисодии минтақавӣ барои ҷалби сармоя ва дастрасӣ ба технологияҳои нав, бахусус кишварҳои ҳамсоя, имкониятҳои назаррасро фароҳам меорад. Аммо барои пурра амалӣ намудани ин иқтидор кӯшишҳои мақсаднок оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва инноватсионии дохилӣ, таҳкими институтҳо, рушди инфрасохтор ва сармояи инсонӣ ва пешбурди сиёсати тағйирпазири иқтисодии хориҷӣ, ки динамикаи ҳамгироии минтақаҳоро дар назар дорад, зарур аст. Арзёбии эҳтиёҷоти иқтисоди Тоҷикистон ба сармоягузории хориҷӣ ва технологияҳои муосир барои рафъи маҳдудиятҳои сохторӣ, диверсификатсияи иқтисод ва навсозии истеҳсолот ва инфрасохтор муҳтавои асосии корро ташкил менамояд. Узвияти Тоҷикистон дар ассотсиатсияҳои минтақавӣ (СҲШ, СПАД, ташаббусҳо дар доираи ИДМ, ҳамкорӣ бо ЕАЭО) ба фазои сармоягузорӣ ва имкониятҳои ҳамкориҳои технологиро таккон мебахшад.

Калидвожаҳо: Сармоягузории мустақими хориҷӣ, интиқоли технология, иқтисоди Тоҷикистон, ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, СҲШ, ИДМ, ИА, фазои сармоягузорӣ, рушди иқтисодӣ, Осиёи Марказӣ.

Изҳороти набудани манфиатҳои мухолиф. Муаллифон изҳор медоранд, ки манфиати мухолиф надоранд.

Таърихи мақола: мақола ба муҳаррир 12 майи соли 2025 ворид шудааст; пас аз баррасии коршиносон 19 майи соли 2025 такмил дода шудааст; барои нашр 29 майи соли 2025 қабул шудааст.

Барои иқтибос: Сафаров, Б. Г. Ҷалби сармоя ва технология хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири ҳамгиироии минтақавии иқтисодӣ / Б. Г. Сафаров, М. И. Ҳамроев // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. –No. 2(45). – С. 27-40.

ВЛИЯНИЕ ИНОСТРАННОГО КАПИТАЛА И ТЕХНОЛОГИЙ НА ЭКОНОМИКУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОЙ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ

Сафаров Б.Г.
Хамроев М.И.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. Иностранный капитал и технологии являются важными факторами устойчивого экономического развития и модернизации Республики Таджикистан. Успешная интеграция в региональные экономические процессы предоставляет значительные возможности для привлечения капитала и доступа к новым технологиям, особенно из соседних стран. Однако для полной реализации этого потенциала необходимы целенаправленные усилия по улучшению внутреннего инвестиционного и инновационного климата, укреплению институтов, развитию инфраструктуры и человеческого капитала, проведению гибкой внешнеэкономической политики, учитывающей динамику региональной интеграции. Основное содержание работы составляет оценка потребностей экономики Таджикистана в иностранных инвестициях и современных технологиях для устранения структурных ограничений, диверсификации экономики, модернизации производства и инфраструктуры. Членство Таджикистана в региональных объединениях (ШОС, ОДКБ, инициативы в рамках СНГ, сотрудничество с ЕАЭС) будет способствовать улучшению инвестиционного климата и возможностей технологического сотрудничества.
Ключевые слова: Прямые иностранные инвестиции, трансфер технологий, экономика Таджикистана, региональная экономическая интеграция, ШОС, СНГ, ЕС, инвестиционный климат, экономическое развитие, Центральная Азия.
Заявление о конфликте интересов. Авторы заявляют об отсутствии конфликта интересов
История статьи: статья поступила в редакцию 12 мая 2025 года; доработана после рецензирования 19 мая 2025 года; принята к публикации 29 мая 2025 года.

INFLUENCE OF FOREIGN CAPITAL AND TECHNOLOGY ON THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF MODERN REGIONAL ECONOMIC INTEGRATION

Safarov B.G.
Hamroev M.I.
Tajik State University of Finance and Economics

Abstract. Foreign capital and technology are important factors in the sustainable economic development and modernization of the Republic of Tajikistan. Successful integration into regional economic processes provides significant opportunities for attracting capital and access to new technologies, especially from neighboring countries. However, to fully realize this potential, targeted efforts are needed to improve the domestic investment and innovation climate, strengthen institutions, develop infrastructure and human capital, and pursue a flexible foreign economic policy that takes into account the dynamics of regional integration.
The main content of the work is an assessment of the needs of the Tajik economy for foreign investment and modern technologies to eliminate structural constraints, diversify the economy, and modernize production and infrastructure. Tajikistan's membership in regional associations (SCO, CSTO, initiatives within the CIS, cooperation with the EAEU) will contribute to improving the investment climate and opportunities for technological cooperation.
Keywords: Foreign direct investment, technology transfer, Tajikistan's economy, regional economic integration, SCO, CIS, EU, investment climate, economic development, Central Asia.
Conflicts of interest. The authors declare that they have no conflict of interests.

Article history: the article was received by the editors on May 12, 2025; revised after peer review on May 19, 2025; accepted for publication on May 29, 2025.

Гузориши масъала. Ҷалби сармояи хориҷӣ ба ҶТ барои татбиқи Ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ муҳим мебошад. Тибқи Стартегияи милли рушд барои давраи то соли 2030 барои таъмини рушди иқтисодиёти кишвар зиёда аз 118 млрд.долл. зарур мебошад. Ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ дар кишвар заминаҳои интситутсионалӣ таъмин карда шуда, имтиёзҳои зиёде барои сармоягузорон муайян карда шудааст. Қабули Қонуни ҶТ “Дар бораи сармоягузорӣ” дар соли 2016 вазъи сармоягузориро дар иқтисодиёти Тоҷикистон беҳтар намуд. Ин қонун Қонуни ҶТ “Дар бораи сармоягузории хориҷӣ”-ро иваз намуда, дар баробари сармоягузорони хориҷӣ сармоягузории дохилиро низ ҳавасманд намуд.

Дар баробари ин, ҷиҳати фароҳам овардани фазои муносиби сармоягузорӣ дар кишвар санадҳои меъёрию ҳуқуқии зерин қабул ва роҳандозӣ гардиданд: Қонуни ҶТ “Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар ҶТ ”, “Шарикии бахши хусусӣ ва давалтӣ” , “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”, “Дар бораи консессияҳо”, “Дар бораи таърихи қарз” ва ғ. Ҳамзамон, бо дарназардошти ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба кишвар Маҷлиси Олии кишвар Қонуни ҶТ “Дар бораи шартномаҳои сармоягузорӣ”-ро қабул намуд. Дар баробари ин, беш аз 240 имтиёзҳо ба сармоягузорон ва соҳибкорон дода шуда, панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ) дар минтақахои кишвар таъсис дода шудааст. Вазъи сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар маркази диққати давлат ва Ҳукумати кишвар қарор дошта, зери роҳбарии бевоситаи Сарвазири мамлакат Комиссияи доимоамалкунандаи ҳукуматӣ бо иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоту созмонҳои байналмилалию ғайридавлатӣ фаъолият мекунад, ки пайваста масъалаҳои беҳтар кардани иқлими сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар кишвар дар он баррасӣ мегардад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Таҳқиқот вобаста ба самти мазкур аз ҷониби як қатор олимон аз ҷумла Булатов А., Бункина М.К., Семенов В.А., Звонова Е.А., Рахимов Р.К., Саидмуродов Л.Х. гузаронида шудааст.

Мақсади мақола аз омӯзиши ҷалби сармоя ва технологияи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои асосии мавод. Нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳаракати сармояи байналхалқӣ ночиз буда, асосан ҳамчун кишвари воридкунандаи сармоя дар арсаи ҷаҳон мансуб меёбад. Таҳлилҳои олимони ватанӣ тасдиқ мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нишондиҳандаҳои кишвари хурди кӯшод наздикӣ дорад ва барои ҷалби сармояи хориҷӣ меъёри фоизи қарз ва истифодаи фишангҳои тарифию гумрукию меъёри андоз нақши муҳим надошта, бештар гузаронидани ислоҳотҳои институтсионалӣ ҷиҳатӣ устувории вазъи макроиқтисодӣ ва сиёсии кишвар воситаи муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ мебошад [7]. Ба ғайр аз иқтисодиёти хурди кӯшод будан, инчунин дар ҳолати гузариш қарор доштани иқтисодиёти Тоҷикистон низ ба ҷалби сармояи хориҷӣ таъсири зиёд дорад. Зеро дар давраи гузариш ҳодисаҳои иқтисодӣ дар ҳолати гузариш қарор гирифта, номувозинат дар соҳаҳо ва бозорҳо ба вуҷуд меояд, ки ин ҳолат рафти татбиқи ислоҳотҳои

иқтисодиро мушкил мегардонад. Дар ин мавриД ба ақидаи мо, зарур аст, ки бо воситаи имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва сиёсати фаъолияти иқтисодиёти хориҷӣ, инчунин ташаккули фазои муносиби рақобати озод, фаъолияти соҳибкорӣ дастгирӣ карда шавад. Зеро рушди муносибатҳои иқтисодӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ имкон медиҳад, ки ба кишвар сармоя ва технология бештар ворид гашта, соҳаҳои иқтисодӣ ва минтақаҳои кишвар рушд намоянд. Дар натиҷаи воридоти сармоя ҳосилнокии меҳнат боло рафта, технологияи муосир дар истеҳсолот ворид мегардад, ки он асоси рушди инноватсионии иқтисодиётро таъмин менамояд. Махсусан, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунии рушд манфиатноктар мебошад, ки мо дар таҳлили худ бештар ба он таваҷҷуҳ менамоем. Махсусан барои иқтисодиёти ҶТ нақши сармояи хориҷӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ хеле назаррас аст (нигаред ба ҷадвали 1.).

Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2021

	2012	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021
Сармоягузориҳо, ҳамагӣ млн.долл	746,4	977,8	842,7	1100,4	644,4	607,1	428,5	718,3
СМХ млн.долл	391,4	470,9	434,2	354,5	326,8	345,9	162,5	342,2
Дигар намуди сармоягузориҳо, млн.долл	373,0	506,9	408,5	245,9	317,7	226,1	265,4	376
ММД, млн.долл	7694	7858	6983	7146,0	7522,9	7903,5	8013,8	8753,1
Даромади пулии аҳолӣ, млн.сом	4289	4196	3543	37245,5	41083,9	47986,3	65347,0	80508,8
Музди миёнаи моҳонаи як коргар	116,6	142,6	122,8	133,8	134,8	140,1	135,0	136,3
Шумораи миёнаи кормандон дар як сол ҳаз.наф.	2291	2381	2385	2407	2426	2463	2506	2534

Сарчашма: Омори солонаи ҶТ барои солҳои 2012-2021.

Аз таҳлили ҷадвали мазкур бармеояд, ки рушди сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ба рушди ММД алоқамандии бевоситаи коррелатсионӣ дошта, таъсири он ба дигар шохисҳои иҷтимоии кишвар низ баръало мушоҳида мегардад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки кишвар аз ҳолати рушди иқтисодии “бе сармоя [8, 31]” баромада, нақши сармояи хориҷӣ дар рушди иқтисоди миллӣ бештар гашта истодааст. Чунин вобастагии коррелатсионӣ дар рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баръало мушоҳида мегардад. Таҳлилҳои эконометрикӣ нишон медиҳанд, ки таъсири сармоягузорӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар гуногун

буда, танзими давлатӣ дар ин самт зарур мебошад [10, 85].

Таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ собит месозад, ки ташаккули фазои муносиби рушди соҳибкории муштарак (корхонаҳои муштарак КМ) ва ташкили МОИ воситаи ҷалби сармоя буда, дар сатҳи минтақа “доми ҷолибият”-и сармоягузорӣ мебошанд. Ба фикри мо барои кишварҳои алоҳида, махсусан кишварҳои хурди кушод “доми ҷолибият”-и сармоягузорӣ ин аъзогӣ дар гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, асосан мезосатҳи ҳамгироӣ, ки онро мо “минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ” номидем, мебошад.

Вобаста ба мавзуи кори худ мо қайд менамоем, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар рушди заминаҳои институтсионалии рушди иқтисоди бозорӣ ҳалкунанда мебошад. Зеро равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар кишвар он механизмҳои қафомондае, ки барои рушди муносибатҳои бозорӣ монеъа мебошанд, тақвият дода, фазои инвсетитсионӣ ва бизнесро васеъ менамояд.

Агар ба масъалаи мазкур чуқуртар назар намоем, маълум мегардад, ки тамоми он ислоҳотҳое, ки барои кушодагии иқтисодиёт равона гардидаанд, ҷолибияти ҷалби сармояи хориҷиро тақвият мебахшанд.

Аммо аз рӯйи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, ки вазъи сармоягузориро дар Тоҷикистон арзёбӣ кардааст, монеа дар роҳи ҷалби сармоя ба кишвар инҳоянд: - ҷой надоштани сиёсати аниқи муайянкардашуда дар қонунгузорӣ; - мавҷудияти монеаҳои аз ҳад зиёди маъмурӣ; - номувофиқ будани қонунгузории миллӣ ба талаботи байналмилалӣ; - рушди нокифояи инфрасохтори нақлиётӣ; - ҳимояи нокифояи ҳуқуқҳои сармоягузорон тавассути низоми судӣ.

Дар робита ба пурзӯр шудани ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобат ҳам байни кишварҳо ва ҳам байни минтақаҳои алоҳидаи кишвар, сармоягузорӣ ба рушди иқтисодии минтақаҳо ва кишварҳо мусоидат мекунад ва аз ин рӯ ҷалби сармоя нақши хеле муҳим дорад.

Ба фикри мо барои ин зарур аст, ки консепсияҳои муосири ҷалби сармояи хориҷӣ омӯхта шуда, дар заминаи назарияҳои мавҷудаи илмӣ механизми муосири ҷалби он бо хусусиятҳои хоси иқтисодиёти хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доимо зери таъсири омилҳои беруна қарор дорад, таҳия ва татбиқ карда шавад.

Назарияҳои муосири ҳаракати байналмилалии сармоя ба се мактаби илмӣ гуруҳбандӣ карда мешаванд: неоклассикӣ, неокейнсианӣ ва монетаризм.

Неоклассикҳо содироти сармояро дар чаҳорчубаи назарияи тиҷорати байналхалқӣ омӯхта, дар он баробарии нарх, ҳароҷоти истеҳсолӣ, талабот ва пешниҳод, ки аз консепсияи ҳосилнокии ниҳоии омилҳои истеҳсолот (замин, сармоя, меҳнат) бармеояд, қайд менамоянд. Яъне, ҳаракати сармоя байни кишварҳо ин талабот ва таклифоти он дар арсаи ҷаҳон мебошад, ки дар натиҷаи ҳаракати он мувозинати нархи сармоя тадриҷан баробар мешавад. Баъзан вақт ҳаракати байнлахалқии сармоя ва ҳаракати байналхалқии молҳо якдигарро иваз мекунанд. Кишварҳои сармоядор моли сармояталабро содир намуда, моли меҳнатталабро ворид мекунанд, гарчанде дар амал баръакс шуданаш мумкин аст (Парадокси Леонтев). Аммо дар инҷо бояд қайд намоем, ки кишварҳои дорои сармояи калон на танҳо моли сармояталаб, инчунин худи сармояро низ барои ба даст овардани фоида содир мекунанд. Ба ғайр аз ин, кишварҳои сармоядор ба кишвари дигар

сармоя ё молҳои саромояталабро содир намуда, ҳамзамон дар соҳаҳои фоидаовари худ сармояро аз берун низ ҷалб намуда, самаронокии бозори сармояро ташаккул медиҳанд. Бо ин тарз рақобат дар бозори сармояи дохилӣ ташаккул ёфта, сармоя ба самтҳои фоидаовартар ҳаракат менамояд.

Чунин вазъи иқтисодию иҷтимоии ҳаракати сармоя имрӯзҳо дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ бештар ба назар мерасанд. Давлатҳои аъзои гуруҳи ҳамгироӣ нисбат ба якдигар бештар характери кӯшодагии иқтисодиётро таъмин месозанд, ки дар он ташкили истеҳсолот ва тиҷорат самаранок мегардад. Аз консепсияи самараи статикӣ ва динамикии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ бармеояд, ки давра ба давра самарнокии истеҳсолот ва тиҷорат афзоиш ёфта, ҳосилнокии интиҳоии омилҳои истеҳсолот боло меравад. Ин ҳолат ҷолибияти сармоягузории соҳаҳоро дар дохили иктисодиётҳои миллии кишварҳои аъзо боло мебарад.

Дар муқоиса бо неокласикҳо неокейнсианҳо содироти сармояро дар сатҳи макроиқтисод меомӯзанд, яъне ҳаракати сармояро бо тағйирёбии даромади миллӣ ва шуғл алоқаманд менамоянд.

Ин назария то андозае ақидаи ягонаи ҳаракати сармоя аз кишварҳои тараққикарда ба кишварҳои рӯ ба тараққиро маҳдуд намуда, самти омӯзиши ҳаракати сармояро аз ҷузъиётҳои талабот ва таклифоти бозорӣ ба ҷониби идоракунии давлатии механизмҳои сармоягузорӣ равона намуд. Неокейнсианҳо дар он ақидаанд, ки дар натиҷаи таъмини шуғли доимӣ, аҳолӣ қисмати даромадашонро андухт менамоянд. Дар натиҷаи амалӣ намудани чораҳои пулию қарзӣ андухти аҳолӣ ба сармоя табдил дода мешавад, ки дар ин раванд нақши давлат ҳамчун пешбарандаи сиёсати пулию қарзӣ хеле калон аст. Дар ин маврид, ба ақидаи онҳо давлат барои пӯшонидани касри буҷа бояд аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ сармояро ҷалб намояд.

Монетаристҳо низ содироти сармояро дар сатҳи макроиқтисод омӯхта, онро дар доираи муомилоти пулӣ таҳлил менамоянд, ки тайи солҳои охир он дар фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ (ФБА, БҶ, БОР ва ғайра) васеъ истифода мешавад. Ин ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ҳаракати сармояро дар байни кишварҳо асосан дар бартараф кардани касри фаъолияти иқтисодии берунӣ ва буҷаи кишварҳо мебинанд. Ин ҳодисаро дар илми иқтисод “ду каср” меноманд, ки он тайи солҳои охир аз тарафи кишварҳои рӯ ба тараққӣ на он қадар хуб арзёбӣ гашта, мавзӯи баҳсро дар илми иқтисод ба вуҷуд овардааст.

Намояндагони ҳама мактабҳо ва равияҳои иқтисодӣ ба мушкилоти рушди иқтисодӣ ва ҷустуҷӯи омилҳои муайянкунандаи он рӯ оварданд. Ин равандро тавассути призмаи назарияҳои таҳиякардаи онҳо баррасӣ карда, иқтисодчиён моҳияти онро ба таври гуногун дарк карданд ва дар натиҷа нақши маблағгузории беруна дар рушди иқтисодро ба таври гуногун шарҳ доданд.

Яке аз таъсиргузортарин равишҳои назариявии муосир равиши неоклассикӣ мебошад. Муқаррароти асосии содироти сармоя ба Ҷ.С Милл таалуқ дорад. Муносибати Милл дар шарҳи ҳаракати байналмилалии сармоя дар маҷмӯъ ба қонунҳои давраи рушди капитализм дар рақобати озод мувофиқат мекард ва бар принсипҳои муқаррарнамудаи Д. Рикардо асос ёфта буд. Тамаркузи Милл ба принсипҳои рафтори иқтисодии як ширкати инфиродӣ буд. Милл ҳаракати сармояро аз ду нуқтаи назар таҳқиқ мекунад: 1) таъсири

он ба тиҷорати хориҷӣ; 2) робитаи он бо суръати фоида ва суръати ҷамъшавии сармоя. Дар натиҷа, Милл ба хулосае омад, ки содироти сармоя ҳамеша ба махсусгардонии оқилонаи истеҳсолоти кишварҳо мусоидат мекунад. Вай сабаби асосии ҳаракати сармояи байни кишварҳоро дар фарқияти сатҳи фоида, ки тамоюли коҳишёбиро дар кишварҳои сарватмандтарин дошт, медонад. Милл таъкид кард, ки фарқияти меъёри даромад дар байни кишварҳо барои пӯшонидани хавфе, ки як сармоягузори хориҷӣ дар кишвари хориҷӣ дучор меояд, бояд назаррас бошад [2, 54].

Баръакси назарияи неоклассикӣ, назарияи неокейнсиании ҳаракати байналмилалии сармоя ҳамчун як мактаби ягона ташаккул наёфт. Он аз се мафҳум таҳия шудааст: содироти мустақилона ва ҳавасмандгардонии сармоя, ки Ф. Махлуп пешниҳод кардааст; консепсияи робитаи байни содироти сармоя ва суръати рушди иқтисодӣ, ки Р. Харрод пешниҳод кардааст; ва консепсияи таъсири даромад аз сармоягузориҳои хориҷӣ ба афзоиши содироти мол ва шуғли аҳолӣ, ки онро Е. Домар таҳия кардааст [3].

Бояд қайд кард, ки тафсири ҳаракати байналмилалии сармоя, ки аз ҷониби иқтисоддони швейтсарӣ Валрас ба миён гузошта шуда буд, қонунеро таҳия кардааст, ки баъдтар номи "Қоидаҳои Валрас"-ро гирифтааст. Ин қоида бар принсипе асос ёфтааст, ки иқтисоди бозорӣ мутавозини молҳо, хидматҳо, сармоя ва дигар дороиҳо, аз ҷумла бозори пул аст. Мувофиқи ин қоида, чунин мешуморанд, ки агар дар яке аз ин бозорҳо талабот барзиёд ба вуҷуд ояд, пас он бояд бо пешниҳоди барзиёд дар бозори дигар мувозинат карда шавад, то мувозинати онҳо ба сифр баробар шавад. Афзоиши талабот дар бозор ба мол тибқи ин қоида бояд бо афзоиши пешниҳоди пул ҷуброн карда шавад. Барои ҳаракати байналмилалии сармоя ин маънои онро дошт, ки нобаробарӣ дар тавозуни савдо ё тавозуни савдо ва хизматрасонӣ бояд бо ҳамон номутаносибии ҳаракати сармоя ҷуброн карда шавад, аммо бо аломати муқобил. Ин имкон дод, ки номутавозунии моддаҳои дахлдори тавозуни пардохт шарҳ дода шавад. Гумон меравад, ки касри тавозуни пардохт барои амалиётҳои ҷорӣ боиси воридшавии сармоя аз хориҷа мегардад, дар ҳоле ки барзиёдии амалиётҳои ҷорӣ ҳамчун сабаб ва манбаи маблағгузории хуруҷи сармоя ба хориҷа хизмат мекунад.

Назарияҳои баррасишудаи неокейнсионӣ, тавре ки Е.Звонова қайд менамояд, «асосҳои назаривии зарурати содироти сармоя аз кишварҳои сармоядор ба кишварҳои сармоятлабро ҳамчун манфиати худи кишварҳои сармоядор исбот намуд» [5, 12]. Аммо тавре ки таҳлил нишон медиҳад, онҳо ногузирии ҷалб ва истифодаи сармояи хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ, махсусан дар кишварҳои дар ҳоли рушдро низ нишон медиҳанд.

Камбудии аксари назарияҳои мактабҳои неокейнсионӣ ва монетаристӣ дар он аст, ки онҳо асосан бидуни назардошти сармоягузории мустақим афзоиши кумаки хориҷиро баррасӣ мекарданд. Бесабаб нест, ки сармоягузории мустақим ба афзоиши даромади миллӣ тавассути тавсеаи бахши воқеӣ (истеҳсолӣ)-и иқтисод таъсир мерасонад. Нақши технологии сармоягузории хориҷӣ аз ҷониби бисёр иқтисодчиён эътироф шудааст ва мутаносибан ҳангоми таҳлили сармоягузориҳои мустақими байналмилалӣ, ки асосан сармоягузориҳои хусусӣ мебошанд, далели он мебошад.

Дар назарияи равияи марксистӣ муносибати гуногун ба арзёбии мазмуни

иқтисодӣ ва аҳамияти ҳаракати байналмилалии капитал мавҷуд аст. Пас аз классикон, ки назарияи меҳнати арзишро инкишоф додаанд, Маркс содироти сармояро бо сабаби барзиёдатияш дар кишварҳои содиркунанда асоснок кард, ки дар натиҷа истифодаи он дар иқтисоди миллӣ боиси паст шудани сатҳи фоида мегардад. Вай инчунин қайд кард, ки қобилияти воридоти сармоя аз берун бо ҷалби аксари кишварҳо ба тавоноии капитализми ҷаҳонӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб дар онҳо, пеш аз ҳама инфрасохтори истеҳсолӣ ташаккул меёбад ва аксар вақт худи сармояи хориҷӣ ин инфрасохторро ба вуҷуд меорад.

Бояд қайд намоем, ки маҳз ана ҳамин нуқта дар мақолаи илмии мо дастгирӣ ёфтааст ва раванди ҷаҳонишавии муосирро таҷассум менамояд. Яъне, ба фикри мо ҳаракати байналхалқии сармоя имрузҳо асосан ба сохтмони инфрасохтори ҷаҳонишавӣ ва таҷдиди онҳо равона гардидааст. Инфрасохторе, ки дар асоси он “минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ” ба вуҷуд меоянд.

Назарияи таъсири нисбии сармоягузории мустақим ба иқтисодиёти кишвар, ки иқтисоддони японӣ К. Кодзима пешниҳод кардааст, тамоми сармоягузориҳои мустақимро ба гурӯҳе тақсим мекунад, ки ба саноати коркард ва соҳаҳои нави молҳои хидматрасонӣ нигаронида шудаанд. Ӯ иқрор мекунад, ки кишвари пешрафта содиркунандаи сармоягузориҳои мустақим ва кишвари рӯ ба тараққӣ воридкунанда аст. Ҳамчун асос барои таҳлил ӯ теоремаи Хекшер-Олинро гирифта, нишон дод, ки чӣ тавр хароҷоти истеҳсолот дар кишварҳои содиркунандаи сармоя ва воридоткунадаи сармоя баробар карда мешаванд. Ҷолибияти назарияи мазкур дар он аст, ки он ошкор менамояд, ки сармоя метавонад дар дохили ҳар як кишвар ва инчунин ҳар як гуруҳи интегратсионӣ низ самаранок истифода гардад. Махсусан, дар доираи ҳамгироии иқтисодӣ давлатҳои аъзо бартариятҳои нисбиро метавонанд муайян намуда, ба он мутаваҷҷеҳ шаванд. Танҳо дар ин маврид зарур аст, ки гуруҳҳои ҳамгиро бояд стратегияи ягонаи рушдро интихоб намуда, бозори ягонаи сармояро ташкил намоянд, то ин ки сармоя озодона байни давлатҳо ҳаракат намояд. Махсусан ҳамкориҳо дар сатҳи мезоиқтисод имкон медиҳад, ки сармоя самаранок истифода гардида, рақобатпазирии минтақаҳо ва соҳаҳоро ба вуҷуд орад.

Дар ҳамин маврид мебояд таъкид намуд, ки азбаски ҳануз дар созмонҳои ҳамгироии минтақавии мавҷуда, ки Тоҷикистон аъзои онҳо мебошад, муносибатҳои ҳамгироӣ дар сатҳи паст қарор дорад, механизми мукаммали ҳаракати мутақобилаи сармоягузории байни кишварҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Ин ҳолат ба он оварда расонидааст, ки дар ҷуғрофияи ҳаракати сармоя дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ нақши Росия коста гашта, бо ташкили фазои муносиби ҳамгироии минтақавӣ сармоягузории ҶМЧ афзоиш ёфта истодааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин ҳолат баръало мушоҳида мегардад (нигаред ба ҷадвали 2.).

Ҷадвали 2. - Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ) аз давлатҳои ҷаҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо %)

	2010	**2015**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**
Ҳамагӣ	100	100	100	100	**100**	**100**

Кишварҳои ИДМ	32,28	6,73	0,95	10,88	8,82	21,65
Россия					8,6	20,07
Кишварҳои хориҷи дур	67,72	93,27	99,05	89,12	91,18	78,34
ҶМЧ					74,02	61,8

Сарчашма: Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан; Агенство по статистике при Правительство Республики Таджикистан, за соответсвующие годы и 2022 стр. 576-577.

Агар аз нуқтаи назари ҳаракати сармояи мутақобила дар доираи минтақаи Осиёи марказӣ назар афканем, вооридшавии сармоягузории мустақими хориҷии ҶМЧ ба ҶТ асосан аз солҳои 2007 оғоз гардидааст ва чӣ хеле, ки аз ҷадвали мазкур бармеояд соли 2020 ҳаҷми он 74,02% хаҷми умумии СМХ –и Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Умуман дар солҳои 2007-2021 ба иқтисодиёти ҶТ беш аз 65 давлати ҷаҳон сармояи хориҷӣ ворид намудаанд, ки бештар аз ҳама аз ҶМЧ (3252 млн.долл) ё 29,5% мебошад (нигаред ба ҷадвали 3.).

Ҷадвали 3. - Динамика ва сохтори ҷуғрофиии сармоягузориии хориҷӣ ба иқтисодиёти ҶТ дар солҳои 2007-2021

	Сармоягузории хориҷӣ (умумӣ) млн.долл	Нисбат ба ҳаҷми умумӣ (%)	Соҳаҳои сармоягузорӣ
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамагӣ: аз он ҷумла;	11023,7	100	
ҶМЧ	3252,2	29,5	Алоқа, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат, монтажи таҷҳизоти техникӣ ва ғ.
ФР	1648,1	15,0	Алоқа, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат, ,энергетика, туризм, тандурустӣ ва ғ.
ИМА	712,8	6,5	Алоқа, хизматрасонии молиявӣ, маориф, кишоварзӣ, тандурустӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, ва ғ.
Британияи Кабир	714,6	6,6	Омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо.

Қазоқистон	585,7	5,3	Омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо.
Филлипин	581,7	5,3	Кишоварзӣ, сохтмони роҳ, хизматрасонии молиявӣ, монтажи таҷҳизоти техникӣ, идоракунии давлатӣ, маориф, тандурустӣ ва ғ.
Люксембург	461,8	4,2	Хизматрасонии молиявӣ
Эрон	314,4	2,9	Саноат, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, савдо
Арабистони Саудӣ	288	2,6	хизматрасонии молиявӣ, саноат ва осхтмону савдо.
Озорбойҷон	242,0	2,3	Хизматрасонии молиявӣ.
Австрия	254,8	2,3	хизматрасонии молиявӣ, монтажи таҷҳизоти техникӣ.
Кипр	237,8	2,2	Сохтмон, туризм ва савдо
Аморати Мутаҳидаи Араб	204,5	1,9	Хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, сохтмон, туризм ва савдо
Туркия	221,7	2	Хизматрасонии молиявӣ, сохтмон, саноат ва савдо
Олмон	197,2	1,8	Хизматрасонии молиявӣ
Швейтсария	204,5	1,9	Хизматрасонии молиявӣ
Фаронса	125,8	1,1	Хизматрасонии молиявӣ, саноат ва савдо
Дигар давлатҳо	765,2	6,9	

Сарчашма: Аз рӯи маълумотҳои оперативии Вазорати молияи ҶТ ва Агентии омори назди Ҳукумати ҶТ.

Бо дарназардошти он, ки асосан барои воридоти сармоя дар кишварҳои дар давраи гузариш қарордошта ду сабаб вуҷуд дорад: набудани пасандозҳо ва асъори хориҷӣ (ба ақидаи неокейнсиён), кумаки байналмилалӣ ба иқтисодиёти онҳо таъсири мусбат мерасонад ва норасоии пасандозҳо ва асъорро дар ин кишварҳо бартараф мекунад.

Мо дар тадқиқоти худ онро асос мекунем, ки норасоии пасандозҳо ҳамчун маҳдудият ба раванди сармоягузории дохилӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад, ва аз ин рӯ, чараёни кумак бояд ҳадафи баланд бардоштани сатҳи пасандозҳо ва мутаносибан афзоиши сармоягузорӣ барои рушдро бояд дошта бошад.

Иқтисодчии амрикоӣ П.Тодаро чунин мешуморад, ки аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба категорияи кишварҳое тааллуқ доранд, ки дар онҳо маҳдудияти асосӣ набудани асъор мебошад. Ин кишварҳо захираҳои барзиёди истеҳсолӣ доранд (асосан қувваи корӣ) ва тамоми асъори хориҷии аз ҳисоби содироти ин захираҳо асосан барои пӯшонидани харочоти воридот истифода мешавад. Мавҷудияти захираҳои иловагӣ ба онҳо имкон медиҳад,

ки дар сурати маблағгузории беруна барои воридоти воситаҳои нави истеҳсолот ва кумаки техникии мувофиқ ба татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ шурӯъ намоянд. Дар ин сурат кумаки хориҷӣ дар рафъи маҳдудиятҳои асъор ва афзоиши суръати воқеии рушди иқтисодӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Фикри П.Тодаро ба назар намегирад, ки барзиёдии захираҳои меҳнатӣ ва содироти минбаъдаи онҳо метавонад норасоии асъорро қисман ҷуброн кунад ва даромади онҳо метавонад манбаи афзоиши қурби пасандозҳо дар кишвар гардад. Яъне, ҳангоми таҳлили як қатор кишварҳо метавон чунин тамоюлро мушоҳида кард ва мутаносибан мо ҳангоми таҳлили иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон инро тасдиқ намудем.

Масалан, дар иқтисодиёти ҷаҳон давлатҳое, ки интиқоли мабалағҳои муҳоҷиронашон барои рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири калон дорад, хеле зиёд ҳастанд. Танҳо дар соли 2019 аз ин ҳисоб ба иқтисодиёти Ҳиндустон-78,61 млрд. долл., Хитой - 67,41 млрд. долл, Мексика-35,66 млрд. долл., Филлипин -33,83 млрд. долл., Миср- 28,92 млрд. долл ва Нигерияю Покистон мутаносибан 24,31 ва 21,01 млрд. долл. ворид гаштааст, ки он на танҳо барои истеъмолот, инчунин ҳамчун сарчашмаи маблағгузорӣ ба иқтисодиёти ин кишварҳо низ буданд [4].

Сатҳи пасти пасандозҳо монеаи асосии сармоягузории дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҷалби сармояи хориҷӣ дар меҳвари сиёсати хориҷии иқтисодиёти миллӣ қарор дорад. Мувофиқи назарияи П.Розенштейн-Родан сармоягузориҳои хориҷӣ даромади иловагӣ медиҳанд ва меъёри пасандозро зиёд мекунанд. Олими ватанӣ, профессор Саидмуродов Л.Х. бо истифода аз тафсири иқтисодӣ ва математикии модели П.Розенштейн-Родан, ки онро Э.А.Звонова таҳия кардааст, дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон додааст, ки дар давоми солҳои 2002-2006 барои кишвари мо 1769 миллион сомонӣ ё ба андозаи 641 миллион доллар (бо курси сомони дар соли 2001) сармоягузории хориҷӣ ҷалб кардан лозим аст, ки тақрибан 130 миллион доллар дар як сол мебошад. Тибқи натиҷаҳои арзёбии талабот барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби гурӯҳи коршиносон таҳти сарварии Ҷ.Сакс гузаронида шудааст, то соли 2015 маблағгузории берунӣ дар Тоҷикистон бояд ба маблағи 1137 миллион доллари амрикоиро ташкил диҳад [6, 197], ки он ҳам ба ҳисобот наздик буда, дар як сол 137 миллион доллари ИМА -ро ташкил медиҳад [9].

Тибқи Стратегияи милли рушд барои давраи то соли 2030 бошад, барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва таъмини минбаъдаи рушди Тоҷикистон 118 млрд. долл. ШМА лозим аст, 7,3 млрд. доллари ИМА (6,2 фоиз)-и онро сармояи беруна ташкил менамояд [11, 27]. Аммо, ба андешаи мо, ин маблағ барои додани "такони бузург" ба иқтисоди миллӣ кофӣ нест, зеро самаранокии истифодаи ин маблағҳо ҳануз ҳам дар сатҳи баланд қарор надорад.

Таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ дар самти ҳаракати сармояи хориҷӣ нишон медиҳад, ки сармоя агар дар давраи аввал ба ҷониби кишварҳои дорои захираи арзони қувваи корӣ ё сарватҳои табии майл дошта бошад, пас имрӯз қувваи кори арзон ва сарватҳои табии дар ҷалби он нақши ҳалкунандаро намебозад. Сармоя бештар дар байни кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон ба самти рушди технология ва инноватсия равона гардидааст.

Тағйироти дигаре, ки дар селаи ҳаракати сармоя ба назар мерасад, ин ҳаракати сармояи дохилиминтақавӣ мебошад, ки он бештар хоси кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад.

Хулоса. Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон доданд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини саноатикунонии босуръати кишвар ҷалби сармояи хориҷӣ ва технологияи вазифаи муҳим ва стратегӣ мебошад. Дар баробари инкишофи муносибатҳои сармоягузорӣ, ки айни замон Ҳукумати кишвар барои беҳтар кардани фазои саромягузорӣ амалӣ намуда истодааст, ташаккули муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар сатҳи мезоиқтисод механизми иловагии таъмини рақобатпазирии кишвар дар самти ҷалби сармояи хориҷии минтақавӣ шуда метавонад.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти метавон чунин хулоса бароварда:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти иқтисодии хориҷии худ «сиёсати дарҳои кушод»-ро пайгирӣ намуда, аъзои фаъоли созмонҳои байналхалқии молиявию иқтисодӣ ва гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мебошад ва бо зиёда аз 120 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатиро ба роҳ монда, бо 100 кишвари чаҳон муносибатҳои тиҷоратӣ дорад. Мақсади асосӣ дар ин муносибатҳо татбиқи имконоти содиротии кишвар ва мутаносибан истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда мебошад;

2. Ба фикри мо татбиқи модели Осиёгӣ-ҷанубии татбиқи миконоти содиротӣ ва сиёсати воридотивазкунанда барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати хурд буда, характери иқтисодиёти хурди кушод дорад. Чунин вазъ аз хурд будани бозори дохилӣ шаҳодат дода, имконияти таъмини такрористеҳсоли васеъро бо дарназардошти самараи миқёс маҳдуд менамояд. Ба ғайр аз ин, рушди иқтисодиёти кишвар дар оянда ба афзоиши талаботи дохилӣ ба воридоти молҳои таъиноти гуногун оварда мерасонад, ки барои он бояд содирот афзоиш дода шавад, то ин ки имконияти пардохти охирин пайдо шавад. Вагарна ҳолати статикии имрӯзаи рушди тиҷорати байналхалқии Тоҷикистон, ки воридот аз содирот ба маротиб зиёд мебошад ва кишвар содиркунандаи ашёи хом аст, боз боқӣ хоҳад монд. Ҷиҳати баромадан аз мувозинати статикӣ ва гузаштан ба мувозиати динамикӣ зарур аст, ки бартарияти рақобатии кишвар муайян ва механизми бозории татбиқи имконоти содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад. Зеро рушди динамикии тиҷорати берунӣ имконияти ҷуброни талаботро бо воситаи пешниҳоди мол ба бозори ҷаҳонӣ таъмин намуда, рақобатпазирии кишварро таъмин карда метавонад.

3. Метавон қайд намуд, ки татбиқи содиротии кишвар дар асоси бартарияти мутлақ ва нисбӣ барои ҶТ айни замон ин содироти ашёи хом ва истеҳсолоти молҳои қувваи кории арзондошта мебошад, ки нақши фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар рушди иқтисодиёти миллии кишвар коста мегардонад ва ба рушди рақобатпазирии кишвар мусоидаткунанда нест.

Дар маҷмӯъ, се андози калидӣ — ААИ, андози даромад ва андози иҷтимоӣ - ҳиссаи асосии даромадҳои андозии давлатиро таъмин мекунанд. Масалан, соли 2024 онҳо ҷамъан зиёда аз 72%-и ҳамаи даромадҳои андозиро ташкил доданд. Ин аз як ҷиҳат нишон медиҳад, ки пойгоҳи даромадии буҷет асосан ба ҳамин чанд манбаъи калон такя мекунад. Саҳми боқимондаи даромадҳои андозӣ аз ҳисоби андозҳои дигар (андозҳои аксизӣ, боҷу хироҷҳо, андозҳои молу мулк, захираҳои табиӣ ва ғ.) таъмин мегардад, ки ҳар кадоме алоҳида ҳаҷми нисбатан хурдтар дошта, ҷамъшуда тақрибан чоряки даромадҳои андозиро фаро мегиранд. Аз ҷумла, дар давраи мазкур андоз аз арзиши иловашуда ва андозҳои даромад ҳамчун сутунҳои асосии буҷет баромад карда, нисбат ба дигар манбаъҳо хеле бештар маблағ ворид намудаанд. Ин ҳолат бозгӯи он аст, ки ҳар гуна тағйироти ҷиддӣ дар ҳаҷми истеъмол ё даромадҳои соҳибкорону аҳолӣ метавонад ба иҷрои қисмати даромади буҷет таъсири назаррас расонад, зеро фоизи зиёди даромадҳо ба ин пойгоҳҳо вобаста мебошад. Бо вуҷуди ин, афзоиши мунтазами воқеии ҳамаи ин навъҳои даромадҳои андозӣ дар солҳои 2021-2024 аз устувории нисбии онҳо шаҳодат медиҳад.

Хароҷотҳои буҷет. Аз дидгоҳи сохтории хароҷотҳо, буҷети давлатии Тоҷикистон характери иҷтимоӣ дорад. Тибқи қонуни буҷети давлатӣ ва таснифоти функсионалии хароҷотҳо, қисми мӯҳими хароҷоти буҷет ба соҳаҳои иҷтимоӣ равона мешавад. Масалан, дар нақшаи буҷети соли 2020, бахши маориф бузургтарин гирандаи маблағҳои буҷетӣ ба ҳисоб мерафт - тақрибан 18,7% тамоми хароҷоти нақшавии буҷет ба соҳаи маориф пешбинӣ шуда буд. Баъд аз он, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ (ки нафақа ва кӯмакпулиҳоро дар бар мегирад) бо 16,6% ҷойгир буд. Ҳамзамон, бахши энергетика низ ҳиссаи хеле бузург - тақрибан 16,8% буҷети давлатиро мегирифт, ки бо назардошти сармоягузориҳои калони инфрасохторӣ (бахусус идомаи сохтмони НБО Роғун) шарҳ дода мешавад. Соҳаи

тандурустӣ 14,2% ва нақлиёт ва коммуникатсия 7,5% буҷетро ташкил медоданд [6].

Дигар соҳаҳои иқтисодӣ (кишоварзӣ, саноат, муҳити зист ва ғ.) хароҷотҳои боқимондаро ташкил мекунанд. Таҳлили тақсимоти маблағҳо нишон медиҳад, ки ҳукумат ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунад, аммо дар баробари ин, ҳиссаи зиёди захираҳо ба татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, бахусус дар бахши энергетика, равона мегардад.

Аз нигоҳи устувории буҷет, сохтори хароҷотҳо ду ҷиҳати муҳим дорад: яке ҳаҷми хароҷотҳои доимӣ (масалан, пардохти нафақаву маоши кормандони давлатӣ, нигоҳдории муассисаҳо) ва дигаре ҳаҷми хароҷотҳои сармоягузории якдафъаина (лоиҳаҳои рушд). Дар ҳолати Тоҷикистон, солҳои охир вазни хароҷотҳои сармоягузорӣ хеле баланд шуд. Чуноне қайд гардид, беш аз яку се ҳиссаи хароҷоти буҷетӣ ба сармоягузориҳои давлатии асосан инфрасохторӣ равона мегардад [4]. Ин дар ҳолест, ки масрафҳои доимии иҷтимоӣ (музди меҳнат, нафақа, амнияти миллӣ, идоракунӣ ва ғ.) низ сол ба сол меафзоянд. Мушкилоти чунин вазъ дар он аст, ки афзоиши **сармоягузорӣ** ва **хароҷоти иҷтимоӣ** хароҷоти умумиро зиёд мекунад. Агар даромадҳои буҷетӣ мутаносибан рушд накунанд, буҷет ба каср рӯ ба рӯ мешавад, ки метавонад боиси қарзгирӣ ё баланд шудани андозҳо гардад.

Бо назардошти таҳлилҳои пешниҳодшуда, метавон ба хулоса омад, ки барои расидан ба устувории молиявӣ дар кишвар, ислоҳоти ҷиддӣ дар сохтори буҷети давлатӣ зарур мебошад. Дар ин замина, мутобиқсозии сохтори буҷет ба стандартҳо ва таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ аҳамияти калидӣ дорад. Ин раванд бояд на танҳо дар таркиби даромаду хароҷоти буҷет, балки дар усулҳои банақшагирӣ, тақсим ва назорати молиявӣ низ амалӣ шавад, то буҷет тавонад ба таври муассир ва устувор ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ хидмат расонад.

Таҳлили сохтори буҷет як раванди муҳиме мебошад, ки ҳолати молиявии кишвар, муносибати байни даромаду хароҷот ва устувории буҷет, инчунин таъсири сиёсати фискалиро ба рушди иқтисодӣ арзёбӣ мекунад.

Яке аз муҳимиятҳои асосии таҳлили устувории буҷет ин муайян намудани касри буҷет дар асоси принсипҳои аз тарафи умум эътирофшуда мебошад.

Сохтори буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои баъзе хусусиятҳои хос мебошад, ки онро аз методологияҳои байналмилалӣ фарқ мекунанд. Аз ҷумла:

Дар методологияи миллӣ қарзҳо ҳамчун қисми даромади буҷет шомил мешаванд, дар ҳоле ки ХБА онҳоро ҳамчун манбаи маблағгузории касри буҷет арзёбӣ мекунад.

Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ ва қарзҳои гирифташуда аз Чин дар сохтори буҷет ҷойгоҳи махсус доранд, ки онҳо ба рушди зерсохторҳо равона гардидаанд.

Бинобар ин, айни замон касри буҷет тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатӣ» ба андозаи 0,5 дарсади маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ муқаррар шудааст, ки аз методологияи ХБА фарқ мекунад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатӣ» қарзҳо ба қисми даромади буҷет дохил карда мешаванд, ки ин хилофи принципҳои аз тарафи умум эътирофшуда мебошад.


Барои мутобиқсозии сохтори буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои байналмилалӣ, татбиқи ислоҳоти зерин муҳим аст:

- Аз қисми даромади буҷет қарзи давлатии аз ҶХХ-ро ҳамроҳ бо **қарзҳои** лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ба қисмати маблағгузорӣ (қарзҳои холиси беруна)

гузаронида шаванд. Ин иқдом имкон медиҳад, ки сохтори буҷет шаффофтар ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ бошад.

- Грантҳои воридшуда ба буҷет бояд барои дастгирии буҷет дар назар гирифта шаванд. Онҳо бояд ба қисмати грантҳо барои дастгирии буҷет аз ҳисоби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ гузаронида шавад, то таркиби даромади буҷет воқеъбинона инъикос ёбад.

Дар натиҷаи татбиқи чунин ислоҳот, сатҳи касри буҷет нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» набояд аз 0,5% зиёд бошад, чунин нишондиҳандаҳоро касб мекунад (Диаграммаи 1):



Диаграммаи 1. - Касри буҷет нисбат ба ММД, %

Таҳлили методологии сохтори буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мутобиқ сохтани он ба стандартҳои байналмилалӣ ислоҳоти амиқ ва ҳамаҷонибаро тақозо мекунад. Бо дарназардошти зарурати ҷорӣ намудани равишҳои муосири методологӣ, кишвар метавонад самаранокии сиёсати фискалиро ба таври назаррас беҳтар намуда, ба устувории молиявӣ дар миёнамуҳлат ва дарозмуддат ноил гардад.

Бо дарназардошти таҳлилҳои гузаронидашуда, метавон натиҷагирӣ кард, ки ҷиҳати таъмини устувории дарозмуддати молиявӣ ва такмили сиёсати буҷетӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ниёз ба ислоҳоти фарогири сохторӣ, методологӣ ва институтсионалӣ дорад. Ислоҳот бояд масоили гуногунсозии манбаъҳои даромад, такмили низоми тақсимоти байнибуҷетӣ, мутобиқсозӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳисобгирии молиявӣ ва боло бурдани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетиро бахусус дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва сармоягузорӣ дар бар гирад. Танҳо дар асоси чунин тадбирҳо буҷети давлатӣ метавонад ба як воситаи муассир барои рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ табдил ёбад.

Адабиёт

1. Ачилова М.А. (2018). Бюджетная система Республики Таджикистан: состояние, проблемы и перспективы развития. Маҷаллаи илмию амалӣ «Проблемы современной

экономики». (Russian: Achilova M.A. *Budgetary system of the Republic of Tajikistan: state, problems and development prospects*). cyberleninka.ru.

2. Anderson, J.E. (2009). Assessing Measures of Fiscal Sustainability for Tajikistan. SSRN Working Paper, March 25, 2009. (Analysis using IMF debt dynamics model indicating Tajikistan exceeding fiscal thresholds in 2006-2016).

3. Brownbridge, M. & Canagarajah, S. (2008). Fiscal Policy for Growth and Development in Tajikistan. World Bank Policy Research Working Paper No. 4532. (Utilizes a "fiscal space" approach; highlights need for PFM, tax, and energy sector reforms for fiscal sustainability).

4. World Bank (2022). Tajikistan Public Expenditure Review. Washington, D.C.: World Bank. (Comprehensive analysis of Tajikistan's fiscal performance and PFM systems with recommendations).

5. CABAR.asia (2020). State Budget of Tajikistan: High Tax Dependence. Central Asian Bureau for Analytical Reporting, December 30, 2020. (Analytical article discussing tax revenue structure and expert views on tax burden in Tajikistan).

6. UNICEF Tajikistan (2021). Charting the structure of the State Budget FY2020 (from *Fiscal Space Assessment* report). (Data on budget breakdown by levels and sectors: central vs local shares, social sector spending).
unicef.org.

7. IMF (2021). Republic of Tajikistan – Article IV Consultation Report (Provides macro-fiscal indicators; notes medium-term deficit target of 2.5% of GDP for debt sustainability). elibrary.imf.org

PEFA (2017). Tajikistan Public Expenditure and Financial Accountability Assessment. (Evaluates PFM performance; notes progress and remaining weaknesses in budgeting process and oversight). documents1.worldbank.org.

8. Ғафуров П.Ҷ., Ғафуров Ф.Ҷ. (2021). Модели андоз аз даромади шахсони воқеӣ. Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научно-практический журнал), 2021. № 3 (37).

Маълумот дар бораи муаллиф

Ғафуров Парвиз Ҷурахонович – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Наҳимов 64/14. Тел.: (+992)939900330, E-mail: pg.1981@mail.ru.

Сведения об автора

Гафуров Парвиз Джурахонович - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой цифровой экономики и логистики Таджикского государственного финансово-экономического университета.Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992)939900330, E-mail: pg.1981@mail.ru.

About the author

Gafurov Parviz Jurakhonovich - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Digital Economy and Logistics at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, 64/14 Nakhimov Street. Phone: (+992)939900330, E-mail: pg.1981@mail.ru.

DOI: 10.24412/2663-0389-2025-245-113-121
УДК: 338:656. 1(575.3)

СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ТРАНСПОРТНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ ТАДЖИКИСТАНА В КОНТЕКСТЕ ПЕРЕХОДА НА «ЗЕЛЕНЫЕ» ПРИНЦИПЫ РАЗВИТИЯ

Шералиев А.А.
Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана

Аннотация. В статье представлен анализ современного состояния транспортной системы Таджикистана в условиях внедрения индустриально-аграрной модели развития экономики страны. Исследованы происходящие процессы по реализации стратегических задач по выводу страны из коммуникационного тупика и переходу этой отрасли на «зеленые» принципы развития. Также представлен анализ текущего состояния автотранспортной отрасли, выявлены основные проблемы, сдерживающие развитие этой отрасли, и выделены основные направления развития этой отрасли в контексте реализации стратегии по развитию «зеленой» в Таджикистане.

Ключевые слова: автотранспорт, грузоперевозки, пассажироперевозки, транспортная обеспеченность, инфраструктура, электромобили, декарбонизация транспорта, модернизация инфраструктуры, экономические связи и стратегическое планирование.
История статьи: статья поступила в редакцию 2 апреля 2025 года; доработана после рецензирования 9 апреля 2025 года; принята к публикации 29 апреля 2025 года.
Для цитирования: Шералиев А.А. Состояние и перспективы развития транспортной инфраструктуры Таджикистана в контексте перехода на «зеленые» принципы развития / А.А. Шералиев // Финансово-экономический вестник. – 2025. № 2. – С. 113-121.

ВАЗЪ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМИНАИ ГУЗАРИШ БА ПРИНСИПҲОИ РУШДИ «САБЗ»

Шералиев А.А.
Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақола таҳлили вазъи муосири системаи нақлиёти Тоҷикистон дар шароити татбиқи модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисоди кишвар оварда шудааст. Равандҳои ҷорӣ оид ба татбиқи вазифаҳои стратегии аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар ва гузаштани ин соҳа ба принсипҳои рушди «сабз» таҳқиқ шудаанд. Инчунин таҳлили вазъи кунунии соҳаи нақлиёти автомобилӣ оварда шудааст, мушкилотҳои асосие, ки ба рушди ин соҳа монеъ мешаванд, муайян гардида, самтҳои асосии рушди ин соҳа дар заминаи татбиқи стратегияи рушди «сабз» дар Тоҷикистон таъкид шудаанд.

Калидвожаҳо: нақлиёти автомобилӣ, ҳамлу нақли бор, ҳамлу нақли мусофирон, таъмини нақлиётӣ, инфрасохтор, нақлиёти баркӣ, декарбонизатсияи нақлиёт, модернизатсияи инфрасохтор, робитаҳои иқтисодӣ ва банақшагирии стратегӣ.

Таърихи мақола: мақола ба муҳаррир 2 апрели соли 2025 ворид шудааст; пас аз баррасии коршиносон 9 апрели соли 2025 такмил дода шудааст; барои нашр 29 апрели соли 2025 қабул шудааст.

STATE AND PROSPECTS FOR DEVELOPMENT OF TRANSPORT INFRASTRUCTURE OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF THE TRANSITION TO «GREEN» DEVELOPMENT PRINCIPLES

Sheraliev A.A.
Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences

Annotation. The article presents an analysis of the current state of the transport system of Tajikistan in the context of the introduction of the industrial-agrarian model of economic development of the country. The ongoing processes for the implementation of strategic objectives to bring the country out of the communication deadlock and the transition of this industry to "green" principles of development are studied. The analysis of the current state of the motor transport industry is presented, the main problems hindering the development of this industry are identified, and the main directions of development of this industry in the context of the implementation of the strategy for the development of "green" in Tajikistan are highlighted.

Keywords: motor transport, cargo transportation, passenger transportation, transport security, infrastructure, electric vehicles, decarbonization of transport, infrastructure modernization, economic ties and strategic planning.

Article History: the article was submitted to the editor on April 2, 2025; revised after peer review on April 9, 2025; accepted for publication on April 29, 2025.

Постановка проблемы. Особая роль для достижении стратегических целей Таджикистана переходу на индустриально-агарную модель развития и превращения страны Таджикистана в транзитную страну и использование транзитных возможностей. Отведена вопросам активного развития транспортной инфраструктуры. Ее строительство имеет решающее значение для превращения Республики Таджикистан в транзитную страну и способствует росту экспорта отечественной продукции. За период независимости было построено 2400 км автомобильных дорог, 326 мостов, 6 автомобильных тоннелей, 219 км железных дорог, что обеспечило ускоренную индустриализацию и развитие инфраструктуры страны.

Анализ последних исследований. За последние семь лет были построены более 250 километров автомобильных дорог, 42 моста, 4 туннеля и несколько эстакад, что содействовало росту перевозок. По рейтингу качества дорог, страна устойчиво занимает 50-е место среди 138 стран, охваченных исследованием.

По состоянию на 1 января 2022 года в Таджикистане используется всего 14308,5 км автомобильных дорог, из них 3340,5 км международного, 2109,9 км национального и 8858,1 км местного значения. При этом в стране имеется 2246 мостов, из них 506 международного, 321 национального и 1419 местного значения.

Целью статьи заключается в анализе текущего состояния транспортной инфраструктуры страны, выявлении

ключевых проблем и оценке перспектив ее модернизации с учетом экологически устойчивых технологий. В статье рассматриваются возможности внедрения «зеленых» принципов в транспортный сектор, их влияние на экономику и окружающую среду, а также меры, необходимые для обеспечения экологически чистого и энергоэффективного развития транспортной системы Таджикистана.

Изложение основного материала. С целью решения стратегической задачи страны по выходу из коммуникационного тупика и превращения в транзитную страну в 2021-2023 годах было реконструировано 943,55 км дорог (в том числе 270,05 км с асфальтовым и 673,5 км гравийным), 144 мостов протяженностью 4323,8 метра и 161 водостоков протяженностью 1399 метров. В результате объем грузоперевозок всеми видами транспорта составил 82,0 млн. тонн, в том числе 76,3 млн. тонн груза автодорожным и 5,7 млн. тонн груза ж/д транспортом [8].

Проведена реконструкция автомобильной дороги в г. Душанбе в 2020 году в рамках проекта «Благоустройство региональной автомобильной дороги Душанбе-Турсунзаде участка дороги от пересечения проспекта Сино с проспектом Исмоили Сомони до западных ворот города Душанбе» со строительством трехуровневых перекрестных дорог, строительство дороги с мостом на двух уровнях по обеим сторонам проспекта Нусратулло Махсума пересечением проспекта Сино, 5 подземных переходов общей протяженностью 236 метров.


Таджикистан добился определенных успехов в модернизации инфраструктуры наземного транспорта. Однако, учитывая, что Таджикистан является страной, не имеющей выхода к морю, дороги и наземный транспорт играют важную роль в цепочке поставок продовольствия. Улучшение коммуникаций и развитие транспортных коридоров в регионе Центральной Азии должно стоять на первом месте в политической повестке дня.

В развитии промышленности и, в целом, национальной экономики, в достижении стратегических целей страны призвана сыграть транспортная инфраструктура. Ее строительство имеет решающее значение для превращения Республики Таджикистан в транзитную страну и способствует росту экспорта отечественной продукции.

За последние пять лет были построены 250 километров автомобильных дорог, 42 моста, 4 туннеля и несколько эстакад, что содействовало росту перевозок. По рейтингу качества дорог, страна устойчиво занимает 50-е место среди 138 стран, охваченных исследованием.

Хотя за этот период объемы перевозок грузов предприятиями возросли в 1,4 раз (см. Диаграмма 1), но это ниже темпов роста ВВП. Для страны, важно наращивать усилия по опережающему развитию транспортной системы.


Диаграмма 1. - Объемы перевозок грузов предприятиями транспорта в Республике Таджикистан, млн. тонн



Источник: *Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан*

Ожидаемо, перевозки грузов железнодорожным и воздушным транспортом практически остались без изменений, в то время как увеличились перевозки грузов автомобильным транспортом.


Диаграмма 2. - Объемы перевозок грузов по видам транспорта в Республике Таджикистан, млн. тонн



Источник: *Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан*

За период с 2015 по 2022 гг. наблюдается рост числа перевезенных пассажиров всеми видами транспорта общего пользования - совокупный рост 1,45 раз. В структуре пассажирооборота (Диаграмма 3) наибольшую долю занимает автомобильный транспорт (97,4%), намного ниже электрический транспорт (2,5%). При этом доля железнодорожного и воздушного транспортов остается крайне низкой - по 0,1% [9].

Диаграмма 3. - Объемы перевозок пассажиров в Республике Таджикистан, млн. чел (ЦУР 9.1.2)



Источник: *Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан*

Транспортная сфера играет важную роль в экономике страны как ключевой элемент производственной инфраструктуры. Сектор работает практически исключительно на ископаемом топливе и поэтому является одним из основных источников выбросов парниковых газов (ПГ) [1].

Важным этапом в развитии транспортного сектора эстраны стали инициативы по переходы на «зеленую» экономику, который стал глобальный международным курсом развития практически всех стран. В 2008 году была провозглашена экологическая программа ООН - «Инициатива «зеленой» экономики» (Green Economy Initiative), которая была ориентирована на оказание помощи правительствам различных стран в переориентации их экономической политики на преимущественное использование экологически чистых технологий, возобновляемых источников энергии, услуг водоснабжения и экологически чистого транспорта, необходимости управления отходами, строительства «зеленых» зданий, устойчивого сельского хозяйства и т.д» *[2]*.

Дальнейшим шагом «Инициативы «зеленой» экономики» стал разработанный «Глобальный «зеленый» новый курс», который был определен как путь мирового развития, способный вернуть мировой экономической и финансовой системе стабильность. В декабре 2009 года Генеральная Ассамблея ООН приняла решение включить тему ЗЭ как одну из ключевых тем в программу Конференции ООН по устойчивому развитию (Рио+20), которая прошла в Рио-де-Жанейро (Бразилия) в 2012 году. На этой конференции в выступлении Президента Республики Таджикистан на пленарном заседании 21 июня 2012 года было отмечено, что *«…нет сомнения в том, что результаты Конференции положат начало ускоренному и обоснованному переходу к «зелёной» экономике, призванной способствовать созданию новых рабочих мест и искоренению бедности за счет инвестиций в сохранение природного капитала, от которого зависит будущее планеты Земля»*. И уже в Послании Парламенту страны в 2014 году Лидер нации Президент Эмомали Рахмон отметил, что «…наше государство является искренним сторонником шагов и инициатив

влиятельных международных организаций, в том числе Организации Объединенных Наций, и развитых государств по развитию возобновляемых и экологически чистых источников энергии как базиса «зелёной экономики» *[5]*.

С целью развития «зеленой» экономики в 2022 году была утверждена Стратегия развития «зеленой» экономики в Республике Таджикистан на 2023-2037 годы. Стратегия была разработана в целях реализации Плана мероприятий по выполнению задач Послания Президента Республики Таджикистан от 21 декабря 2021 года «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан» и постановления Правительства Республики Таджикистан №2 от 24 января 2022 года «Об итогах социально-экономического развития Республики Таджикистан в 2021 году и задачах на 2022 год». Основные ее задачи сосредоточены на мерах по проведению институциональных реформ, эффективном использовании природного капитала, привлечении инвестиций, внедрении современных и инновационных технологий и укреплении международного сотрудничества в сфере «зеленой» экономики.

В соответствии со Стратегией развития «зеленой» экономики в Республике Таджикистан на 2023-2037 годы (СРЗЭ-2037), реализация принципов «зеленой» экономики в транспортной сфере будет способствовать снижению выбросов парниковых газов и постепенной декарбонизации этой сферы. Для реализации процесса «зеленой» экономики в сфере транспорта будет постепенно обеспечиваться инфраструктура и другие необходимые условия для использования электромобилей в стране. В рамках реализации задач по развитию «зеленого» транспорту в соответствии с этой стратегии запланировано к 2037 году довести долю электромобилей в наземном транспорте до 75 процентов.

Популяризация среди людей общественного электрического транспорта, других виды безопасного транспорта и велосипедов в качестве альтернативных и экологически чистых средств передвижения по городу и на короткие расстояния, в том числе с использованием гибридных транспортных средств и электромобилей.

Среди основных задач в этом секторе, СРЗЭ-2037 были определены следующие: укрепление институциональной базы развития «зеленой» экономики в сфере транспорта; развитие транспортной инфраструктуры с учетом процесса «зеленой» экономики; строительство эстакад с целью защиты и сохранения флоры и фауны вдоль дорог; внедрение и использование общественного электротранспорта во всех городах страны; увеличение импорта и производства (сборки) электротранспорта, в том числе электромобилей, электробусов, троллейбусов и т.п.; создание инфраструктуры и других необходимых условий для эксплуатации электромобилей и усиление контроля над снижением выбросов парниковых газов в транспортном секторе.

Помимо этого в Стратегии запланированы реализации действия по совершенствование нормативной правовой базы развития отрасли с учетом внедрения «зеленой» экономики, комплексная цифровизация пассажирских электромобилей общественного пользования, создание предприятий в сфере производства и монтажа электромобилей и запасных частей к ним, создание сервисных

пунктов по электроснабжению и ремонту электромобилей, обеспечение необходимого контроля качества топлива, используемого в автомобильном транспорте, реконструкция существующих сетей улиц города Душанбе и других городов и перекрестков, выделение площадок для стоянок общественного транспорта и строительство 2-3 уровневых перекрестков, постепенный переход на электротранспорт в сфере общественного транспорта, создание предприятия по переработке (утилизации) старых машин и материалов для транспорта, популяризация использования велосипедов как альтернативного вида транспорта и создание необходимой инфраструктуры для распространения использования этого вида транспорта в городах и районах.

Высокую значимость вопросов формирования «зеленой экономики» и устойчивого природопользования отметил в своем Послания Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон в 2023 году Президент Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемый Эмомали Рахмон, который уже в начале своего Послания отметил**:** *«В последние годы основное внимание Правительства страны было уделено вопросам предотвращения воздействия потенциальных рисков на национальную экономику, эффективного использования имеющихся мощностей, индустриализации страны и создания рабочих мест. Мы также объявили, что формирование «зеленой» экономики, ускорение процесса цифровизации экономики, развитие человеческого потенциала, повышение конкурентоспособности отечественной продукции, укрепление экспортных возможностей страны и улучшение качества социальных услуг являются приоритетными вопросами»[5].*

В секторе Транспорта в Послании даны были также поставлены конкретные задачи по внедрению «зеленых» принципов развития. В частности Президент отметил следующее: *«...Министерство транспорта и местные исполнительные органы государственной власти обязаны принять срочные меры по совершенствованию экологических и социальных стандартов разработки проектов строительства, реконструкции и использования дорог с целью приведения их в соответствие с принципами «зеленой» экономики, озеленения прилегающих автомобильных дорог международного, республиканского и местного значения»[6].*

В этой сфере в стране в последние годы активизировалась деятельность по внедрению зеленых принципов развития. Транспортная сфера играет важную роль в экономике страны как ключевой элемент инфраструктуры услуг, однако основным источником загрязнения атмосферного воздуха в городах являются выбросы транспорта. Поэтому в соответствии с Таможенным кодексом Республики Таджикистан ввоз электротранспорта, т.е. электромобилей, электробусов и троллейбусов, освобождается от уплаты таможенных пошлин. В целях реализации процесса развития «зеленой» экономики в сфере транспорта началось поэтапное создание инфраструктуры и других необходимых условий для использования электромобилей в стране.

Вопросы реализации государственных проектов и их финансирования были в центре Послания Лидера нации Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в 2024 году. В частности он в своем выступлении

отметил: «…*В 2024 году в рамках инвестиционных государственных проектов были построены и сданы в эксплуатацию 155 километров дорог международного и республиканского значения, 20 крупных и малых мостов и 3 тоннеля на общую сумму 4,6 миллиарда сомони. В последние годы активизированы работы по строительству местных дорог, только в 2024 году за счет всех источников финансирования, особенно при вкладе предпринимателей, щедрых лиц и в целом народа Таджикистана, было отремонтировано и реконструировано свыше 2-х тысяч километров местных дорог на сумму более 1 миллиарда сомони, завершено строительство и модернизация 23-х мостов».*

Также в этом Послании Лидером нации были поставлены конкретные поручения и Министерству Транспорта Республики Таджикистан и в частности: *«…Наряду с этим Министерству транспорта поручается принять необходимые меры по качественной реализации инвестиционных проектов, своевременной реализации возведения и модернизации дорог международного значения с соблюдением международных норм, по формированию транзитных и транспортных коридоров и их инфраструктур».*

В целом, резюмируя все вышеизложенное, необходимо отметить, что транспортная сфера Таджикистана получила большой импульс для своего развития за счет активизации действий Правительства страны по развитию и модернизации транспортной инфраструктуры и реализации задач по переводу этой сферы на «зеленые» принципы развития, что в целом позволит активизировать процессы декарбонизации этого сектора экономики, улучшить экологическую обстановку в городах и сделать эту сферу привлекательной для притока внешних инвестиций.

Литература

1. Добровольный национальный обзор Таджикистана «Зеленое развитие для всеобщего процветиния» // Правительство Республики Таджикистан - 2023 год, - С. 36.

2. Обидов, К. Р. «Зелёная» экономика: концептуальные основы и перспективы развития в Республике Таджикистан / К. Р. Обидов. - Душанбе : Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, 2024. - 211 с. - EDN ZURKTP.

3. Послание Президента Республики Таджикистан от 21 декабря 2021 года «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан».

4. Послание Президента Республики Таджикистан от 22 декабря 2014 года «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан».

5. Послание Президента Республики Таджикистан от 28 декабря 2023 года «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан».

6. Послание Президента Республики Таджикистан от 28 декабря 2024 года «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан».

7. Производственная инфраструктура как условие развития экономики Таджикистана / А. Рауфи, О. Бобоев, К. О. Бобоев [и др.]. - Душанбе : Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, 2024. - 223 с. - EDN NBVJWJ.

8. Шералиев, А. А. Достижения, проблемы формирования и перспективы развития международных транспортных коридоров в Республике Таджикистан / А. А. Шералиев // Экономика Таджикистана. - 2019. - № 4. - С. 250-257. - EDN ZPWEMH.

9. Шералиев, А. А. Некоторые показатели развития транспортной инфраструктуры Таджикистана / А. А. Шералиев, Б. Ш. Давлатов, Ф. Зафарджонзода // Экономика Таджикистана. - 2023. - № 4. - С. 77-84. - EDN ETDZGA.

10. Шералиев, А. А. Оценка динамики рационального развития и размещения транспортно-экономических связей Таджикистана, ориентированных на индустриально-аграрное развитие / А. А. Шералиев // Известия Национальной академии наук Таджикистана Отделение общественных наук. - Душанбе: «Дониш», - 2024. - № 1 (274). - С. 110-116.

Маълумот дар бораи муаллиф

Шералиев Абдувоҳид Абдуҳамидович – номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Моб.: (+992) 907-89-64-64. E-mail: Sheraliyev-83@mail.ru

Сведения об автора

Шералиев Абдувохид Абдухамидович – кандидат экономических наук, ведущий научный сотрудник Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистан. Моб. Тел: (+992) 907-89-64-64. E-mail: Sheraliyev-83@mail.ru

About the author

Sheraliev Abduvohid Abdukhamidovich – candidate of economic sciences, leading researcher of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Mobile Tel: (+992) 907-89-64-64. E-mail: Sheraliyev-83@mail.ru

DOI: 10.24412/2663-0389-2025-245-122-129
УДК: 657.6

ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШ ВА АУДИТ ДАР МУАССИСАҲОИ БУҶЕТӢ

Тоҷидинова З.С.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Анотатсия. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои тартибу усулҳои гузаронидани санҷиш ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ баррасӣ карда шудааст. Яке аз самтҳои калидии татбиқи вазифаи назоратӣ дар рафти идоракунии молияи давлатӣ ин бағоории назорати молиявӣ мебошад. Аудит дар асоси принсипҳою қонуниятҳо, ҳаққоният, мустақилият ва ошкорбаёнӣ ба роҳ монда шуда, он ба тибқи стандартҳои корҳои назоратию тафтишотие, ки дар ташкилоту муассисаҳои байналмилалӣ истифода бурда мешаванд, ташкил ва гузаронда мешаванд. Усулҳои назорати молиявӣ дар қонунгузориҳои назорати молиявӣ муайян карда шудааст ва ин қонунҳо бояд аз ҷониби субъектҳои назоратӣ риоя карда шаванд. Тафтишҳои маҷмӯӣ ва санҷишҳои мавзӯӣ мутобиқи нақшаҳои тасдиқгардида, дар мавқеи ҷойгиршавии объекти тафтишшаванда ташкил ва ба анҷом расонда мешаванд.
Калидвожаҳо: аудит, вазифаи назоратӣ, муассисаи буҷетӣ, идоракунӣ, назорати молиявӣ, субъектҳои назоратӣ.
Таърихи мақола: мақола ба муҳаррир 2 апрели соли 2025 ворид шудааст; пас аз баррасии коршиносон 9 апрели соли 2025 такмил дода шудааст; барои нашр 29 апрели соли 2025 қабул шудааст.
Барои иқтибос: Тоҷидинова, З. С. Тартиби гузаронидани санҷиш ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ / З. С. Тоҷидинова // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. –No. 2(45). – С. 122-129.

ПОРЯДОК ПРОВЕДЕНИЯ ПРОВЕРОК И АУДИТА В БЮДЖЕТНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Тоджидинова З.С.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. В данной статье рассматриваются вопросы порядка и методов проведения проверок и аудитов в бюджетных учреждениях. Одним из ключевых направлений реализации функции контроля в процессе управления государственными финансами является установление финансового контроля. Аудит проводится на основе принципов законности, подлинности, независимости и открытости, организуется и проводится в соответствии со стандартами контрольно-следственных работ, применяемыми в международных организациях и учреждениях. Методы финансового контроля определены в законодательстве о финансовом контроле, и эти законы должны соблюдаться контролирующими субъектами. Комплексные проверки и тематические проверки организуются и проводятся в соответствии с утвержденными планами, на месте расположения проверяемого объекта.
Ключевые слова: аудит, контрольная функция, бюджетное учреждение, управление, финансовый контроль, субъекты контроля.

История статьи: статья поступила в редакцию 2 апреля 2025 года; доработана после рецензирования 9 апреля 2025 года; принята к публикации 29 апреля 2025 года.

PROCEDURE FOR CONDUCTING INSPECTION AND AUDIT IN BUDGETARY INSTITUTIONS

Tojidinova Z.S.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. This article discusses the procedure and methods of conducting inspections and audits in budgetary institutions. One of the key areas of implementation of the control function in the process of public finance management is the establishment of financial control. The audit is conducted on the basis of the principles of legality, authenticity, independence and openness, organized and conducted in accordance with the standards of control and investigative work applied in international organizations and institutions. The methods of financial control are defined in the legislation on financial control, and these laws must be respected by the controlling entities. Comprehensive inspections and thematic inspections are organized and conducted in accordance with approved plans at the location of the facility being inspected.

Keywords: audit, control function, budgetary institution, management, financial control, control entities.
Article History: the article was submitted to the editor on April 2, 2025; revised after peer review on April 9, 2025; accepted for publication on April 29, 2025.

Гузориши масъала. Инкишофу равнақи тамоми соҳаҳои иқтисодиётро бе аудит ва назорат тасаввур кардан ғайри имкон мебошад. Яке аз самтҳои калидии татбиқи вазифаи назоратӣ дар рафти идоракунии молияи давлатӣ ин бачоории назорати молиявӣ мебошад. Вазифаи назоратӣ дар ягонагӣ бо дигар вазифаи идоракунӣ – вазифаи тақсимкунӣ имкон медиҳад, ки бо роҳи назорати ҳаракати сарватҳои молиявӣ равандҳои тақсимоти арзиши маҳсулоти ҷамъиятии истеҳсолшуда назорат карда шавад ва мувофиқан ин равандҳо идора карда шаванд.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Вобаста ба самти мазкур таҳқиқот аз ҷониби олиморни ватанӣ ва хориҷӣ аз қабили Артеменко В.Г., Афанасев М.П., Каримов Б.Ҳ., Бобиев И.А., Қаюмова Ф.А., Набиев Б.А., Қодирова Г.Т., Ғафоров Ф.Ф., Радионова Л.В., Олимов Д.А. ва дигарон анҷом дода шудааст.

Мақсади мақола – ин тартиби гузаронидани санҷиш ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои асосии мавод. Аудит яке аз қисмҳои муҳими идоракунӣ ба шумор меравад ва ин пай дар пай санҷидани фармонҳои Ҳукумат, қонунҳо ва қарорҳои ташкилотҳои роҳбарикунанда, иҷрои нақшаи ба зимма доштаи шахсони хуқуқӣ мебошад, ки барои пешгирии интизомвайронкуниҳо ва ё ба даст овардани даромади муфт (беасос) гузаронида мешавад.

Назорати молиявӣ- ин назорати маблағҳои пулӣ мебошад, ва аз ин рӯ ин намуди назорат нисбати дигар намудҳои назорат дар ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷой дорад ва дар ҳамаи соҳаҳои истеҳсолӣ ва ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ гузаронда мешавад.

Назорати молиявиро мақомоти

ҳокимиятҳо ва идораҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, Хазинадории марказӣ ва шуъбаҳои он, мақомоти молиявии ҳокимиятҳои маҳаллӣ, моликони асосӣ ва моликони дигар мегузаронанд. Барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда, мақомоти назорати молиявӣ ҳуқуқ доранд, ки тафтиш ва санҷишҳоро доир ба самарабахш истифода бурдани маблағҳо ва назорати амволи давлатӣ дар ҳамаи мақомотҳои давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ ташкил намоянд. Ваколатҳои назорати молиявӣ нисбат ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳаллаҳо, шахсони воқеӣ ва хуқуқӣ новобаста ба шакли моликият, агар онҳо маблағҳоро аз буҷети давлатӣ гирифта бошанд, ба воситаи суратҳисобҳо гузаронида бошанд ва ё моликияти давлатиро истифода бурда бошанд, назорати молиявӣ ташкил ва гузаронида мешавад. Тафтишот на зиёда аз як маротиба дар ду сол ва санҷишҳои мавҷуда мутобиқи нақшаи солонаи тасдиқгардида дар маҳалли ҷойгиршавии объекти тафтишшаванда, дар асоси фармони роҳбарияти мақомоти назорати молиявӣ, дар бораи гузаронидани тафтишот ё санҷиш сар карда ва ба анҷом расонида мешавад [6, с.14].

Предмети аудитро фонди музди меҳнат, ҳосилнокии меҳнат, шумораи коргарон, воситаҳои асосӣ, қарзҳо, фондҳои иқтисодии ҳавасмандгардонӣ, фоида ва даромад, ҳиссаҷудокуниҳо аз буҷет ташкил медиҳанд.

Аудит дар асоси принсипҳою қонуниятҳо, ҳаққоният, мустақилият ва ошкорбаёнӣ ба роҳ монда шуда он ба тибқи стандартҳои корҳои назоратию тафтишотие, ки дар ташкилоту муассисаҳои байналмилалӣ истифода бурда мешаванд, ташкил ва гузаронда мешаванд.

Усулҳои назорати молиявӣ дар қонунгузориҳои назорати молиявӣ муайян карда шудааст ва ин қонунҳо бояд аз ҷониби субъектҳои назоратӣ риоя карда шаванд.

Роҳбарони объектҳои тафтишшаванда вазифадор мебошанд, ки барои фаъолияти тафтишгарон, ки тафтиш ё санҷишро мегузаронанд, шароити дуруст мусоид фароҳам оваранд ва барои онҳо ҳуҷра, воситаҳои алоқа ва компютер ҷудо намуда, хизматрасониро тибқи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд.

Ҳамаи мақомотҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, Бонки миллӣ, корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин дигар шахсони воқеию ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки вобаста ба дархости мақомоти назорати давлатии молиявӣ оид ба тафтишу санҷишҳои гузаронидаистода иттилооти заруриро пешниҳод намоянд.

Ҳангоми гузаронидани тафтишу санҷишҳо, мақомоти назорати молиявӣ аз корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, бонкҳо тибқи қонун иттилоот ва нусхаи ҳуҷҷатҳои заруриро талаб менамоянд. Ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифадоранд тасдиқи ҳуҷҷатҳои амалиётҳои “гузаронидашуда”, маълумотномаҳо ва нусхаҳоро оид ба ин амалиётҳо ва ҳисобҳо ба мақомотҳои назоратӣ пешниҳод намоянд. Рад намудан ва саркашии шахсони мансабдор ва алоҳидаи мақомотҳои дар боло зикргардида, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо аз пешниҳоди саривақтии иттилоот ё ҳуҷҷатҳои зарурӣ бо дархости мақомоти назоратӣ, ҳамчунин дидаю дониста пешниҳод намудани иттилооти бардурӯғ, мутобиқи қонунгузориҳои ҷумҳурӣ боиси ба ҷавобгарӣ кашидани роҳбарони корхонаҳою муассисаҳо мегардад.

Тафтишҳои маҷмӯӣ ва санҷишҳои мавзӯӣ мутобиқи нақшаҳои тасдиқгардида, дар мавқеи ҷойгиршавии объекти тафтишшаванда ташкил ва ба анҷом расонда мешаванд. Оид ба натиҷаҳои тафтиш ва санҷишҳои гузаронидашуда санад таҳия мегардад, ки дар он асос, мақсад, мавзуъ, объекти тафтишшаванда, номгӯи ҳуҷҷатҳои омӯхташуда, номгӯи ҳуҷҷатҳои дастраснагардида, маълумот оид ба норасоиҳо, зиён ва инчунин тавсияҳо оид ба андешидани тадбирҳо баҳри рафъи камбудиҳои ошкоргардида дарҷ карда мешаванд [7 с. 47].

Дар сурати ошкор намудани дуздии маблағҳо ё молу мулки давлатӣ, ҳангоми гузаронидани тафтиш ё санҷиш, инчунин дигар пешниҳодҳои ҷиноятӣ ва сӯистифода, дар давоми панҷ рӯзи пас аз баррасии онҳо, маводи тафтиш ё санҷиш ҷиҳати баррасии минбаъда ва қабули қарорҳо нисбати онҳо ба мақомоти прокуратура ирсол карда мешаванд.

Пешниҳодот ва нишондодҳои хаттии тафтиш бояд дар мӯҳлатҳои дар он зикргардида ва ё агар ин мӯҳлатҳо зикр нашуда бошанд, он гоҳ дар давоми 20 – руз бояд камбудиҳои нишондодашуда ислоҳ карда шаванд. Ташкилот ва муассисаҳое, ки нишондодҳои хаттӣ гирифтаанд, бояд оид ба тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати рафъи камбудиҳои дар онҳо зикргардида иттилоот диҳанд [6, с.39].

Ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби пешниҳод ва нишондодҳои назоратӣ дар ин бора мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, барои андешидани чораҳои дахлдор ба мақомоти прокуратура иттилооти лозимӣ фиристода мешаванд.

Бозхонд, ворид намудани тағйирот ва бекор кардани пешниҳодот, нишондодҳои хаттӣ аз ҷониби роҳбарияти мақомоти назорати молиявӣ анҷом дода мешаванд.

Бо мақсади ҷуброни зиёни ба давлат расонидашуда, ки дар ҷараёни тафтиш ё санҷиши объекти тафтишшаванда ошкор карда мешаванд, кормандони мақомоти назорати молиявӣ ҳуқуқ доранд, ки тавассути шахсони сеюм (мақомоти молиявии бонк ё дигар муассисаҳои молиявию қарзӣ) огоҳнома ирсол намоянд ва корхонаю муассиса ва ташкилотро вазифадор намоянд, ки пардохти мустақими маблағи дахлдорро дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯз пас аз гирифтани огоҳнома ба буҷети дахлдор пардохт намоянд [6, с. 45].

Ҳамин тавр, назорати давлатии молиявӣ – ин маҷмӯи амалҳо ва чорабиниҳое мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори махсус бо мақсади назорати риоякунии меъёрҳои ҳуқуқ дар раванди бунёдшавӣ, тақсимот ва истифодабарии манбаъҳои молиявӣ барои саривақт гирифтани ахбори пурра ва муътамад дар бораи рафти татбиқи қарорҳои идоракунии молиявии қабулгардида ба ҷо оварда мешавад [11, с. 168].

Назорати молиявӣ ҳамчун қисми асосии назорат, бо алоқамандии истифодабарии мафҳумҳои арзишӣ, дорои соҳаи муайяни қабул ва самти мувофиқи мақсаднок мебошад. Объекти назорати молиявӣ равандҳои пулӣ, тақсимкунӣ ҳангоми тартибдиҳии истифодабарии захираҳои молиявӣ, алалхусус дар шакли фонди воситаҳои пулӣ, дар тамоми дараҷа(мақом) ва соҳаҳои хоҷагии халқ мебошад.

Чунин нишондиҳандаҳо, ҳамчун предмети назорат баромад мекунанд, даромад, фоида, андоз аз арзиши иловашуда, арзиши аслӣ, даромаднокӣ, хароҷотҳо, ҳиссаҷудокуниҳо ба мақсадҳо ва фондҳои гуногун ва ғайра.

Назоратро на фақат аз болои ташкилот ва муассисаҳои сустфаъолият, балки аз

болои ташкилот ва муассисаҳои фаъолияти миёна ва хуб дошта низ гузаронидан ҷоиз аст. Назорати молиявӣ чунин санҷишҳо: риоя кардан ба қонунҳои иқтисодии талаб карда шуда, бартаринокии таносуби тақсим ва аз нав тақсимкунии арзиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ; тартибдиҳӣ ва иҷроиши буҷет (назорати буҷетӣ); вазъияти молиявӣ ва самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, моддӣ ва молиявии ташкилотҳо, муассисаҳо, муассисаҳои буҷетӣ, назорати андозӣ ва дигар самтҳоро дар бар мегирад [9, с. 36].

Дар назди назорати молиявӣ чунин масъалаҳо гузошта шудаанд:

- ёрӣ расонидан ба баробаркунонии талабот ба захираҳои молиявӣ ва ҳаҷми даромадҳои пуливу фондҳои хоҷагиҳои халқ; таъмини саривақт ва пурраи иҷроиши ӯҳдадориҳои молиявии дар назди буҷети давлатӣ буда;

- ошкор кардани захираҳои дохилиистеҳсолии рушди захираҳои молиявӣ, аз ҷумла аз рӯи пасткунии арзиши аслӣ ва баландбардории даромаднокӣ;

- ёрӣ расонидан ба дуруст ба роҳ мондани харочоти нархҳои маҳсулотӣ, захираҳои пулӣ ва баҳисобгирии ҳисобҳои муҳосибӣ дар ташкилотҳо, муассисаҳо ташкилотҳои буҷетӣ;

- таъмин ва риояи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ, аз ҷумла дар соҳаи андозгузории ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни ташкилии ҳуқуқӣ;

- ёрӣ расонидан ба натиҷаи баланди фаъолияти берунииқтисодии ташкилотҳо, аз ҷумла тавассути амалиётҳои асъорӣ ва ғ.

Назорати молиявӣ дар асоси заминаҳои ҳуқуқӣ ва низоми ченакҳои системаи мақомотҳои давлатӣ ва мақомотҳои идораи маҳаллӣ, аз ҷумла мақомотҳои назоратии иҷтимоӣ ҳангоми иштирок дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективони меҳнатӣ ва шаҳрвандон амалӣ гардонида мешавад.

Мафҳуми назорати молиявӣ дар он ифода меёбад, ки дар вақти гузаронидани он, *аввал* – риояи интизоми ҳуқуқии ҷоришуда дар рафти фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳо; *дуюм* – асоснокии иқтисодӣ ва таъсирбахшии амалиётҳои мутаассир, мувофиқати онҳо бо вазифаҳои давлату ташкилотҳои маҳаллӣ (мунисипалӣ) зарур мебошад [7, с. 36].

Талаботи риояи қонунгузорӣ дар фаъолияти ташкил, тақсим ва истифодабарии фондҳои пулии давлат ва ҳамаи мақомотҳои он асоси конститутсионӣ дорад: Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд (Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 1, моддаи 10). . [1, с. 27].

Бо вуҷуди ин объекти назорати молиявӣ бо тафтиши танҳо воситаҳои пулӣ маҳдуд нест. Дар натиҷаи умумӣ он назоратро аз болои истифодабарии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, табиӣ ва дигар захираҳои кишвар нишон медиҳад, зеро ки дар шароити муосир раванди истеҳсолот ва тақсимот тавассути муносибатҳои пулӣ ғайримустақим ифода карда мешавад.

Назорати давлатии молиявӣ барои амалӣ гардонидани сиёсати молиявии давлат, ба вуҷуд овардани шароит барои устувории молиявӣ пешбинӣ карда шудааст. Ин пеш аз ҳама, коркард, тасдиқ ва иҷроиши буҷети тамоми сатҳҳо ва фондҳои ғайрибуҷетӣ, назорат аз болои мақсаднок ва сарфакорона(оқилона) истифода бурдани воситаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, фаъолияти молиявии муассисаҳои давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ, бонкҳо ва корпоратсияҳои молиявӣ мебошад [8, с.124].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи амалӣ гардонидани мақсадҳои назорати молиявӣ, интизоми молиявӣ мустаҳкам гардонида мешавад, ки ин як тарафи қонунро ифода мекунад. Назорати молиявӣ аз истифодабарии иттилооти меъёрӣ ва ҳисоботӣ замина мегирад. Ин алоқамандии назоратро бо дигар намудҳои фаъолияти идоракунӣ, пеш аз ҳама бо баҳисобгирии муҳосибӣ муайян менамояд. Лекин агар дар баҳисобгирии муҳосибӣ вазифаи назоратӣ ҳангоми бақайдгирии бетаннафус ва пурраи амалиётҳои хоҷагидорӣ иҷро карда шавад, онгоҳ назорати молиявӣ чун қоида, аз рӯи маълумотҳои интихобӣ асоснок карда шуда аз тарафи мақомотҳои назоратӣ бо тартиби даврагӣ ва ё маротибагӣ амалӣ карда мешавад [11, с. 55].

Барои бунёди низоми амалкунандаи аудити давлатӣ дар ҷумҳурӣ, зарур аст, ки дар навбати аввал шарти пешакии фаъолияти бомуваффақияти он таъмин карда шавад:

-коркард ва тасдиқи санадҳои қонунгузорӣ, ки низоми назорати давлатӣ, мақоми назорати давлатӣ ва аудити давлатиро муайян менамояд;

-сифати ташкили раванди буҷетӣ, низоми ҳисоботи давлатии молиявӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ аз ҷумла, аз истифодабарандагони захираҳои давлатӣ ва объектҳои шарикии давлатию хусусӣ дар назар дошта шудааст;

-комилан мувофиқ будани шакли ташкилии аудити давлатӣ, мақсад, вазифаҳо, принсипҳои он;

Қисми асосии хоҷагиҳои фермерии водии Зарафшон аз рӯи ҳолати худ шахсони ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд. Гузариш ба шахсони воқеӣ амалан рух намедиҳад, зеро аксари деҳқонон боварӣ доранд, ки маҳрум шудан аз ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби хоҷагии деҳқонӣ боиси оқибатҳои манфии онҳо гардад ё вазъи ҳуқуқии онҳоро номуайян гардонад. Чунин тарсу ҳаросҳо беасос нестанд, аммо оқибатҳои эҳтимолии манфӣ на танҳо бо мавҷуд будан ё набудани ҳуқуққои шахси ҳуқуқӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, балки бо номукаммалии умумии қонунгузории танзимкунандаи ин навъи фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки меъёрҳои қонун дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ

(фермерӣ) ҳамоҳанг карда шаванд. Ин кор бояд ба ҳамоҳангсозии меъёрҳои мавҷуда, тартиби ташаккул ва қатъ гардидани фаъолият бо меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шавад. Натиҷаи ин кор бояд ба субъектҳо имкон диҳад, ки хоҳиши ташкили хоҷагӣ кунанд, шакли дахлдори ташкилӣ ва ҳуқуқии корхонаро интихоб кунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад бо назардошти хусусиятҳои худ муносибатҳои маҷмӯиро ба роҳ монанд.

Дар қонуни нав, пеш аз ҳама, зарур аст, ки меъёрҳои гурӯҳбандӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба таври возеҳ муайян карда шаванд. Ба назари мо, чунин меъёрҳо метавонанд бошанд:

- шакли шуғл дар хоҷагии таркиби асосии аъзои он (ибтидоӣ ё миёна), яъне фаъолияти фарҷӣ ё ибтидоӣ;

- аз нуқтаи назари ҳаҷми истифодаи замин (дар якҷоягӣ бо дигар омилҳо - махсусгардонии хоҷагиҳо ва ғайра);

- бақайдгирии ҳатмӣ ба сифати субъекти фаъолияти соҳибкорӣ.

Дар асоси ин нишонаҳо, тафовути возеҳ дар байни хоҷагиҳои ёрирасон ва деҳқонӣ (фермерӣ) ба мушоҳида мерасад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ бо масоҳати то 2 гектарро, ки самаранок нестанд, ба назари мо, ба заминҳои шахсии ёрирасони аҳолӣ табдил додан зарур аст.

Барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар қонунгузории нав гуруҳбандии зеринро тавсия медиҳем (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Шаклҳои пешниҳодшудаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)

Таҷдиди назар оид ба қонунгузорӣ	Шаклҳои тавсиявӣ
Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)	1. Хоҷагии деҳқонӣ (аз тарафи шаҳрванди алоҳида пеш бурда мешавад)
	2. Хоҷагии деҳқонии ягонаи оилавӣ (ки аз ҷониби аъзоёни як оила нигоҳдорӣ мешавад). Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)
	3. Хоҷагиҳои оилавии сершумор (аз ҷониби аъзоёни якчанд оилаҳои бо ҳам алоқаманд гузаронида мешаванд)
	4. Хоҷагиҳои шарикӣ ё кооперативи кишоварзӣ (аз ҷониби кормандон – ҳамфикрон пеш бурда мешавад).

Сарчашма: Тавсифи маллиф.

Ду гуруҳи авали маслиҳатдодашуда метавонанд ҳолати соҳикории инфиродиро дошта бошанд.

Хусусиятҳои асосии ин гурӯҳи субъектҳои соҳибкорӣ бояд ба назар гирифта шаванд:

– бақайдгирии ҳатмии давлатӣ;

– мавҷудияти қитъаи замини вобаста кардашуда ё тааллуқдоштаи аз 2 гектар зиёд;

– моликияти хусусии воситаҳои истеҳсолот, маҳсулот, даромад;

– масъул барои натиҷаҳои фаъолияти худ;

– пешбурди тиҷорат бо ҳарос ва хавфи худ;

–таъмини шуғли аъзои оила;

–фоидаи мунтазам ба даст оянда;

– имконпазирии ҳадди аққал истеҳсоли зироат;

– имконияти гузаронидани хоҷагии нимтабиӣ дар асоси меҳнати дастӣ.

Гурӯҳи хоҷагиҳои деҳқонӣ (гурӯҳи 3) бояд дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ бошанд.

Ба аломатҳои асосии соҳибкорӣ тавсия дода мешавад, ки инҳо ворид карда шаванд:

- бақайдгирии ҳатмии давлатӣ;

-мавҷудияти қитъаи замини мустаҳкамшуда, иҷорадодашуда ва ба ҳуқуқи соҳибмулкӣ додашудаи на камтар аз 20 га:

- истеҳсоли махсуси на камтар аз 3 навъи маҳсулоти бозоргир;

- маҳсурияти амволии хоҷагии деҳқонӣ аз амволи кормандон;

-таъмини истеҳсолоти баландсифати механиконидашуда; мустақилият дар интихоби маҳсулот; бо хавфи худ ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ;

-идоракунии истеҳсолот барои якчанд оилаи марбут; фоидаи муназзам аз истифодаи амвол, фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;

- пешбурди истеҳсолот аз тарафи якчанд оилаи хешу табор; фоидаи муназзам аз истифодаи амвол, фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;

-литсензияи ҳатмӣ барои амалисозии фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ.

Гурӯҳи охирини гурӯҳбандӣ аз гурӯҳи қаблӣ бо имкониятҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби аъзоёни оилаҳои бо ҳам фарқкунанда, вале дар шарикӣ аз ҷониби кормандони ҳамфикре, ки ба ҳам иртибот надоранд, фарқ мекунад.

Татбиқи таснифоти пешниҳодшуда вакууми мавҷудаи қонунгузории Тоҷикистонро оид ба масъалаҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) пур хоҳад кард.

Таҳқиқоти гузаронидаи мо нишон дод, ки қисми асосии хоҷагиҳои водии Зарафшон хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ мебошанд, ки шумораи миёнаи аъзоёнашон 3 ё 4 нафаранд ва онҳо ба оила асос ёфтаанд. Хусусиятҳои фарқкунанда инҳоянд: маҷмӯи меҳнати кишоварзӣ ва хонагӣ, кор дар хоҷагии соҳиби худ ва қисман аъзои оила; истифодаи маҳдуди меҳнати кироя (асосан барои корҳои мавсимӣ ва намудҳои алоҳидаи хидматҳо); зиндагии мустақим дар хоҷагӣ бо аҳли оила; маҷмӯи функсияҳои моликият, идоракунӣ ва меҳнат.

Дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳаёти оилавӣ муттаҳид карда мешаванд: хоҷагӣ оиларо ҳадди аққал бо воситаҳои асосии рӯзгор таъмин мекунад ва оила дар навбати худ хоҷагиро бо меҳнати худ ташкил мекунад. Афзалиятҳои асосии хоҷагиҳои оилавӣ дар муқоиса бо дигар шаклҳои хоҷагидорӣ инҳоянд:

– муносибати бошуурона ба меҳнат; ҳамкорӣ ва тақсими меҳнат бо назардошти синну сол, ҷинс ва имкониятҳои ҳар яке; Таваҷҷӯҳи зиёд ба истифодаи самараноки замин, таҷҳизот ва дигар захираҳо (сифати коркард, интихоби технология, эҳтиёткорӣ).

Хулоса. Бешубҳа, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) як субъекти махсуси ҳуқуқ мебошанд, аз ин рӯ, онҳо бояд мақоми махсуси ҳуқуқии худро ҳамчун шакли махсуси тиҷорати оилавӣ дошта бошанд, ки ба рушди ин шакли хоҷагидорӣ ва иштироки бештари он дар рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат хоҳанд кард.

Ба ақидаи мо, хоҷагии деҳқонӣ бояд ба оила асос ёбад ва хоҷагии фермерӣ - ба гурӯҳи одамоне асос ёбад, ки бо муносибатҳои оилавӣ доранд ва бо аъзоёни якчанд оила робита дошта бошанд.

Аз таҷрибаи ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) – и «шарикӣ» (на дар

асоси хешовандӣ) даст кашидан лозим аст ва дар қонунгузории амалкунанда хусусияти оилаи онҳо ба таври возеҳ бояд муқаррар карда шаванд.

Ҷудо намудан ба гурӯҳи алохидаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки ба муносибатҳои шарикона асос ёфтаанд, бояд шакли дигари ташкилию хукуқии хоҷагидорӣ – хоҷагиҳои дӯстона ё кооперативи кишоварзиро гиранд, аммо ин на ҳамчун хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) аст, он тавре ки дар конунгузории мо омадааст.

Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) қисми ҷудонашавандаи тамоми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ буда, дар ҳалли мушкилиҳои умдаи ин бахши иқтисодиёт - афзоиши истеҳсоли зироат ва чорводорӣ ва пур кардани бозор бо маҳсулоти хӯрокворӣ саҳм мегузорад; Бо ин сифати худ хоҷагии деҳқонӣ аз дигар ҷузъҳои истеҳсолоти кишоварзӣ - ташкилотҳои давлатӣ, кооперативӣ, саҳҳомӣ фарқ надорад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ бояд дар фаъолияти хоҷагидорӣ, дар соҳибкорӣ мақоми баробар дошта бошанд, ин онҳоро иштирокчиёни комилҳуқуқ дар муносибатҳои иқтисодӣ, қарзӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва дигар ҳуқуқӣ мегардонад.

Ба ақидаи мо, раванди таҳия ва қабули лоиҳаи нави Қонун «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» -ро бояд тақвият бахшем, ки дар он қонунгузорӣ бояд муқаррар намояд: хоҷагиҳои деҳқонӣ метавонанд шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ дошта бошанд. Дар ҳар сурат, қарор дар бораи ташкили хоҷагии деҳқонӣ дар ин ё он шаклро бояд аъзоёни хоҷагӣ қабул кунанд. Аз ин рӯ, бояд бо андешаи С.Ф. Низомов розӣ шуд, ки «дар шароити бозор ба деҳқонон ин ё ин шакли моликиятро гузоштан ғайриимкон аст - аз ҳама зиёдтар, онҳо худашон бояд қарор кунанд, ки барои онҳо чӣ беҳтар аст» [7, с. 134].

Аз тарафи сардорони хонаводаҳо бо дархости бақайдгирии тағйирот дар вазъи ҳуқуқӣ ба номи сардори маъмурияти ноҳия ариза пешниҳод карда шуд. Дар изҳорот маълумот дар бораи роҳбар ва дигар аъзоёни хоҷагӣ қайд карда шудааст (ному насаб, номи падар, маълумотномаи шиноснома, ҷои кор, ҷои истиқомат ва ғайра). Дар асоси ин аризаҳо ҳамаи хоҷагиҳои минтақа аз нав ба қайд гирифта шуда, ба онҳо шаҳодатномаҳои нави бақайдгирӣ бо нишон додани сарварони хонаводаҳо ва аъзоёни дигари онҳо дода шуданд.

Раванди мураккаби мутобиқ кардани ҳолати ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба меъёрҳои Кодекси гражданӣ, ки дар маҳалҳо душвориҳои зиёдеро ба вуҷуд меорад, амалан ба номунтазамӣ расонидааст: то ҳанӯз дар ин бора ягон тавсия вуҷуд надорад ва то ҳол таҳия нашудааст. Хамаи ин ба он оварда расонд, ки хоҷагии фермерӣ дар фазои холии ҳуқуқӣ қарор дорад.

Тибқи вазъи ҳуқуқии худ, қисми асосии хоҷагиҳои деҳқонии водии Зарафшон шахсони ҳуқуқӣ мебошанд. Гузариш ба шахсони воқеӣ амалан рух намедиҳад, зеро аксари деҳқонон бар он андешаанд, ки гум кардани ҳолати шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ метавонанд ба оқибатҳои манфӣ оварда расонанд ё вазъи ҳуқуқии онҳоро номуайян кунанд. Чунин тарсу ҳаросҳо беасос нестанд, аммо оқибатҳои эҳтимолии манфӣ на танҳо бо мавҷуд будан ё набудани ҳолати шахси ҳуқуқӣ дар хоҷагии деҳқонӣ, балки бо номукаммалии қонунгузории танзимкунандаи ин навъи фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд.

Ҳамин тавр, танзими нави ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ

ҳуқуқи интихоб намудани мақом ва ташкили истеҳсолоти кишоварзиро фароҳам меорад.

Рӯйхати адабиёт

1. Бухгалтерский учет для фермерского хозяйства / 1С: Предприятие 7.7: Описание типовой конфигурации (редакция 1).- М.: 1С, 2000;
2. Дупак В.Я. Производственный потенциал и продовольственные ресурсы АПК Подмосковья // Экономика с.-х. и перераб. предприятий.- 2000.- № 6.- С. 9-11; № 7,- С. 26-27;
3. Киселев В.В. О порядке ведения бухгалтерского учета в крестьянском (фермерском) хозяйстве (юридическом лице) // Бух. учет: прил.- 2000.- № 4.- С. 55-56;
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011 №702;
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” аз 19 майи соли 2009, № 526;
6. Матигина Е. Какие платить налоги // Новый садовод и фермер. - 1999. - № 5,- С. 46-47;
7. Низомов С.Ф. Ташкили баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) / С.Ф. Низомов, П.Х. Бобомуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. № 8. С. 133-140.
8. Подгорбунских П.Е., Светлакова Н.А., Зорин Г.Т. Организация фермерского производства: Учеб. пособие.- Пермь: Пермский СХИ, 1992;
9. Шарифов З.Р., Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ/ Дастури таълимӣ/ Душанбе, Ирфон 2019с.- 316с.

Маълумот дар бораи муаллиф

Бобомуродов Пайрав Хайриевич - унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

Сведения об авторе

Бобомуродов Пайрав Хайриевич - саискатель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 93- 539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

About the author

Bobomurodov Pairav Hairievich - an applicant of department is an record-keeping of the Tajik state finances- economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

DOI: 10.24412/2663-0389-2025-245-205-212
УДК: 331.2

ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МАСРАФҲО ДАР КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

Рачабов С.Р.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннототсия. Ташаккули равиши ягона дар ҳалли масъалаҳои баҳисобгирӣ дар ҳама сатҳи идоракунӣ ва истифодаи реалии инструментҳои бозор ба ташкили низоми самараноки баҳисобгирии харочот заминаи мусоид фароҳам меорад. Такмил додани баҳисобгирии харочот бидуни фаҳмидани моҳияти истилоҳҳои «харочот» ва «масраф», донистани равандҳои ташаккули онҳо ва таъсир ба натичаҳои фаъолият ғайриимкон аст.
Вожаҳои калидӣ: баҳисобгирӣ, категорияи иқтисодӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, харочот, масраф, издержки.
Таърихи мақола: мақола ба муҳаррир 2 апрели соли 2025 ворид шудааст; пас аз баррасии коршиносон 9 апрели соли 2025 такмил дода шудааст; барои нашр 29 апрели соли 2025 қабул шудааст.
Барои иқтибос: Рачабов, С. Р. Хусусиятҳои баҳисобгирии масрафҳо дар корхонаҳои истеҳсолӣ / С. Р. Бобомуродов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. –No. 2(45). – С. 205-212.

ОСОБЕННОСТИ УЧЕТА ЗАТРАТ В ПРОИЗВОДСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

Раджабов С.Р.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. Формирование единого подхода к решению вопросов бухгалтерского учета на всех уровнях управления и реальное использование рыночных инструментов создают благоприятную основу для создания эффективной системы учета затрат. Невозможно усовершенствовать учет затрат, не понимая сути терминов «затраты» и «расходы», не зная процессов их формирования и влияния на результаты деятельности.
Ключевые слова: бухгалтерский учет, экономическая категория, управленческий учет, затраты, расходы, издержки.
История статьи: статья поступила в редакцию 2 апреля 2025 года; доработана после рецензирования 9 апреля 2025 года; принята к публикации 29 апреля 2025 года.

FEATURES OF COST ACCOUNTING AT MANUFACTURING ENTERPRISES

Rajabov S.R.
Tajik state finances- economy university

Annotation. Formation of a unified approach to solving accounting issues at all management levels and the actual use of market instruments create a favorable basis for creating an effective cost accounting system. It is impossible to improve cost accounting without understanding the essence of the terms "costs" and "expenses", without knowing the processes of their formation and impact on the results of activities.

Key words: accounting, economic category, management accounting, costs, expenses, expenses.
Article History: the article was submitted to the editor on April 2, 2025; revised after peer review on April 9, 2025; accepted for publication on April 29, 2025.

Гузориши масъала. Истеҳсоли маҳсулот ё расонидани хизматҳо таъминоти захираҳоро талаб мекунад, ки дараҷаи таъминот ва ҳаҷми захираҳо ба дараҷаи рушди иқтисоди корхонаҳо таъсир расонад. Барои ҳамин ҳар як корхона ё худ звенои истеҳсолӣ бояд донад, ки барои истеҳсоли маҳсулот (кор ва хизматҳо) чиҳо (чи гуна захираҳо) лозиманд. Ин омил махсусан дар шароити иқтисодиёт аҳамияти хоса дорад, зеро дараҷаи хароҷот барои истеҳсолот ба рақобат тобоварии корхона, ба иқтисодиёти ӯ таъсир мерасонад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Масъалаҳои баҳисобгирии масрафҳо дар корхонаҳои истеҳсолӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ: А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс ва дигарон, инчунин олимони ватанӣ: И.А. Бобиев Д.У. Уроқов, С.Ф. Низомов ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шуда бошад ҳам, масъалаи баҳисобгирии масрафҳо дар корхонаҳои истеҳсолӣ таҳқиқоти минбаъдаро талаб менамояд.

Мақсади мақола. Мавзӯи таҳқиқот, ба хусусиятҳои баҳисобгирии масрафҳо дар корхонаҳои истеҳсолӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ ташаккули баҳисобгирии масрафҳо дар корхонаҳои истеҳсолӣ аз нуқтаи назари зарурияти соҳавӣ баррасии алоҳидаро талаб менамояд.

Муҳтавои асосии мавод. Дар амалияи имӯрза паҳлуҳои алоҳидаи баҳисобгирии масрафҳо ва хусусиятҳои он мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд, ки асосан ба корхонаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, сохтмонӣ, кишоварзӣ истифода бурда мешаванд. Дар замони муосир талаботи объективӣ дар коркарди тавсияҳои методӣ оид ба пешбурди баҳисобгирии хароҷот, ки хусусиятҳои ташкилӣ ва методии корхонаҳои соҳаи истеҳсолиро ба инобат гирад, ба миён омадааст.

Омӯзиши корҳои илмӣ дар соҳаи баҳисобгирии хароҷот ва назорат нишон дод, ки имрӯз оид ба ин масъалаҳо бо вуҷуди таҳқиқотҳои зиёд назари ягона мавҷуд нест ва масъалаи баҳсталаб боқӣ мемонад. Мақсади асосии ташкили баҳисобгирии хароҷот дар корхонаҳои хизматрасонӣ ташаккули механизми самараноки идоракунии онҳо мебошад. Барои ташкили самараноки баҳисобгирии хароҷот дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ваколатҳо ва шахсони масъулро аник тақсим кардан лозим аст. Ташкили самараноки баҳисобгирии хароҷоти корхонаҳои соҳаи саноати хӯрокворӣ бояд ба такмили системаи идоракунии хароҷот ва ташкили базаи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунии стратегӣ, тактикӣ ва оперативӣ асос ёбад.

Хароҷот маҷмӯи тамоми захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявиро тавсиф мекунад, ки истеъмоли онҳо барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявии ташкилот нигаронида шудааст.

Хароҷот – камшавии манфиати иқтисодӣ дар давраи ҳисоботӣ дар шакли хориҷшавӣ ё камшавии дороиҳо ё худ зиёдшавии ӯҳдадориҳо, ки ба камшавии сармояи саҳомии бо ҳиссагузориҳои соҳибмулкон новобаста оварда мерасонад [3].

Д.У. Уроқов чунин мешуморад, ки “Хароҷоти истеҳсолот кули масрафотеро дар бар мегирад, ки бевосита дар раванди

тавлидот сарф карда мешавад” [10, с.433]. Ин гурӯҳи масрафот арзиши молро ташкил намуда, баъди фурӯш дар шакли пул (фоида, даромад) ба сармоядор бармегардад. Агар ба тарзи дигар гӯем, хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ин баҳои арзишӣ дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулот истифодабарии захираҳои табиӣ, ашёи хом, масолеҳ, сӯзишворӣ, энергия, фондҳои асосӣ, захираҳои меҳнатӣ ва дигар корҳо мебошад.

Хароҷоти истеҳсолӣ метавонанд вобаста ба ҳаҷми захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ зиёд гарданд. Истеҳсолкунанда соҳиби имкониятҳои зиёди таъсиррасонӣ ба хароҷоти истеҳсолӣ мебошад [9].

Албатта доир ба мафҳуми хароҷот иқтисодчиёни бузурги ҷаҳон фикру ақидаи хешро баён намудаанд. Масалан А. Смит фаҳмиши хароҷоти мутлақ ва Д. Рикардо хароҷоти муқоисавиро ҷорӣ намуданд. Таҳти «хароҷот» онҳо масрафи миёнаи ҷомеавиро ба ҳар як воҳиди маҳсулот, яъне ташкили арзиши воқеъии маҳсулоти алоҳида ба ҳисоби миёна дар корхона ё худ ташаккули масрафи миёнаи маҳсулот дар доираи соҳа дар назар дошта шудаанд. Хароҷот аз нигоҳи иқтисоддонон – классикон ҳамчун нархи истеҳсол бо назардошти пардохтҳои рентавӣ ташкил меёбад [7].

Ин назария минбаъд аз ҷониби К. Маркс дастгирӣ, такмил ва инкишоф дода шудааст. Яке аз хизматҳои К.Маркс дар он аст, ки вай аз маҷмӯи хароҷотҳо, хароҷоти истеҳсол ва хароҷоти мушкилотро ҷудо намудааст. К. К.Маркс аз ҷумлаи яке аз мутафаккирони илми иқтисодӣ мебошад, ки шакл ва намудҳои мухталифи хароҷотро мавриди таҳлил қарор додааст, масалан, хароҷотҳои инфиродӣ, ҷамъиятӣ, мутлақ, кӯтоҳмуддат ва ғайраро дар бар мегирад [7]. А. Гобсон якумин шуда дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми хароҷоти инсонӣ (китоб)–ро ҷорӣ намудааст. Дар амалияи хоҷагидорӣ мафҳуми масраф (масриф, сарф) ва хароҷот аз ҳам фарқ карда мешаванд. Таҳти масраф (inputs) меъёри муайяни сарфиятҳо перомуни истифодаи захираҳо (табиӣ, моддӣ, механикӣ, энергетикӣ) дар ҷараёни тавлидот тасаввур карда мешавад.

Ин мафҳумро С.Ф. Низомов ҷонибдорӣ намуда қайд намудааст, ки “Хароҷот на фақат раванди истифодаи захираҳо, балки ҷараёни баҳодиҳии онҳоро низ дар бар мегирад” [5]. Аз ин хотир хароҷот на фақат масрафи муқаррарӣ, балки масрафи захираҳо ва шакли пули (арзиши) онҳоро дар бозор низ ифода менамояд. Аз ин сабаб хароҷотро ҳамчун шакли бо пул ифодаёфтаи захираҳои истеҳсолӣ, ки дар натиҷаи истифодаи онҳо истеҳсол ва фурӯши маҳсулот сурат мегиранд, мефаҳманд. Хароҷоти иқтисодӣ ҳамчун масрафи фирма оид ба беҳтарин ва қулайтарин харҷҳои соҳибкор, перомуни марз ва услуби хоҷагидорӣ ва истифодаи захираҳо тасаввур карда мешавад.

Дар доираи корхона бошад, дар вақти муайян намудани хароҷоти истеҳсолот бояд арзиши аслии истеҳсолот ва фурӯш, фарқияти фуруш ва истеҳсоли маҳсулотро фарқ намуд. Т.Б. Расулов, И.А. Бобиев қайд менамоянд, ки “Арзиши истеҳсолоти (барориши) маҳсулот ифодаи пули тамоми хароҷотҳои моддӣ ва хароҷотҳо барои музди меҳнатро нишон медиҳад, ки дар воҳиди маҳсулот ва ҳам ба ҳаҷми тамоми маҳсулоти истеҳсолшаванда алоқаманд аст” [2, с. 235]. Худи арзиш ва нишондиҳандаҳои иқтисодии арзиш дар худ тамоми паҳлӯҳои фаъолияти корхонаро нишон медиҳад: дараҷаи технологии таҷҳизоти корхона, азхудкунии амалиётҳои техникӣ, дараҷаи технологии таҷҳизоти корхона, аз худкунии амалиётҳои техникӣ, дараҷаи ташкили

истеҳсолот ва меҳнат, дараҷаи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ, самаранокии истифодабарии захираҳои моддию меҳнатӣ ва дигар омилҳое, ки (нишондиҳандаҳо) фаъолияти хоҷагидорию истеҳсолии корхонаро муайян менамояд.

Корхонаҳои тиҷоратии муосир бе ташкили муносиби баҳисобгирии муҳосибӣ мавқеи худро дар бозор устувор карда наметавонанд. Баҳисобгирии муҳосибӣ чун мавзеи пайвандаи байни фаъолияти хоҷагидорӣ ва шахсони қабулкунандаи қарорҳои идоракунӣ баромад мекунад. Бо гузариши иқтисодиёт ба шароитҳои бозорӣ баҳисобгирии муҳосибӣ ба се самт ҷудо гардид: баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз [1, с.241].

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон дод, ки баҳисобгирии муҳосибии масрафҳо асосан чунин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

Ба гурӯҳи якум масрафҳои харидкунӣ нархи харид, боҷи воридотӣ ва андозҳо (ба истиснои андозҳое, ки минбаъд ба корхона баргардонида мешаванд), инчунин масрафҳо барои интиқол, боркуниву фуровардан ва дигар масрафҳоеро дар бар мегиранд, ки бевосита ба хариди маҳсулот ва хизматҳо мансубанд. Тахфифҳо ва дигар ҳаминсон моддаҳо бояд ҳангоми муайянкунии масрафҳои харидкунӣ тарҳ карда шаванд.

Ба гурӯҳи дуюм масрафҳои коркард масрафҳоеро дар бар мегиранд, чун масрафҳои мустақим барои пардохти меҳнат, ки бевосита бо истеҳсоли маҳсулот алоқаманданд. Онҳо инчунин хароҷоти бологузошташудаи доимӣ ва тағйирёбандаи ҳангоми коркарди ашёи хом ба маҳсулоти тайёр пайдошударо низ дар бар мегиранд. Хароҷоти бологузошташудаи истеҳсолии доимӣ – масрафҳои истеҳсолии ғайримустақимеанд, ки новобаста аз ҳаҷмҳои истеҳсолот нисбатан бетағйир мемонанд, масалан, истеҳлок ва хизматрасонии биноҳо ва таҷҳизоти истеҳсолӣ, инчунин масрафҳои идоракунӣ ва маъмурии бо истеҳсолот алоқаманд. Хароҷоти бологузошташудаи истеҳсолии тағйирёбанда масрафҳои ғайримустақимеанд, ки бевосита аз ҳаҷми истеҳсолот вобастаанд, масалан, масрафҳои ғайримустақими ашёи хом ё масрафҳои ғайримустақими пардохти меҳнат [3].

Дар раванди истеҳсолот метавонад ҳамзамон зиёда аз як маҳсулот истеҳсол шавад. Масалан, ҳангоми истеҳсоли маҳсулотҳои ҳамҷоя истеҳсолшаванда ва ё истеҳсоли маҳсулоти асосӣ ва иловагӣ (ҳамроҳ). Агар масрафҳо барои коркарди ҳар як маҳсулот натавонанд алоҳида ҳамто карда шаванд, пас онҳо байни маҳсулотҳо дар асоси мутаносибӣ ва пайиҳамӣ тақсим карда мешаванд. Масалан, тақсимот метавонад дар асоси арзиши фурӯши нисбии ҳар як маҳсулот ё дар марҳилаи раванди истеҳсолот, вақте ки маҳсулотҳо алоҳида ҳамтошаванда мегарданд, ё ҳангоми анҷомёбии истеҳсолот ба ҷо оварда шавад. Аксарияти маҳсулоти ҳамроҳ моҳиятан муҳим нестанд. Дар чунин ҳолатҳо онҳо бо нархи софи фурӯш баҳо дода мешаванд ва ин арзиш аз арзиши аслии маҳсулоти асосӣ тарҳ карда мешавад. Дар оқибат, арзиши тавозунии маҳсулоти асосӣ аз арзиши аслии вай каме фарқ мекунад.

Дигар масрафҳо ба арзиши аслии ашё фақат ба ҳадде зам карда мешаванд, ки онҳо барои таъмин намудани макон ва вазъи ҷории ашё сарф шудаанд. Масалан, дар мавриди ба арзиши аслӣ зам кардани хароҷоти бологузошташудаи ғайриистеҳсолӣ ё масрафҳои коркарди маҳсулот барои мизоҷони мушаххас.

Ба масрафҳое, ки ба арзиши аслии ашё зам карда намешаванд ва чун хароҷот эътироф мешаванд, инҳо мансубанд:

– талафоти зиёдаазмеъёрии ашёи хом, меҳнати сарфшуда ё дигар масрафҳои истеҳсолӣ;

– масрафҳои нигоҳдорӣ, агар онҳо дар раванди истеҳсол барои гузариш ба марҳилаи дигари истеҳсолӣ зарур набошанд;

– хароҷоти бологузошташудаи маъмурӣ, ки барои таъминкунии макон ва вазъи ҷории ашё мусоидат намекунанд;

– масрафҳои фурӯш.

Принсипи самаранокии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ талаб менамояд, ки низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, чи баҳисобгирии молиявӣ бошад ва чи баҳисобгирии идоракунӣ бояд тарзе дар корхона татбиқ карда шавад, ки хароҷоти пешбурди он аз даромадҳои бадастмеомадаи марбут ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ зиёд набошад [6, с.102].

Пеш аз он, ки мо ба шарҳи саволҳои вазнини ташаккулёбии арзиши аслии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (кор ва хизматҳо) шурӯъ намоем, бояд ҳолатҳои асосии арзиши аслиро ҳамчун категорияи иқтисоди –ҳуқуқӣ дида бароем. Дар ҳамаи корхонаҳо фаъолияти хоҷагидорию истеҳсолӣ бо харҷи (истифодаи) ашёи хом, масолеҳҳо, сузишворӣ, энергия, пардохти музди меҳнат, ҳиссаҷудокуниҳо ба фонди иҷтимоию фонди нафақа, маблағҳои истеҳсолӣ ва дигар (харҷҳои) масрафҳои зарурӣ алоқаманд мебошад. Барои таъмини беисти истеҳсолот (таъминот ба захираҳои моддӣ ва ғайра) –ин хароҷотҳо аз маблағҳое, ки баъди фурӯши маҳсулот ба даст меоянд, пардохта мешавад.

Ҳамин тариқ, мавқеъи баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми молиявии корхона комилан махсус буда, таъсис ва нигоҳдории он нисбат ба онҳое, ки ба бахши муҳосибӣ ва андоз хизмат мерасонанд, муносибати гуногун ва мутахассисони дигарро тақозо мекунад. Таъминкунии роҳбарияти корхона ва менеҷерони сатҳҳои гуногуни идоракунӣ бо иттилооти саривақтӣ оид ба ҳолати истифодабарии захираҳо, раванди истеҳсоли маҳсулот (иҷроиши корҳо, хизматҳо), натиҷаҳои фаъолияти корхона дар маҷмуъ ва натиҷаҳои фаъолияти сохторҳои воҳидии он, вазъи бозор ва ахбор оид ба дигар самтҳо бо ёрии баҳисобгирии муҳосибӣ иҷро карда мешавад [6, с.103].

Барои ҳисобкунии ҳамаи ин масрафҳо (хароҷот) онҳоро ба нишондиҳандаи якхела меоранд, яъне бо пул арзиши ин масрафҳоро ҳисоб мекунанд, ки ин нишондиҳанда арзиши аслии маҳсулот ном дорад. Арзиши аслии маҳсулот яке аз нишондиҳандаи ҷамъбасткунандаи фаъолияти корҳо, буда инъикоскунандаи истифодаи самараноки захираҳо, ҷори намудани ПИТ, такмили ташкили меҳнат, истеҳсолот ва идоракунӣ мебошад [8].Бояд як нуқтаи муҳимро қайд бояд кард: корхонаҳое, ки фаъолияти истеҳсолӣ доранд - ингуна корхонаҳо хароҷотҳои истеҳсолотро муайян (ҳисобу китоб) менамоянд. Корхонаҳое, ки фаъолияти ғайриистеҳсолӣ, фаъолияти миёнравӣ, тиҷоратӣ ва таъминотӣ доранд, онҳо хароҷотҳои муомилотро муайян менамоянд. Дар амали бошад, таркиби аниқи хароҷотҳое, ки ҳам ба муомилот ва истеҳсолот дахл доранд, дар тамоми ҷаҳон ба танзим дароварда мешавад. Ба танзимдарорӣ бошад, тавассути системаи андози кишвар амалӣ мегардад.

Муайян намудани хароҷот ва арзиши асосии маҳсулот як қатор вазифаҳои муҳимро пеш мегузорад:

-ба ҳисобгирӣ ва назорат аз болои хароҷотҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот.

-аниқ, намудани дараҷаи нархҳои яклухт барои маҳсулоти корхона.

-аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок гардонии мувофиқи мақсад будани маблағгузории ҳақиқӣ барои таҷдиди техника, азнавсозӣ ва васеъ намудани корхона (ҳам аз ҷиҳати географӣ) ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ.

- муайян кардани андозаи дурусти корхона, баҳодиҳии ҳақиқӣ ҳангоми таҳлил ба ҳолати ҳозира.

- асосноккунии иқтисодӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ ва ғайра.

Корхона дар рафти фаъолияти худ барои такрористеҳсоли оддӣ ва васеъи фондҳои асосӣ ва гардон, истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, рушди иҷтимоии коллективи корхона ва ғайраҳо хароҷотҳои пулӣ ва моддиро ба амал мебардорад. Асосан се намуди арзиши аслии маҳсулотро фарқ мекунанд.

- арзиши аслии сехӣ;

- арзиши аслии истеҳсолӣ (арзиши маҳсулоти тайёр);

-арзиши аслии пурра (арзиши аслии маҳсулоти фурухташуда, боркардашуда).

Арзиши аслии сехӣ - хароҷоти сехро, ки ба истеҳсоли маҳсулот вобастаанд, дар бар мегирад. Аксар вақт хароҷоти моддӣ барои истеҳсоли маҳсулот (кор ва хизматҳо), истеҳсолоти таҷҳизотҳои сех музди меҳнати коргарони асосии сех, ҳиссаҷудокуниҳои иҷтимоӣ, хароҷотҳо барои нигоҳдорӣ ва баҳрабардории дастгоҳҳои сех ва хароҷотҳои умумии сехӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ба арзиши аслии истеҳсолӣ ба ғайр аз арзиши аслии сехӣ боз хароҷотҳои умумии корхонавиро ҷамъ менамоянд ва монанди: хароҷотҳои маъмуриву идорапулӣ, хароҷот барои воситаҳои ёридиҳанда ва ғайраро дохил менамоянд. Арзиши аслии пурра - ин маҷмӯи хароҷоти арзиши истеҳсол ва фурӯши маҳсулот мебошад, яъне ин намуди арзиши аслӣ нишондиҳандае мебошад, муттаҳидшавии арзиши аслии истеҳсолии маҳсулот (кор ва хизматҳо) бо хароҷотҳои фурӯши он, ба монанди хароҷотҳои тиҷоратӣ ва ғайри истеҳсолӣ, реклама ва ғайраҳо инъикос менамояд.

Муайянкунии ин шакл барои якчанд қисматҳо лозим мебошад:

1) Барои таҳқиқоти маркетингӣ ва қабули қарорҳо дар асоси ин тадқиқотҳо барои истеҳсоли маҳсулоти нав.

2) Муайянкунии дараҷаи таъсири баъзе қисматҳои хароҷот дар арзиши аслии маҳсулот.

3) Ҳангоми нархгузорӣ.

4) Муайянкунии дурусти намудҳои молиявӣ ва андозбандии фоида.

Арзиши аслии байнисоҳавӣ ва инфиродиро низ фарқ мекунанд. Арзиши аслии инфиродӣ бо шароитҳои мушаххас, ки ин ё он корхона амал мекунад, ифода меёбад. Арзиши аслии байнисоҳавӣ мисли андозаи миёнаи санҷида муайяншуда, хароҷоти миёнаро ба воҳиди маҳсулот аз рӯи соҳаҳо ифода мекунад, бинобар ин ба хароҷоти меҳнатии ба ҷамъият зарур наздикӣ дорад.

Ташаккули равиши ягона дар ҳалли масъалаҳои баҳисобгирӣ дар ҳама сатҳи идоракунӣ ва истифодаи реалии инструментҳои бозор ба ташкили низоми самараноки баҳисобгирии хароҷот заминаи мусоид фароҳам меорад. Такмил додани баҳисобгирии хароҷот бидуни фаҳмидани моҳияти истилоҳҳои «хароҷот» ва «масраф», донистани равандҳои ташаккули онҳо ва таъсир ба натиҷаҳои фаъолият ғайриимкон аст. Дар шароити имӯрза аҳамияти арзиши аслии маҳсулот зиёд мегардад. Боз ду намуди арзиши аслӣ:

нақшавӣ ва ҳақиқиро аз ҳам ҷудо мекунанд. Арзиши асли-нақшавӣ дар аввали сол вобаста ба имкониятҳои мавҷуда дар давраи ҳисобот муаян карда мешавад. Арзиши аслии ҳақиқӣ бошад, дар охири давраи ҳисоботӣ дар асоси нишондиҳандаҳои ҳақиқӣ муаян карда мешавад.

Рӯйхати адабиёт

1. Бобомуродов Б.Э. Хусусияти баҳисобгирии идоракунӣ дар фаъолияти ташкилот / Б. Э. Бобомуродов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 410.

2. Бобиев И.А., Расулов Д.Т., «Тартибдиҳии ҳисоботи зерсохторӣ дар ширкатҳои саноатӣ барои истифодабарандагони берунаи иттилоот», Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Проблемы государственной поддержки и развития инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан», 4 июня 2016 года, Сборник статей, Душанбе, «Сохибкор», 2016, стр. 235-242.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», таҳти №702 аз 25. 04. 2011с.

4. Международный стандарт финансовой отчетности (IFRS) 2 «Резервы» [Электронный ресурс] : введен в действие на территории РФ приказом М-ва финансов Российской Федерации от 28 дек. 2015 № 217н // СПС «КонсультантПлюс». – (Дата обращения: 23.12.2023).

5. Низомов, С.Ф. Развитие системы стратегического управленческого учета в сельскохозяйственном производстве / С.Ф. Низомов, А.Х. Файзуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 7. – С. 5-13.

6. Олимов Д.А., Бобомуродов П.Х., Рачабов С.Р. Нақши ҳисоботи идоракунӣ дар низоми идоракнии корхонаҳо Д.А. Олимов, П.Х. Бобомуродов, С.Р. Рачабов // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – 2024. – № 2.1(41) – С. 102-107.

7. Смит, А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит / под ред. Н. Никитенко. – М.: АСТ, 2019. – 1072 с.

8. Расулов Т.Б., Набиев Б.А., «Хусусиятҳои калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот дар саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ», Вестник Таджикского Национального Университета (научный журнал). – Душанбе: «Сино» 2015. №2/7 (178). Саҳ. 63-69.

9. Ураков Д.У. «Муаммоҳои баҳисобгирии харочотҳои истеҳсолӣ дар саноати сементбарорӣ", //Материалы межд. нач-практ. конф. «МСФО, проблемы внедрения». Душанбе, 2014-0,4 п.л.

10. Ураков Д.У., Каримшод Дж., «Баҳисобгирӣ ва ба буҷагирии харочот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот аз руи вазифа дар саноати қолинбофӣ (ABC), //Материалы респ. науч. практ. конфер.: «Бух. учет, анализ и аудит: совр. сост.и перспек.развития (14-15 марта 2014г.). Душанбе: ТНУ-2014, стр.343-348.-0,4 п.л.

Маълумот дар бораи муаллиф	Сведения об авторе	About the author
Рачабов Садриддин Раҳматуллоевич - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди	**Раджабов Садриддин Рахматуллоевич** - ассистент кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. улица Нахимова,	**Rajabov Sadriddin Rakhmatulloevich.** - assistants of the Accounting Department of the Tajik State University of Finance and Economics.

Тоҷикистон. Кучаи Нахимов, 64/14 734067 ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон. E-mail: sadriddinddmit.tj@mail.ru. Телефон:(+992)933323803

64/14 734067 ш. Душанбе, Республика Таджикистан.E-mail: sadriddinddmit.tj@mail.ru.Телефон: (+992) 933323803.

Nakhimov street, 64/14 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan. E-mail: sadriddinddmit.tj@mail.ru. Phone: (+992) 933323803.

Паёми молия ва иқтисод
Финансово экономический вестник
Financial and economic bulletine
2025. №2

DOI: 10.24412/2663-0389-2025-245-213-221
УДК: 656(575.3)

РАЗВИТИЕ И РАЗМЕЩЕНИЕ ЭЛЕКТРИЧЕСКОГО ТРАНСПОРТА ТАДЖИКИСТАНА НА ЭТАПЕ ПЕРЕХОДА К ИНДУСТРИАЛЬНО-АГРАРНОЙ МОДЕЛИ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ

Ахмедова А.М.
Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана

Аннотация. В статье рассматриваются актуальные вопросы совершенствования транспортной инфраструктуры с целью повышения перевозок и вовлечения в хозяйственный оборот ресурсов, рационального использования трудового потенциала, специализации и комплексного развития хозяйственных территорий, а в целом развития и размещения производительных сил. Рассматриваются вопросы строительства новых и реконструкции существующих автомобильных дорог по требованиям международных стандартов. Большое внимание уделяется проблемам электрического транспорта, который на сегодняшний день является одним из основных видов перевозок в стране, развитию его инфраструктуре.

Ключевые слова: транспортные перевозки, транзитные коридоры, виды маршрутов, электромобили, инфраструктура, автодорожная сеть, пригородные и международные маршруты.

История статьи: статья поступила в редакцию 2 апреля 2025 года; доработана после рецензирования 9 апреля 2025 года; принята к публикации 29 апреля 2025 года.

Для цитирования: Ахмедова А.М. Развитие и размещение электрического транспорта Таджикистана на этапе перехода к индустриально-аграрной модели развития экономики / А.М. Ахмедова// Финансово-экономический вестник. – 2025. № 2. – С. 213-221.

ИНКИШОФ ВА ҶОЙГИРКУНИИ НАҚЛИЁТИ ЭЛЕКТРИКӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ ГУЗАРИШ БА МОДЕЛИ ИНДУСТРИАЛӢ-АГРАРИИ ИНКИШОФИ ИҚТИСОДӢ

Ахмедова А.М.
Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар макола масъалахои актуалии такмил додани инфраструктураи наклиёт бо максади зиёд кардани боркашонй ва ба муомилоти иктисодй чалб намудани ресурсхо, истифодаи окилонаи иктидори мехнатй, махсусгардонй ва азхудкунии комплексии территорияхои хочагй, умуман инкишоф ва чо ба чо гузоштани куввахои истехсолкунанда тахлил карда шудаанд. Масъалаҳои бунёди роҳҳои нав ва азнавсозии роҳҳои мавҷуда мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ баррасӣ мешаванд. Ба проблемахои наклиёти электрикй, ки имруз яке аз навъхои асосии наклиёти республика ба шумор меравад, ба инкишофи инфраструктураи он диккати калон дода мешавад.

Калидвожаҳо: ҳамлу нақл, долонҳои транзитӣ, намудҳои масир, воситаҳои нақлиёти барқӣ, инфрасохтор, шабакаи роҳ, хатсайрҳои наздишаҳрӣ ва байналмилалӣ.

Таърихи мақола: мақола ба муҳаррир 2 апрели соли 2025 ворид шудааст; пас аз баррасии коршиносон 9 апрели соли 2025 такмил дода шудааст; барои нашр 29 апрели соли 2025 қабул шудааст.

DEVELOPMENT AND PLACEMENT OF ELECTRIC TRANSPORT IN TAJIKISTAN AT THE STAGE OF TRANSITION TO AN INDUSTRIAL-AGRICULTURAL MODEL OF ECONOMIC DEVELOPMENT

Akhmedova A.M.
Institute of Economics and Demography of the National of Aacademy of Sciences of Tajikistan

Abstract. The article considers current issues of improving transport infrastructure in order to increase transportation and involve resources in economic circulation, rational use of labor potential, specialization and integrated development of economic territories, and in general the development and placement of productive forces. The issues of construction of new and reconstruction of existing highways according to the requirements of international standards are considered. Much attention is paid to the problems of electric transport, which today is one of the main types of transportation in the country, the development of its infrastructure.
Key words: transportation, transit corridors, types of routes, electric vehicles, infrastructure, road network, suburban and international routes.
Article History: the article was submitted to the editor on April 2, 2025; revised after peer review on April 9, 2025; accepted for publication on April 29, 2025.

Постановка проблемы. В Республике Таджикистан развитый транспорт играет важнейшую роль в социально-экономическом развитии страны. Уровень развития работы транспорта зависит не только от объема производства продукции в отраслях материального производства, но и от размещения производства и его сдвигов на данной территории. Вовлечение в хозяйственный оборот наиболее экономичных природных ресурсов, целесообразное использование трудовых ресурсов и производственных фондов, углубление специализации и комплексного развития хозяйства территории, а также рационализация грузовых перевозок достигаются в значительной мере посредством дальнейшего улучшения территориального размещения производительных сил [9].

Анализ последних исследований. Рауфи А., Шералиев А., Викторов А.А., Кашкаров А.П. провели исследования в этой области.

Целью статьи. Особое внимание уделяется строительству и дальнейшей реконструкции дорожной сети республики для приведения её в соответствии с требованиями международных стандартов, поскольку Республика Таджикистан начала превращаться из «тупиковой страны» в «транзитную». Дальнейшая программа развития автодорожной сети страны объективно будет способствовать формированию и развитию отдельных автомобильных магистралей республики, которые будут использоваться в качестве международных ранзитных коридоров.

Изложение основного материала. Одной из основных проблем использования электротранспорта является ограниченная

дальность поездок на одном заряде. Это ограничение делает электрический транспорт менее удобным для дальних поездок, особенно в условиях недостаточно развитой инфраструктуры зарядки.

Другой проблемой может быть недостаточно развитая инфраструктура зарядки в некоторых регионах. Например, в некоторых городах и странах еще не хватает зарядных станций для обеспечения удобного использования электротранспорта.

В настоящее время происходят интенсивные исследования в области новых технологий батарей и зарядных устройств. Новые технологии должны повысить эффективность зарядки и расширить дальность поездок на одном заряде. Тем не менее, новые технологии и поддержка государств и компаний могут способствовать развитию электромобильной отрасли и решению указанных проблем. Например, производители все больше инвестируют в разработку более емких аккумуляторов и улучшение технологий зарядки, что позволяет увеличивать дальность поездок на одном заряде и сокращать время зарядки.

Кроме того, государства предоставляют льготы и субсидии на покупку и эксплуатацию электротранспорта, что делает его более доступным для населения. В целом, переход на электротранспорт является важным шагом в направлении более экологически чистой и устойчивой мобильности.

Основным достоинством электрического транспорта является экологичность. Рассмотрим наиболее распространенные виды электротранспорта, что можно встретить в нашей жизни. Прежде всего, для удобства разделим электрический транспорт на определённые типы. Это городской электротранспорт, индивидуальный, междугородний и специализированный.

Переход таксомоторных парков в Таджикистане на электромобили привел к сокращению спроса и снижению розничных цен на сжиженный углеводородный газ (СУГ), по данным антимонопольной службы и мониторинга Рейтер.

В основном газом заправлялись автомобили таксомоторных парков, большая часть которых уже перешла на электромобили. Это стало причиной того, что спрос сократился, а в хранилищах остался большой объем газа», - отметили в антимонопольном ведомстве.

Согласно мониторингу Рейтер, автогаз на АЗС в столице Таджикистана Душанбе, подешевевший в прошлом месяце на 3,1%, с начала июня потерял в цене почти 13%.

Правительство страны взяло курс на сокращение вредных выбросов в атмосферу, активно внедряя автомобили на электрической тяге. Власти намерены увеличить долю электромобилей до 30% от общего количества автотранспорта к 2030 году.

Ожидается, что на развитие этого проекта в ближайшие пять лет будет направлено около $21 миллиона, 96% из которых - частные инвестиции.

В 2023 году Таджикистан нарастил импорт электромобилей до более чем 1.300 единиц с 767 годом ранее. В основном в страну ввозятся электрокары китайского производства.

Особенно интенсивно ведется переход на электротягу в столице.

В начале текущего месяца мэрия Душанбе приняла решение, в соответствии с которым компании, предоставляющие

услуги такси, должны полностью перейти на электрокары к 1 сентября 2025 года.

По данным столичной администрации, по состоянию на 6 июня 2024 г. таксомоторный парк 12 компаний включает свыше 4.350 автомобилей, из которых более 2.450 - электромобили.

Наряду с переходом на этот вид транспорта устанавливается соответствующая инфраструктура: запускаются станции технического обслуживания и подзарядки. По состоянию на середину июня в Душанбе функционирует порядка 140 таких объектов.

Решение властей Душанбе принято в рамках реализации Программы развития электротранспорта в Таджикистане на 2023-2028 годы и концепции перехода на электрическую систему столичного пассажирского транспорта на 2023-2026 годы.

Согласно последнему документу, городская администрация намерена полностью заменить автобусы электробусами и троллейбусами.

По оценке компании Akia Avesto Automotive Industry, которая занимается в Душанбе сборкой троллейбусов, электробусов и автобусов, к концу 2026 года в столице будут курсировать почти 700 электробусов под брендом Akia.

С 2023 года в Таджикистане импортеры электромобилей освобождены от уплаты налогов и таможенных пошлин сроком на 10 лет.

Помимо активного перехода автотранспорта на электротягу давление на спрос на СУГ оказывает сезонный фактор.

«При сильной жаре данный вид топлива проблемно хранить: летом увеличиваются объемы испарения», - отметили в антимонопольной службе.

В ведомстве добавили, что трейдеры снижают цены на автогаз, чтобы быстрее продать его и получить деньги для оборота.

«Если не продадут, то потерпят больший убыток за счет испарения продукта, которого в переизбытке в хранилищах».

Согласно мониторингу Рейтер, розничные цены на СУГ в Душанбе продолжили снижение на этой неделе, опустившись на 3,5% до 5,40-5,50 сомони за литр.

На текущей неделе впервые за долгое время стабильности зафиксировано снижение розничной цены бензина марки Аи-92 - на 0,5% до 9,70-10,30 сомони за литр.

Стоимость бензина А-95 и дизельного топлива остается стабильной и составляет соответственно 10,30-10,60 сомони за литр и 10,00-11,60 сомони за литр.

Таджикистан развернет собственное производство электромобилей. Для покупателей батарейного транспорта подготовят льготы. В Таджикистане будет начнут выпускать электрокары. Власти пока не раскрывают подробности будущего масштабного проекта, однако уже не секрет, что наладить сборку батарейных машин местным специалистам помогут китайские партнеры. Развивать электрическое направление среднеазиатское государство решило в связи с ростом популярности «зеленого» транспорта. Жители Таджикистана все чаще приобретают электрокары, импорт которых стабильно растёт.

Таджикистан - именно та страна СНГ, где импорт электромобилей растёт "как на дрожжах", а правительство всерьёз намерено развивать сектор электротранспорта в соответствии со

специальной программой, до 2028 года. Настолько серьёзно, что речь сейчас идёт о создании полноценного производства "электричек" при содействии зарубежных партнёров. И опереться Республика намерена на своё экологически чистое и дешёвое электричество.

Министерство транспорта Таджикистана в четверг, 15 августа, сообщило об увеличении импорта электромобилей в Республику и о планах создать в Таджикистане производство таких машин. Конечно же, в сотрудничестве с партнёрами из Китая.

Эти и другие мероприятия, связанные с сектором электромобилей в Таджикистане, будут проводиться в соответствии с утверждённой правительством Таджикистана «Программой развития электротранспорта в Республике Таджикистан на 2023-2028 годы».

В рамках Программы предусматриваются, среди прочего, создание необходимой базы для производства EV и комплектующих к ним, строительство инфраструктуры для электроснабжения и обслуживания электротранспорта, разработка технологии утилизации аккумуляторов и др. мероприятия.

Импорт электромобилей набирает обороты.

Минтранс Таджикистана в своём сообщении указывает на высокие темпы распространения электромобилей в Республике. Так, по данным Таможенной службы при правительстве Республики, за весь 2023-й год в Таджикистан было ввезено 3 316 электромобилей на общую сумму в 59 млн долларов. И лишь за первые 6 месяцев текущего, 2024-го года, в Республику импортировано уже 5 266 электромобилей (!) на общую сумму порядка 76,4 млн долларов; 5 266 «электричек» - это 26,7% от общего кол-ва ввезённых в страну автомобилей за этот период.

Кроме того, Таджикистан планирует начать производство электромобилей совместно с китайскими компаниями.

В целях дальнейшего стимулирования спроса населения на электротранспорт правительством Таджикистана предусматривается большое количество преференций и льгот для владельцев электромобилей, а также меры, направленные «на повышение осведомлённости [населения] об автомобилях с нулевым уровнем выбросов», например, присвоение специальных зелёных номерных знаков электрическим ТС.

На реализацию Программы в общей сложности до 2030 года выделят 228 916 000 таджикских сомони, или 1,93 триллиона рублей по текущему курсу.

Как пишет Интерфакс со ссылкой на пресс-релиз Минтранса Таджикистана, большая часть финансирования будет осуществляться за счёт частного сектора (221 370 000 сомони), 6 156 000 сомони - за счёт партнёров по развитию, а ещё 1 390 000 сомони - это бюджетные средства.

В самом Таджикистане, комментируя растущий спрос на электромобили в стране и комплекс будущих мероприятий по развитию сектора электромобилей, говорят, что Таджикистан является одной из стран СНГ, производящих экологически чистую и дешевую электроэнергию. В связи с этим, использование электромобилей в стране более целесообразно и эффективно во всех отношениях. Особенно в период роста цен на топливо [11].

В зависимости от расположения относительно населенных пунктов маршруты бывают:

1. Городские (внутригородские) - маршруты, проходящие в пределах границ города (другого поселения). На таких маршрутах работает городской пассажирский транспорт (ГПТ) представленный несколькими видами:

1) автомобильный - автобус, маршрутное такси, автобус-экспресс;

2) железнодорожный - городские железные дороги, метрополитен;

3) водный - речной трамвай, пассажирские паромы, городские теплоходы;

4) авиационный - вертолеты, самолеты, гидросамолеты, используемые для доставки людей в отдаленные районы города;

5) электротранспорт - троллейбус, трамвай, скоростной трамвай;

6) канатный - канатная дорога.

2. Полупригородные - маршруты, основной частью проходящие в пределах города, но связывающие отдаленные, подчиненные городу населенные пункты. На них могут работать все вышеперечисленные виды транспорта.

3. Пригородные - маршруты, проходящие за пределы города на расстоянии до 50 км включительно. Здесь работает пригородный пассажирский транспорт представленный меньшим количеством видов:

1) автомобильный - наиболее массовый вид пригородного транспорта, здесь так же используются автобусы, маршрутные такси и автобусы-экспрессы;

2) железнодорожный транспорт представлен пригородными поездами и пригородными электропоездами ("электрички");

3) авиационные перевозки также существуют, но в тех случаях, когда невозможна связь другими видами транспорта;

4) водный транспорт - пригородные теплоходы и пассажирские паромы;

5) электротранспорт в пригороде.

3.1. Ближний пригород - маршруты, проходящие на расстоянии до 50 км включительно.

3.2. Дальний пригород - маршруты, работающие в радиусе более 50 км, но не проходящие через города, внутриобластные (см. ниже), с редкими остановками в 50-километровой зоне, и действием только части льгот.

4. Междугородные - маршруты, проходящие за пределы черты города (другого населенного пункта) на расстояние более 50 км. Междугородние перевозки осуществляются как поездами, автобусами, водным транспортом, воздушным транспортом, так и троллейбусами.

Среди пригородных и междугородных выделяются сельские маршруты, которые связывают сельские населенные пункты между собой, с ближайшей пристанью, железнодорожной станцией или аэропортом. К сельским маршрутам также относятся линии, проходящие внутри сельских населенных пунктов. На маршрутах сельского типа обычно работают автобусы или небольшие теплоходы. Стоит сказать, что существуют нормы, по которым сельский населенный пункт, находящийся на расстоянии 3 км от остановки того или иного вида пассажирского транспорта, относится к пункту, обслуживаемому пассажирским сообщением.

В зависимости от административно-территориального

устройства территории, по которой проходит линия, маршруты делятся на:

1. Внутри районные - начинающиеся и оканчивающиеся в пределах одного административного района.

2. Межрайонные - связывающие два и более района.

3. Внутриобластные - начинающиеся и оканчивающиеся в пределах одной области, республики, края.

4. Межобластные (межрегиональные) - связывающие два и более региона страны.

5. Международные - линии, проходящие по территории двух и более государств.

По конфигурации (по расположению на территории) маршруты всех видов пассажирского транспорта классифицируются на несколько типов:

1. Маятниковые – маршруты, движение на которых как в прямом, так и в обратном направлении проходит по одной и той же трассе. По таким маршрутам осуществляется большинство перевозок в городском, пригородном, междугородном и международном сообщении.

2. Кольцевые - маршруты, движение по которым представляет собой замкнутый контур.

3. Комбинированные. Такие маршруты часто используются в пригородном и междугородном, как правило, автобусном или железнодорожном сообщении. В загородном сообщении такая схема движения позволяет за счет одной линии обеспечить перевозками гораздо большее число поселений, а дифференцированный тариф покрывает расходы на провоз пассажиров по «лишнему кругу», однако увеличивается время в пути между конечными пунктами.

Маятниковые и кольцевые маршруты ГПТ разделяются на подвиды:

1) Диаметральные, связывающие отдаленные районы города и проходящие через центр подобно диаметру

2) Радиальные, связывающие один из районов города с центром.

3) Полурадиальные , как и предыдущие, связывают один из районов с центром города, но проходящие не радиально.

4) Вылетные - маршруты, повторяющие основные схемы движения в городе, но выходящие далеко за пределы основной части города.

5) Тангенсальные - похожи на диаметральные, но через центр проходят частично (по касательной).

6) Кольцевые.

7) Полукольцевые, являющиеся "гибридом" радиальных и кольцевых, т.е. имеющие большое кольцо, как правило, в центре города и длинный "хвост", обычно в один из районов города.

8) Периферийные, связывающие окраинные районы и не проходящие через центральную часть города.

По назначению:

1. Экскурсионные перевозки, связанные с обслуживанием экскурсий и выполняются автобусами с экскурсоводом в городах по постоянным маршрутам.

2. Туристические перевозки, как транспортом общего пользования, так и ведомственным с выездом за пределы населенных пунктов по заранее разработанным маршрутам.

3. Служебные перевозки, связанные с доставкой рабочих и служащих определенного предприятия от места жительства до работы и обратно, а также для разовых служебных поездок.

4. Школьные перевозки, как правило, в сельской местности, где отсутствуют регулярное автобусное сообщение. Для перевозки школьников разрабатываются свои маршруты и расписания, а также устанавливают тип автобуса соответствующей вместимости.

5. Вахтовые перевозки, предназначенные для доставки бригад, смен нефтяников, шахтеров, строителей и т.д.

6. Специальные пассажирские перевозки выполняются заказными автобусами и легковыми автомобилями, связаны с обслуживанием организаций, учреждений, предприятий, а также съездов, конференций, фестивалей [10].

По форме организации:

1. Маршрутные перевозки организуются на утвержденных маршрутах, строго по расписанию с посадкой и высадкой пассажиров на заранее оговоренных остановках маршрута.

2. Заказные перевозки осуществляются по договорам и разовым заказам предприятий, организаций, учреждений и населения.

3. Прямые смешанные перевозки выполняются совместно с другими видами пассажирского транспорта, обычно выдается пассажиру единый билет на право проезда различными видами транспорта от начального пункта до конечного пункта.

Все маршруты подразделяются на постоянные и сезонные (временные).

Заключение. Движение транспорта на постоянных маршрутах осуществляется круглогодично, а на сезонных - в течение определенного периода времени (сезона). Сезонные маршруты используются для доставки пассажиров в дачные кооперативы, когда устойчивый пассажиропоток существует только в летне-осенний период.

На всех маршрутах существуют конечные, промежуточные и узловые остановки. Последние расположены в местах пересечения нескольких маршрутов одного и более видов транспорта, на них происходит пересадка пассажиров и, следовательно, перераспределение пассажиропотоков.

Литература

1. Deepthi Nair. UAE’s first driverless taxi completes initial trial phase // URL:https://www.then-ationalnews.com/business/2022/01/31/uaes-first-driver less-taxi-completes-initial-ph....

2. Sankar A. Hoverbike launched in Abu Dhabi primed to deliver life-saving support // URL:https://www.thenationalnews.com/uae/2023/03/14/hoverbike-launched-in-abu-dhabi-primed-to-deliver-lif....

3. Xturismo Hoverbikee // URL:https://www.tadviser.ru/index. hhp/%D0%9F%D1%80%D0%BE%D0%B4%D1%83%D0%BA%D1%82:Xturismo_Hoverbike.

4. Викторов А.А. Троллейбус последний, случайный… // Русский дом. 2021. №1. URL:http://www.russdom.ru/node/12011.

5. Кашкаров А.П. Будущее электромобилей в России // Современная электроника. 2018. №1. - С.24.

6. Кашкаров А.П. Покорение севера. От Петербурга до Нордкапа на Subaru Tribeca // Субару мотор. 2014. № 12. С. 60.

7. Кашкаров А.П. Современные электромобили. Устройство, отличия, силовые установки, выбор для российских дорог. М.: ДМК-Пресс, 2018. - 156 с.

8. Рауфи А. Конкурентная экономика / Под общей редакцией д.э.н., профессора Бобоева О.Б. – Душанбе: «Дониш», 2014. – 608 с.

9. Рауфи А. Транспорт в системе рыночной экономики. – Душанбе: «Ирфон», 2002. – 255 с.

10. Шералиев, А. А. Достижения, проблемы формирования и перспективы развития международных транспортных коридоров в Республике Таджикистан / А. А. Шералиев // Экономика Таджикистана. - 2019. - № 4. - С. 250-257. - EDN ZPWEMH.

11. Шералиев, А. Оценка динамики рационального развития и размещения транспортно-экономических связей Таджикистана, ориентированных на индустриально-аграрное развитие / А. Шералиев // Известия Национальной академии наук Таджикистана Отделение общественных наук. - Душанбе: «Дониш», - 2024. - №1(274). - С.110-116.

12. Электромобили (мировой рынок) // URL: https://www.tadviser.ru/index.php/%D0%A1%D1%82%D0%B0%D1%82%D1%8C%D1%8F:%D0%AD%D0%BB%D0%B5%D0%BA%D1%8.

Маълумот дар бораи муаллиф

Ахмедова Азизахон Муҳаммадхуҷаевна - ходими хурди илмии Институти иқтисод ва демографияи академияи Миллии илмҳои Тоҷикистон

Сведения об автора

Ахмедова Азизахон Мухаммадхучаевна - младший научный сотрудник Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. Тел.: (+992) 907455489, E-mail: azizajon_86@mail.ru

About the author

Akhmedova Azizakhon Mukhammadkhuchaevna - a Junior researcher at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Tel.: (+992) 907455489, E-mail: azizajon_86@mail.ru

Паёми молия ва иқтисод
Финансово экономический вестник
Financial and economic bulletine
2025. №2

DOI: 10.24412/2663-0389-2025-245-222-229
УДК: 338.24

МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Шарофуддинзода Д.Ш.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақола масъалаҳои танзими давлатии соҳибкории хурду миёнаи соҳаи кишоварзӣ баррасӣ шудааст. Қайд карда шуд, ки яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии ҳар як кишвар дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ ба шумор меравад. Ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ пеш аз ҳама аз тарафи давлат ба воситаи танзими давлатии самараноки фаъолияти соҳибкорӣ имконпазир мегардад.
Диққати махсус ба масъалаҳои дастгирии давлатӣ дар шакли пешниҳоди имтиёзҳои мухталифи андозбандиву дигар намудҳои пардохти давлатӣ ва маблағгузории соҳа дода шудааст. Дар мақола инчунин таъкид шудааст, ки соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ дар заминаи танзими самараноки давлатӣ дар шакли дастгирии молияввию инфрасохтори имконпазир мегардад.

Калидвожаҳо: Танзими давлатӣ, баҳодиҳии иқтисодӣ, соҳибкории хурду миёна, сармоягузорӣ, иқтисоди минтақа, маблағгузорӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ, равандҳои ҳамгироӣ, МММ, рақобатпазирии корхонаҳо, маҳсулоти кишоварзӣ ва рушди устувори минтақа.

Таърихи мақола: мақола ба муҳаррир 2 апрели соли 2025 ворид шудааст; пас аз баррасии коршиносон 9 апрели соли 2025 такмил дода шудааст; барои нашр 29 апрели соли 2025 қабул шудааст.

Барои иқтибос: Шарофуддинзода, Д. Ш. Механизми дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ / Д. Ш. Шарофуддинзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. –No. 2(45). – С. 222-229.

МЕХАНИЗМЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СФЕРЕ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА

Шарофуддинзода Д.Ш.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. В статье рассматриваются вопросы государственного регулирования малого и среднего предпринимательства в сфере сельского хозяйства. Отмечается, что стимулирование предпринимательства является одним из важнейших направлений экономической политики любого государства в условиях развития рыночных отношений. Такое стимулирование возможно, прежде всего, со стороны государства посредством эффективного государственного регулирования предпринимательской деятельности.
Особое внимание уделено вопросам государственной поддержки в форме предоставления различных налоговых и иных государственных льгот, а также финансирования данной отрасли. В статье также подчеркивается, что развитие малого и среднего

предпринимательства в сельском хозяйстве возможно на основе эффективного государственного регулирования в форме финансовой и инфраструктурной поддержки.

Ключевые слова: государственное регулирование, экономическая оценка, малое и среднее предпринимательство, инвестиции, региональная экономика, финансирование, хозяйственная деятельность, интеграционные процессы, ВНП, конкурентоспособность предприятий, сельскохозяйственная продукция, устойчивое развитие региона.

История статьи: статья поступила в редакцию 2 апреля 2025 года; доработана после рецензирования 9 апреля 2025 года; принята к публикации 29 апреля 2025 года.

MECHANISMS OF STATE SUPPORT FOR SMALL AND MEDIUM-SIZED ENTERPRISES IN THE AGRICULTURAL SECTOR

Sharofuddinzoda D.Sh.
Tajik state finances- economy university

Abstract. The article examines the issues of state regulation of small and medium-sized enterprises (SMEs) in the agricultural sector. It is noted that the stimulation of entrepreneurship is one of the key directions of economic policy in any country under conditions of developing market relations. Such stimulation is primarily made possible through effective state regulation of entrepreneurial activity.

Particular attention is given to the issues of state support in the form of various tax incentives and other governmental benefits, as well as financing of the sector. The article also emphasizes that the development of small and medium-sized enterprises in agriculture is possible through effective state regulation in the form of financial and infrastructural support.

Keywords: state regulation, economic assessment, small and medium-sized enterprises, investment, regional economy, financing, economic activity, integration processes, GDP, enterprise competitiveness, agricultural products, sustainable regional development.

Article History: the article was submitted to the editor on April 2, 2025; revised after peer review on April 9, 2025; accepted for publication on April 29, 2025.

Гузориши масъала. Яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии ҳар як кишвар дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ ба шумор меравад. Ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ пеш аз ҳама аз тарафи давлат ба воситаи танзими давлатии самараноки фаъолияти соҳибкорӣ имконпазир мегардад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ шарти муҳим бинобар сабаби таъмини амнияти озуқаворӣ ва истеҳсолоти ғизои хушсифат маҳсуб меёбад.

Тавре дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди деҳот самти афзалиятноки фаъолияти хоҷагидорӣ эътироф гаштааст, соҳибкории хурду миёна дар ин самт нақши муҳимро ба воситаи таъсисиҷойҳои нави корӣ ва рушди деҳот иҷро менамояд. Инчунин дар татбиқи ҳадафҳои кишвар, пеш аз ҳама дар рушди истеҳсолоти воридотивазкунӣ ва ба содиротнигаронидашуда заминаи устувор гузошта, манфиатҳои истеҳсолкунандагони кишварро ҳифз менамояд.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Дар самти мазкур муҳаққиқ аз таҳқиқоти илмии Содиков М. С., Шпека С. В. ва дигарон истифода намудааст.

Ҳамзамон муаллиф аз як қатор қонун ва барномаҳо истифода намудааст.

Мақсади мақола аз муайян намудани механизмҳои дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Муҳтавои асосии мавод. Яке аз самтҳои таъмини рушди соҳибкории хурду миёнаи кишоварзӣ ба воситаи таъмини рушди инноватсия ва технологияи муосир дар шароити кунунӣ маҳсуб меёбад. Маҳз татбиқи чунин тадбирҳо ба воситаи барномаҳои давлатии ҷорӣ намудани технологияи пешқадам, тавсеаи бозори маҳсулоти озуқаворӣ ба воситаи хизматрасонии рақамӣ имконпазир гашта, дар таъмини рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзӣ саҳми муҳимро доро мебошад.

Албатта, татбиқи чунин тадбирҳо пеш аҳз ҳама аз маблағгузории соҳа вобастагӣ дорад. Дастрасии соҳибкорон ба маблағгузорӣ, гирифтани қарзҳои имтиёзнок ва барномаҳои грантӣ барои соҳибкории хурду миёнаи соҳаи кишоварзӣ имконияти ба даст овардани таҷҳизоти ҳозиразамон, таъсиси корхонаҳои хурди коркарди маҳсулот ва инчунин реинвеститсия ба ислоҳотӣ иқтисодиёти кишоварзӣ фароҳам меорад.

Ҷадвали 1.- Сохтори соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзии кишвар

Қисмат	Мазмун
Шаклҳои соҳибкории хурд ва миёна	Соҳибкорони инфиродӣ Хоҷагиҳои деҳқонӣ Корхонаҳои хурд ва миёна (ҶДМ, кооперативҳо ва ғ.)
Самтҳои асосии фаъолият	Зироаткорӣ (ғалладона, сабзавоткорӣ, боғдорӣ) Чорводорӣ (парвариши чорвои ширӣ ва гӯштӣ, паррандапарварӣ) Коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (маҳсулоти ширӣ, коркарди гӯшт) Хизматрасонии аграрӣ (техника, нуриҳо, машварат) Сайёҳии деҳотӣ (манзилҳои деҳқонӣ, фермаҳои экологӣ)
Захираҳои мавҷуда	Захираҳои заминӣ (иҷора, моликият) Захираҳои молиявӣ (қарзҳо, грантҳо, субсидияҳо) Захираҳои меҳнатӣ (меҳнати оилавӣ, коргарони кироя) Захираҳои моддию техникӣ (таҷҳизот, анборҳо, сардхонаҳо)
Дастгирии молиявӣ	Субсидияҳо ва грантҳои давлатӣ Қарзҳои имтиёзнок Фондҳои дастгирии соҳибкорӣ
Фурӯш ва маркетинг	Фурӯши мустақим (бозорҳо, мағозаҳои фермерӣ) Ҳамкорӣ ва кооператсия Содирот

Сарчашма. Проблемы малого предпринимательства в сельском хозяйстве. URL: https://e-koncept.ru/2017/770431.htm; Особенности малого и среднего бизнеса в сельском хозяйстве. URL: https://fundamental-research.ru/ru/. Санаи мурочиат 26.03.2025.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки нақши сохтори соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ хеле калон арзёбӣ мегардад. Маҳз соҳибкории хурду миёна маҳсулоти асосии кишоварзиро истеҳсол намуда, дар коркард, фуруш ва инчунин рушди дигар комплексҳои аграрӣ нақши калон дорад. Бояд дуруст дарк кард, ки гуногуншаклии моликият дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ самти муҳими фаъолияти хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Маҳз соҳибкории хурду миёна ба воситаи ташаккули хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳибкории индивидуалӣ ва коллективию оилавӣ, ҷамъиятҳои саҳомиву кооперативҳо дар таҳкими гуногуншаклии фаъолият пояи бузург мегузорад.

Аз нуқтаи назари мавзуъи тадқиқот қайд кардан зарур аст, ки сохтори дурусти соҳибкории хурду миёна метавонад ба рушди соҳаи кишоварзӣ таъсири калон расонад. Рушди соҳибкории хурду миёна пеш аз ҳама ба воситаи гунгунҷабҳаи истеҳсолот, вусъати шуғли пурмаҳсул, таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, ободии деҳотҳо, ҷалби сармоя ва монанди инҳо дар таҳкими рушди хоҷагии қишлоқ пояи устувор мегузорад.

Яке аз назарияе, ки дар ташаккули дахолати давлати соҳибкории хурду миёна, бахусус дар соҳаи кишоварзӣ маъмул аст, назарияи нокомии бозор (теория рыночных провалов) ба шумор меравад. Тибқи ин назария бозор на ҳама вақт захираҳоро оқилона ва самаранок тақсим карда метавонад. Дар ин ҷо сухан дар бораи монеъаҳои зиёд дар соҳаи кишоварзӣ аз қабили вобастагӣ аз шароитҳои иқлимӣ, сатҳи пасти маблағгузорӣ, мушкилотҳои гирифтани қарз, суст тараққӣ ёфтани инфрасохтори муосир ва монанди инҳо меравад. Дар чунин шароит фақат давлат метавонад ба воситаи механизмҳои ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ нокомии бозорро бартараф намояд.

Инчунин назарияи институтсионалӣ низ дар ҳавасмандгардонии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна нақши муҳим дорад. Ин мактаб бар он ақида аст, ки рушди иқтисодӣ пеш аз ҳама аз ба роҳ мондани фаъолияти ниҳодҳо яъне аз дастгирии давлатӣ сар карда то тартиботу қонунҳо ва ҳавасмандгардонии дастгирии соҳибкорӣ вобастагии калон дорад. Вобаста ба мавзуъи мазкур қайд кардан зарур аст, ки маҳз давлат метавонад дар заминаи татбиқи тадбирҳои қабулгардида, аз қабили бунёди муҳити мусоид барои соҳибкории кишоварзӣ фароҳам оварада, рушди устуворро таъмин намояд.

Дар баробари ин назарияи рушди устувор низ барои таъмини рушди устувор нақши давлатро самти афзалиятноки соҳибкории кишоварзӣ эътироф мекунад. Тибқи ин назария давлат ба воситаи ба роҳ мондани фаъолияти самараноки хоҷагии қишлоқ, бунёди ҷойҳои нави корӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ ва рушди комплекси агросаноатӣ тадбирҳои ҳавасмандгардониро пешниҳод мекунад.

Ҳамин тавр аз таҳлилҳо бармеояд, ки механизмҳои асосии ҳавасмандгардонии давлатӣ аз қабили тадбирҳои молиявию рушди инфрасохторӣ, имтиёзҳои андозиву гумрукӣ, барномаҳои маслиҳатдиҳӣ ва бозомузии кормандони корхонаҳои хурду миёна барои рушди соҳибкории кишоварзӣ заминаи устувори молиявию инфрасохтори мегузоранд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ҳавасмандкунии давлатии соҳибкории хурду миёнаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳимро иҷро мекунад. Тадбирҳое, ки барои таъмини рушди устувор дар ин самт пиёда мегардонанд муҳимтаринашон дастгирии молиявию имтиёзҳои пардохтӣ, рушди инфрасохтори муосир ва барномаҳои таълимӣ, рушди воридотивазкунӣ ва

тавсеаи имкониятҳои содиротӣ ва монанди инҳо ба шумор мераванд.

Яке аз элемнтҳои дастгирии молиявӣ дар шароити имруза грант ва субсидия маҳсуб меёбанд, ки барои рушди корхонаҳои соҳибкории кишоварзӣ маблағгузорӣ намуда инфрасохтори соҳаро ташаккул медиҳанд. Дар кишварҳои тараққикарда барномаи Агростартап маъмул аст, ки дар рушди истеҳсолоти маҳсулоти сабз нақши муҳим дорад. Албатта, қарзҳои имтиёзнок ба воситаи паст намудани фоизи бонкӣ дар ин ҷо мавқеъи махсусро ишғол менамояд. Бояд қайд кард, ки дар ин самт истифодаи самараноки механизми грантӣ барои соҳибкорони хурду миёнаи кишоварзӣ басо муҳим маҳсуб меёбад.

Илова бар ин, имтиёзҳои андози ва озод намудан қисман аз дигар пардохтҳои давлатӣ дар таҳкими рушди муносибатҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ саҳми калон доранд. Дар ин ҷо сухан дар бораи соддагардонии низоми андозбандӣ барои соҳибкорони хурду миёна, имтиёзҳо дар истифодабарии замин ва инчунин паст намудани меъёри фоизӣ меравад.

Дар баробари омилҳои номбаршуда ташаккул ва рушди инфрасохтори муосир барои бозори маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳама аҳамияти калонтарро дорад. Дастгирии соҳибкорони хурду миёна дар самти бунёди бозори муосир, марказҳои логистикиву тиҷоратӣ, марказҳои нигаҳдории маҳсулот, рушди хизматрасонии рақамӣ дар самти тиҷорати маҳсулот ва беҳтарсозии имкониятҳои нақлиётӣ қодиранд соҳибкории хурду миёнаи кишоварзиро ба бахши муҳимтарини тараққиёти фаъолияти хоҷагидории кишвар табдил намоянд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити рушди босуръати технологияи муосир барномаҳои таълимӣ ва консултативӣ барои баланд бардоштани тасаввуроти бозоргонӣ ва касбияти соҳибкорони бахши кишоварзӣ низ аҳамияти махсус доранд. Дастгирии давлатӣ дар самти пешниҳодӣ таълими ройгони соҳибкорони истеҳсолӣ ва маслиҳатдиҳии масъалаҳои дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, азхудкунии махсусияти бозори муосир ва монанди инҳо дар ташаккулёбии соҳибкории ҷавобгуи талаботи ҳозиразамон омили муҳим арзёбӣ мегарданд.

Бо иртибот ба масъалаи мазкур инчунин масъалаҳои ҳавасмандгардонии корхонаҳои истеҳсолии маҳсулоти кишоварзиро баррасӣ намудан зарур аст. Ҳавасмандгардонии корхонаҳои хурду миёнаи бахши кишоварзӣ инчунин дар дастгирии истеъмолгарони маҳсулоти кишоварзӣ, пешниҳоди лоиҳаҳои имтиёзнок ё ин ки грантҳо барои хоҷагиҳои деҳқонӣ, воридоти технологияи муосир ва истифодаи муштараки онҳо аз қабили воситаҳои ҳавасмандгардонии давлатии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбанд.

Албатта, дар заминаи татбиқи тадбирҳои қайдгардида, имкониятҳои воридотивазкунанда ва тавсеаи иқтидори содиротӣ низ васеъ мегардад. Дастгирии давлатии соҳибкорони ватанӣ пеш аз ҳама вобастагии кишварро аз сарчашмаҳои берунӣ паст намуда, дар таъмини бехатарии иқтисодӣ пояи устувори инфрасохториву молиявӣ мегузорад. Бешубҳа, татбиқи чунин тадбирҳо дар маҷмуъ ба корхонаҳои хурду миёнаи соҳаи кишоварзӣ на фақат рақобатпазириро таъмин менамояд, балки дар шароити буҳрон сатҳи хатарҳои муосирро паст менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ аҳамияти шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ дар таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ

якбора афзуд [9, С. 3]. Бинобар ин ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ низ вобаста ба мурури замон аҳамияти махсусро пайдо кард.

Аз таҳлилҳо бармеоянд, ки ҳавасмандгардонии давлатии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ пеш аз ҳама барои бартараф намудани мушкилотҳои мавҷудбуда дар низоми фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин замина таъмин намудани тараққиёти босуръати соҳаи мазкур ба шумор меравад.

Инчунин дар зери мафҳуми дастгирии давлатии рушди корхонаҳои истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ ташаккули инфрасохтори муосир, бунёди бозори замонавии маҳсулоти кишоварзӣ, рушди инноватсия ва инклюзивии комплекси агросаноатии кишвар фаҳмида мешавад. Маҳз ба воситаи истифодаи оқилонаи механизмҳои давлатӣ ва нигоҳ доштани тавозуни танзими бозоргонӣ ва давлатӣ ташаккули бахши замонавии кишоварзиро таъмин намудан имконпазир мегардад.

Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон барои ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории хурду миёна аз аввали даврони соҳибистиқлол тадбирҳои зиёд андешида шудаанд. Яке аз чунин самтҳо бунёди базаи ҳуқуқӣ буд, ки барои иштирокчиёни бозор махсусан барои соҳибкорӣ пояи бузурги ҳуқуқӣ гузошт. Яке аз қонунҳое, ки барои рушди соҳибкорӣ таҳким гузошт “Қонун дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” буд.

Қонуни мазкур шаклҳои дастгирии давлатии соҳибкориро, аз ҷумла соддагардонии тартиби андозбандӣ, бақайдгирии давлатӣ, литсензиядиҳӣ ва сертификатсияи маҳсулот муайян мекард [3].

Инчунин дар кишвар қонуни нав Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» дар соли 2025 қабул гардид. Қонуни мазкур тавре аз номаш бармеояд, барои ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар ба воситаи дастгирии давлатии соҳибкории иҷтимоӣ ва ҳавасмандкунии соҳибкории хурду миёна дар деҳот нигаронида шудааст.

Қонуни мазкур инчунин додани имтиёзҳои андозию гумрукӣ, ҷойгиронии фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, дастгирии молиявӣ аз ҳисоби фондҳои мақсадноки давлатӣ, дастгирии моддӣ, ташкил намудани омӯзиши касбӣ ва додани грантҳои давлатӣ барои корхонаҳои иҷтимоӣ пешбинӣ менамояд [2].

Яъне ин қонун дастрас намудани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, таъмин кардани фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, расонидани кӯмаки молиявӣ тавассути фондҳои махсуси давлатӣ, дастгирии моддӣ, фароҳам овардани имкониятҳои омӯзиши касбӣ ва ҷудо кардани грантҳои давлатӣ барои рушди корхонаҳои иҷтимоиро дар бар мегирад.

Илова бар ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими муносибатҳои истеҳсоли ва рушди соҳибкорӣ бинес инкубаторҳо дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ пешбинӣ шудаанд. Дар айни ҳол фаъолияти чунин бизнес инкубатор дар доираи барномаҳои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар МОИ-и Суғд самаранок ба роҳ монда шудааст.

Ин сохторҳо ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла бахши кишоварзӣ, имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва дигар преференсияҳоро пешниҳод мекунанд [4].

Бояд қайд кард, ки дар кишвар ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду

миёнаи бахши кишоварзӣ таввасути тадбирҳои зиёд амалӣ мегарданд. Ниҳодҳои қарзиву молиявӣ бахусус, ташкилотҳои хурди молиявӣ дар ин ҷо низ нақши муҳимро иҷро мекунанд. Масалан, ташкилоти хурди молиявии депозитии “Фируз” барои рушди хоҷагии халқ дар соли 2023 бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ махсусан соҳибкорони занон ва таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ 7000 мизоҷони фаъолро дар ҳаҷми 100 млн. сомонӣ маблағгузорӣ намудааст.

Илова бар ин дар Тоҷикистон барои баланд бардоштани истифодаи самараноки захираҳо лоиҳаҳо низ пиёда гаштаанд. Яке аз чунин лоиҳаҳо “Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва ҷорӣ намудани таҷрибаҳои устувор” дар кишвар ба шумор меравад.

Лоиҳаи «Самаранокии истифодаи захираҳо дар истеҳсолот ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ» (REAP), ки бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо амалӣ шудааст, ба ташвиқи таҷрибаҳои истеъмоли устувор дар корхонаҳои бахши агросаноатӣ равона шудааст. Дар доираи ин лоиҳа, 172 ширкат барои беҳтар намудани самаранокии истифодаи захираҳо дастгирӣ гирифтаанд, ки ба рушди устувори кишоварзӣ мусоидат мекунанд [8].

Тавре дар боло қайд карда будем, бунёди бизнес инкубаторҳо низ дар кишвар барои афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза аз тарафи соҳибкорони хурду миёна заминаи устувор мегузоранд. Чунин инкубаторҳо барои соҳибкорон дар марҳилаи аввали фаъолияташон дастгирии консултативӣ, ҳуқуқӣ, методологӣ ва инчунин пешниҳоди имтиёзҳои мухталиф аз қабили иҷораи имтиёзнок пиёда мегардонанд.

Бояд қайд кард, ки бунёди фазои мусоиди сармоягузорӣ низ дар ин ҷо нақши муҳимро иҷро менамояд. Шӯрои рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои мақомотҳои давлатӣ тавсияҳо оид ба рушди соҳибкорӣ таҳия менамояд, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекунад [1].

Вобаста ба масъалаи мазкур инчунин бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини рушди устувори соҳа маратории назорати фаъолияти субъектони соҳибкорӣ мутобиқи Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2025 таҳти рақами 915 қабул гардид. Маратория ба ҳамаи намуди фаъолияти соҳибкорӣ дахл дошта, барои бунёди фазои рушди соҳибкорӣ, таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва ҷойҳои нави корӣ нигаронида шудааст.

Ҳамаи ин тадбирҳо барои дастгирии соҳибкории хурду миёна махсусан дар бахши кишоварзӣ сафарбар гардида, дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии сокинони деҳот мусоидат мекунанд.

Хулоса. Васеъ гардонидани номгуйи маҳсулоти кишоварзӣ, ташкили корхонаҳои хурди муосири коркарди маҳсулот, ҷорӣ намудани технологияи нав ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти кишоварзӣ, беҳтар намудани сифати зиндагии сокинони деҳот имруз аз рушди соҳибкории хурду миёна вобастагии калон дорад. Бинобар ин ташаккули дурусти сохтори соҳибкории хурду миёна дар бахши кишоварзӣ барои ташаккули агрокомплекси муосир басо муҳим баҳогузорӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, соҳибкории хурду миёна ба воситаи шаклҳои гуногуни фаъолият асоси рушди кишоварзии муосирро ташкил намуда, дар вусъати шуғли пурмаҳсул, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва худтаъминкунӣ ва инчунин

рушди деҳот, ки самти муҳими фаъолияти хоҷагии муосир эътироф гаштааст, пояи устувор мегузорад. Албатта, барои таъмини рушди устувори он ва ба даст овардани самараи синергетикӣ ҳавасмандгардонии давлатӣ дар шакли дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва беҳтарсозии инфрасохтори бозори аграрӣ зарур меояд.

Адабиёт

1. Закон Республики Таджикистан о государственной защите и поддержке предпринимательства. ncz.tj/content/?utm_source=chatgpt.com. Санаи мурочиат 12.02. 2025.
2. Закон Республики Таджикистан о социальном предпринимательстве. от 13 ноября 2024 года, №1483. https://mmk.tj/node/2158?utm. Санаи мурочиат 24.03.2025.
3. Исмоилов Ш.М. Правовая характеристика инновационного предпринимательства в Таджикистане. Ш.М. Исмоилов. https://www.law.tnu.tj/old/index.php/ru/nauka-top/. Санаи мурочиат 24.03.2025.
4. Минтақаи озоди иқтисодии Суғд. https://ru.wikipedia.org/wiki/. Санаи мурочиат 12.02.2025.
5. Обзор международного опыта государственной поддержки микро-, малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве. Евразийская экономическая комиссия. https://eec.eaeunion.org/upload/clcr/review.pdf. Санаи мурочиат 24.01. 2025.
6. Особенности малого и среднего бизнеса в сельском хозяйстве. URL: https://fundamental-research.ru/ru/. Санаи мурочиат 26.03.2025.
7. Проблемы малого предпринимательства в сельском хозяйстве. URL: https://e-koncept.ru/2017/770431.htm. Санаи мурочиат 14.03. 2025.
8. Сельхозпроизводители и переработчики Таджикистана намерены оптимизировать потребление природных ресурсов к 2024 году. https://namsb.tj/allnews/reapnews/selkhozproizvoditeli. Санаи мурочиат 24.03.2025.
9. Содиков, М. С. Эффективность развития конкурентоспособных форм малого и среднего предпринимательства Таджикистана (на материалах сельскохозяйственных предприятий Горно-Бадахшанской автономной области Таджикистана). автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук – Душанбе, 2010. – С. 18.
10. Шпека С. В. Проблемные аспекты государственной поддержки малого и среднего предпринимательства. С.В. Шпека. https://odin.mgimo.ru/upload/iblock/. Санаи мурочиат 05.03.2025.

Маълумот дар бораи муаллиф

Шарофуддинзода Дилшод Шарофуддин - унвончуйи курси якуми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимова, 64/14. E-mail. Dilshod-07@bk.ru. Тел: (+992) 907-36-24-23

Сведения об автора

Шарофуддинзода Дилшод Шарофуддин - соискатель первого курса Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: Dilshod-07@bk.ru. Тел: (+992) 907-36-24-23

About the author

Sharofuddinzoda Dilshod Sharofuddin - first-year graduate student at the Tajik State University of Finance and Economics.
Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nahimov Street, 64/14. E-mail: Dilshod-07@bk.ru. Phone: (+992) 907-36-24-23

Ба таваҷҷуҳи муаллифон!

Дар маҷаллаи илмию амалии «Паёми молия ва иқтисод» мақолаҳое, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмию амалии соҳаҳои иқтисодию молияро дар бар мегиранд, чоп мешаванд.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Маводе, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд ва ё дар арафаи чопанд, қабул карда намешаванд.

Мақолаҳои пешниҳодшаванда бояд ҷавобгӯи чунин талабот бошанд:

1. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, нақша, рӯйхати адабиёт ва матни аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд аз 12 саҳифаи компютерӣ кам набошад.
2. Мақолаҳо дар шакли электронӣ ва дар шакли чопӣ (1 нусха) пешниҳод карда шаванд.
3. Мақолаҳо паз аз гузаронидани барномаи «Антиплагиат» бо пешниҳоди маълумотнома қабул карда мешаванд.
4. Мақолаҳо дар системаи Microsoft Word бо чунин тарз: мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, русӣ бо гарнитураи Times New Roman андозаи ҳуруфи матни асосӣ – 12, рӯйхати адабиёт – 12, фосилаи байни сатрҳо – 1,15 см, сархат аз гӯшаи чапи варақ бо андозаи – 1,25 см, фосилаҳо аз боло – 2 см, аз поён – 2 см, аз чап – 3 см, аз рост – 1,5 см пешниҳод шуда, ҳамаи саҳифаҳо рақамгузорӣ карда шаванд.
5. Дар саҳифаи аввали мақола DOI, УДК, номи мақола, ному насаб, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон, таърихи мақола, барои иқтибос нишон дода мешаванд.
6. Мақола бо аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (курсив, андозаи 12) оғоз гардида, бояд муҳтавои асосии мақоларо амиқ дар бар гирад ва дар шакли алоҳида ба нашр мувофиқ бошад (на камтар аз 10 сатр). **Калидвожаҳо** тасвири кӯтоҳи мундариҷаи маводи илмӣ буда, дар бораи мавзӯъ ва сохтори он маълумоти умумӣ медиҳанд ва аз 8 то 10 калима ва ё ифодаро дар бар гирифта, бо вергул ҷудо карда мешаванд.
7. Маълумот дар бораи муаллиф (бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар охири мавод пас аз рӯйхати адабиёт бояд инҳоро дар бар гирад: ному насаби пурраи муаллиф (он), дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷойи кор, суроға, телефон ва E-mail (шрифти курсив 12)
8. Иқтибосҳо дар дохили қавсҳои чоркунҷа, ба мисли [1, с. 24] нишон дода мешаванд. Рӯйхати адабиёт (аз 8 - 10 номгӯй кам набошад) дар охири мақола бо нишон додани ҳаҷми умумии саҳифаҳои сарчашма аз рӯи алфавит бо зерсарлавҳаи «Адабиёт» (Литература) оварда мешавад. Адабиёти истифодашуда қатъиян бо риояи ҳамаи меъёр ва қоидаҳои тартиби библиографӣ таҳия мегардад.
9. Ҷадвал, расм, диаграммаҳои дар мақола истифодашуда бояд қатъиян аз рӯи талаботи муқарраргардида нишон дода шуда, рақам ва номгузорӣ карда шаванд.
10. Мақолаҳои илмии пешниҳодшаванда бояд хулосаи коршинос ва тақризи мусбӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла барои имкони чопи мақола дошта бошанд.
11. Матни мақола бояд саҳеҳу мукаммал ва дар шакли ниҳоӣ пешниҳод гардад.
12. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва таҳрир намояд.
13. Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, қабул карда намешаванд.

К сведению авторов

В научно-практическом журнале «Финансово-экономический Вестник» печатаются статьи, содержащие результаты научно-практических исследований по экономическим наукам.

Статьи принимаются в течение года.

Представление в журнал работ, ранее опубликованных или принятых к печати в других изданиях, не допускается.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1. Размер статьи должен состоять из 12 страниц компьютерного набора, включая текст, таблицы, рисунки, библиографию и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

2. Материалы предоставляются на электронном носителе и в распечатанном виде (1 экземпляр).

3. Научная статья принимается с предоставлением справки о прохождении через программу «Антиплагиат».

4. Статьи должны быть представлены в системе Microsoft Word в следующем формате: таджикские статьи должны быть набраны шрифтом Times New Roman Tj, русские статьи должны быть набраны шрифтом Times New Roman, размер основного текста – 12, список литературы – 12, межстрочный интервал – 1,15 см, абзац от левого угла листа должен быть набран размером – 1,25 см, верхние поля – 2 см, нижние поля – 2 см, левые поля – 3 см, правые поля – 1,5 см, все страницы должны быть пронумерованы.

5. На первой странице статьи DOI, УДК, название статьи, ФИО, аннотация и ключевые слова на трех языках, дата статьи, для цитирования.

6. Статья начинается с аннотации и ключевых слов на трех языках - таджикском, русском и английском (курсив, кегль 12), и должна содержать основное содержание статьи в развернутом виде и быть пригодной для публикации в отдельном виде (не менее 10 строк). Ключевые слова представляют собой краткое описание содержания научного материала, дают общую информацию о его теме и структуре, и содержат от 8 до 10 слов или выражений, разделенных запятыми.

7. Сведения об авторе (на трех языках - таджикском, русском и английском) в конце материала после списка литературы должны содержать: полное имя и фамилию автора(ов), ученую степень, должность, место работы, адрес, телефон и E-mail (курсив, кегль 12)

8. Ссылки на цитируемую литературу даются в квадратных скобках, например, - [1, с. 24]. Список литературы (не менее 10 наименований) приводится в конце статьи с общим объемом страниц источника в алфавитном порядке под заголовком «Литература» (шрифт строчный 12). Использованные источники производятся строго с соблюдением всех норм и правил оформления библиографии.

9. Использованные в статье таблицы, рисунки, диаграммы должны быть оформлены строго по установленным стандартам.

10. Научная статья, представленная в редакцию журнала, должна иметь экспертное заключение и отзыв специалистов о возможности опубликования.

11. Текст статьи должен являться окончательным и быть тщательно выверен и исправлен.

12. Редколлегия оставляет за собой право отбирать материал, производить сокращения и редакционные изменения статьи.

13. Статьи, не отвечающие настоящим требованиям, не принимаются.

Муҳаррирон: Фарайдунов О.Қ., Ҳамроев М.И.
ДДМИТ, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, бинои 1
Сомонаи маҷалла: www.vestnik.tgfeu.tj
Сомонаи ДДМИТ: www.tgfeu.tj

Редакторы: Фарайдунов О.К., Хамроев М.И.
ТГФЭУ, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 1-й корпус
Сайт журнала: www.vestnik.tgfeu.tj
Сайт ТГФЭУ: www.tgfeu.tj

Editors: Faraydunov O.Q., Hamroev M.I.
TSUFE, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14, Building 1.
Webpage journal: www.vestnik.tgfeu.tj
Webpage: www.tgfeu.tj

Ба чоп супорида шуд 10.06.2025.
Формати 60х84 1/8. Когази офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи RISOGRAPH.
Ҳаҷм 28,5 ҷ. ч. Теъдод 50 нусха.
Дар матбааи ДДМИТ чоп шудааст

Сдано в набор 10.06.2025.
Формат 60х84 1/8. Бумага офсетная.
Гарнитура литературная. Печать RISOGRAPH.
Объём 14,5 усл. печ.л. Тираж 50 экз.
Отпечатано в типографии ТГФЭУ

Signed to print on 10.06.2025
Format 60x84 1/16. Offset paper.
The garniture is literary. Print RISOGRAPH.
The volume of 14,5 conv. b.p. Circulation 50 copies.
Printed in the printing house of TSUFE